АМИР САЙИДИ МУНКӢ

# ҲОКИМОНИ
# МАЗОРИ ҲАЗРАТИ СУЛТОН

/ҚИССАИ ТАЪРИХӢ- БАДЕЪӢ ВА ВОҚЕЪӢ/

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2013

АМИР САЙИДИ МУНКӢ
ҲОКИМОНИМАЗОРИ
ҲАЗРАТИ СУЛТОН

# ҚИССАИ ТАЪРИХӢ-БАДЕӢ ВА ВОҚЕЪӢ

ДУШАНБЕ, «АДИБ» 2013——— САҲ.

ЗЕРИ ТАҲРИРИ НАВИСАНДА- РАҶАБ МАРДОН

МУҲАРРИР ОДИНА МИРАК

АМИР САЙИДИ МУНКӢ

# ҲОКИМОНИ
# МАЗОРИ ҲАЗРАТИ СУЛТОН
(АЗ Лола то Ворис)

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2013

# САРСУХАН

Мазори Ҳазрати Султон мавзеъе аз сарзамини зебоманзари Ховалинг мебошад. Ин гӯшаи биҳиштосои кишвари тоҷик табиати гуворо, таъриху фарҳанг ва тамаддуни хеле қадимиро дар оғӯши худ маҳфуз медорад.

Агарчи аз шаҳраки Ховалинг ва ё Мунки куҳан дар масофаи 18-километр дуриву шимолтар воқеъ бошад ҳам, табиату сарсабзии он аз мавзеъ ва музофот 20-25 рӯз фарқ дорад. Аз Кӯлоби бостонӣ бошад,88-километр дурӣ дошта, табиаташ тамоман дигаргун аст.

Манзараҳои дилфиребу нотакрори ин гӯшаи фирдавсмонанд, ба хусус Дашти Меш, Уштурчаро, Дараи Сомиа, Дараи Аспон, Шикоргаҳ, Чангон ва дигар ҷоҳо ба чашмҳо нуру ба дилҳо сурур мебахшанд.

Чашмаҳои шафофу яхосои мусафо ва ширполои саргаҳи ин мавзеъи нотакрор аз дохили кони зар баромада, сар ба соҳилҳо мезананд ва рӯди Оби Мазорро ташкил медиҳанд.

Тамоми талу теппа ва кӯҳу барзани ин ҷойҳо, ки китобҳои кушодаву нимкушодаро пеши назар меоранд, пурфайзу ганҷофарин, заррезу зархез мебошанд.

Ин гӯшаи ҷаннатосо борҳо ободону ҷазиру валангору макони ҷуғзҳо гаштааст. Охирин бор соли 1958, баъди барҳамхӯрии ноҳияи Ховалинг ва муҳоҷиркунии мардум ҷазиру беодам шуда буд, вале шукронаи Истиқлолият, ки ба шарофати он аз соли 1991 боз ба ободиву шукуфоӣ сар кард. Ва боиси хурсандиву ифтихор аст, ки ба ин гӯшаи хӯрдакаки биҳиштосо Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Э. Раҳмон эътибори махсус дода, ба шарофати он кас хеле ободу гуворо гаштааст. Аз ҳисоби сардори давлат бунёд ёфтани мақбараи Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ дар ин ҷои муқаддас боиси хушбахтиву шукргузориҳо мебошад.[1] Инчунин, дар ин гӯшаи нотакрор бо қарори раиси ноҳияи Ховалинг таъсис ёфтани мамнӯъгоҳи таърихӣ-фарҳангӣ падидаи накӯ аст.

---

[1] Мақбара солҳои 2003-2006 сохта шуда, зимнан китобе бо қалами муаллиф омодаи чоп аст.

Тавре аз масири таърих аён аст, сарфи назар аз қарнҳои хеле пешина, ба хусус замони Сомониён, ин гӯшаи муқаддас дар асрҳои XIX хеле ободу дилфиребу гуворо буд. Ба хусус дар замони салтанати ҳокимиятдории сулолаи Тавилхониҳо дар Хатлонзамин.[1] Ба замми давраҳои ҳукмронии ин сулола, аз соли 1870 то моҳи марти соли 1921 низ ободиашро нигоҳ дошт. Аз солҳои 1820 то моҳи марти соли 1921-рӯзҳои барқарор шудани Хокимияти Шӯроӣ дар Ховалинг ин гӯша қадре мухторият дошт ва онро сулолаи маҳаллии Лолагиҳо ҳукмронӣ мекарданд.

Дар ин асар сухан дар бораи ҳокимони ин сулола: Лола, писари ӯ Сарҳади Лола-Парвоначӣ, набераи вай Алқатун- Қаравулбегӣ, аберааш Қосим-Туқсабо, Ворис ва дигарон, инчунин авзои замону ҳамзамонҳои онҳо меравад, ки ҳокимияти маҳаллӣ бештар аз сад солро дар бар мегирад.

Асар қиссаи таърихӣ-бадеӣ ва воқеъӣ буда, дар давоми пажуҳишу ҷустуҷӯҳои солҳои зиёд омода гашт ва рӯи чопро дид. Ишора намудан кофист, ки он ҳеҷ гоҳ даъвои асари илмиро надорад ва ба назари мо дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихормандии мардум навишта шудааст…

Дар охир ба ҳамаи онҳое, ки дар чопи китоб ба мо дасти ёрӣ дароз намудаанд, аз сидқ минатдорӣ баён мекунам.

Муаллиф.

[1] Аз нимаи асри XIX то соли 1870

**Боби 1.**

# ЛОЛА[1]

## АЗ ҲОКИМИЯТ ТО ШАҲОДАТ.

Соли 1820. Табиат қабои сабзранг ба бар намуда, гулбасар буд. Овози мурғакони хушхон ба садои шаршарҳои кӯҳии гирду атроф ҳамроҳ шуда, форам ба гӯш мерасид.

Насими сабуксайр сару рӯйро лишта, накҳати гулу гиёҳи атромезро ба машом мерасонд. Атроф муаттар буд.

Ҳокими Хатлон Тавилхон бардам-бардам қадам монда, баъди зиёрати Бузургвор ба ҷои таъин намудааш-назди мадраса раҳсипор буд.[2]

Пирони солор, уламову удабои қаламрав зери сояи дарахтон, дар рӯи сабзаҳо маътали омадани ҳоким менишастанд.

Ҳоким бо чанд нафароне омад. Баъди ба ҷо овардани одоби мулоқот сӯҳбат оғоз гашта, тафсид.

… Мақсад аз омадани мо, аввалан, зиёрати Бузургвор ва дуввум аз он иборат аст, ки дар ин қаламрав як шахси донишманд, маъракагӣ, далеру ҷасур ҳоким таъин бикунем. Шахсе бошад, ки ободии ин ҷои муқаддасро ба хубӣ ба дӯш бигирад, -гӯён сӯҳбатро оғоз намуда, мақсадро ба ҳозирин фаҳмонд, Тавилхон.

- Бисёр хуб аст,-овоз баровард яке аз мударисони мадраса.

- Пас, кӣ арзандаи ин вазифа аст? – пурсид ҳоким.

- Лола гуфтанӣ ҷавонмард арзанда аст,- овоз барвоард мудариси дигаре ва илова намуд. – Ӯ шахси донишманд, дар мадарасаҳо нағз хондагӣ, шӯҷоъ, авлодонаш низ одамони хуб буданд. Аз авлоди Амир Оли Ҳасан…

---

1)Лола-номи саромади ҳокимони мавзеъи Мазори Ҳазрати Султон аст.
2) Мардум Мазори Ҳазрати Султонро мухтасаран «Бузургвор» мегӯянд

- Бале, мешавад, арзанда аст Лола,- сухани мударисро тасдиқ кард пирамарде.

- Сазовор аст, меарзад бо имо ва садоҳои паст-паст тасдиқ карданд ҳозирин.

Ҳамин тариқ маслиҳат пухт ва сӯҳбат дар мавзӯи дигар ҷило гирифт…

Ба дастурхони густурда анвои зиёди хӯрокӣ гузошта шуд. Табаққои шӯрбо ҳам паси ҳам расиданд. Мардум дар навбати худ ба хӯрокхӯрӣ сар карданд. Пас аз сӯҳбату хӯрду хӯрок ҳокими Хатлон Тавилхон ба мардум хайру хуш намуда, бо навкаронаш роҳи шаҳрро пеш гирифт.

Рӯзи дигар ду нафаре аз ясавулҳои ҳоким ба назди Лола рафта ӯро ба қабули Тавилхон даъват намуданд.[1]

Лола, ки аз сӯҳбати ҳоким бо шахсони бузургу босаводи Мазор огоҳӣ ёфта буд, ким-чӣ аз дил мегузаронид, вале сир бой намедод ва чизе намегуфт.

Дар соати муайян ясавулҳо ҳамроҳи Лола назди дарбор расиданд. Қалъаи начандон баланду бузурги шаҳр дар гузари Сари Мазор воқеъ буд.

Дар қисми офтоббарои қалъа, онтарафтар аз рӯди чашмаобҳо Гузари Қозӣ доман густурда буд. Дар поёнтари он чанорҳои азиме дар атрофи чашма сарсабзӣ доштанд. Ин ҳамон чашмаву чанорҳои истироҳатгоҳи Қазаған аст. Қазағанхон, ки солҳои 40-50 уми асри XIX зимистон мавзеи Саройро ва тобистон ин гӯшаи Шаҳри Мунки қадимро зистҷо интихоб карда, ҳаёт ба сар мебурд. Ин Амири дӯстдори урфу одати бодиявӣ яке аз авлодҳои Чингизхон буда, ин ҷо истироҳатгоҳи тобистонааш ҳисоб меёфт ва ба шикору ғоратгарӣ шуғл меварзид…[1,2]

Дар кушода шуда, навкаре Лоларо назди ҳоким хонд. Лола мулоим-мулоим қадам монда, ба хонаи корӣ ворид гашт. Дар даруни хона ду нафар менишастанд. Баъди салому алейк Тавилхон овоз баровард:

- Додар, Лола туӣ-, гуфта, ба пурсу пос ва гуфтугӯ сар кард.

---

[1] Ясовул-ходими дарбори мир ё њоким.

1.Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», ҷ. 1. саҳ. 622. Сарой дар ноҳияи Панҷи имрӯза воқеъ мебошад.

- Ҳо, бале.

- Ку пештар биё, ин ҷо бишин

- Хуб,- гуфта, Лола дар назди ӯ нишаст.

- Бинои мусулмонӣ ба чанд навъ аст?-пурсид Тавилхон ва суолу ҷавоб идома ёфт:

- Ба панҷ навъ, аст, - ҷавоб дод Лола.

- Калиди биҳишт чӣ аст?

- Намоз

- Амири Бухоро кист?

- Амир Ҳайдар[1]

… Ҳамин тавр Тавилхон аз Лола бисёр чизҳои мехостагиашро пурсида дилаш аз ин ҷавонмард пур шуда, хушнудона овоз баровард:

- Лола, мехоҳам туро ҳокими Мазори Ҳазрати Султон таъин бикунем. Мехоҳам аз рӯи ҳурмати Бузургвор ба он қаламрав қадре мухторият бидиҳем . Ту чӣ мегӯӣ, розӣ ҳастӣ? Аз ӯҳдаи ҳокимӣ мебароӣ?.

- Чӣ бигӯям,- гӯён лаҳзае сукут кард, Лола.

- Сукут аломати ризогист,-овоз баровард ясавуле

- Набошад, хати ярлиғро ҳозир фавран бигиру аз паи корубор шав, майлаш.

- Хуб албатта, бо мадади Шумо, -гуфта, Лола даст пеши бар розигӣ дод.

Лола ба кор шурӯъ намуд. Қаламрави Мазорро ҳафт сол ихтиёрдорӣ намуда, ба мардум сарварӣ кард. Ба ободонӣ эътино намуда, масҷиду мадраса бунёд кард. Тиллокориро дар саргаҳи қаламраваш, ки кони тилло аст, ҷорӣ намуд. Ҳунармандиву заминдорӣ ва боғдориро тараққӣ дод.

Қалъаи Мазорро, ки дар таҳҷояш боқимондаҳои замони Сомониён ва аз он ҳам пеш нишонаҳо ҳаст, бо мадади Тавилхон обод намуд.

Ба ободонии Бузургвор эътибори хоса дод…

Соли 1827. Ҳокими Хатлон Тавилхон аз олам даргузашт ва ба ҷои ӯ

---

2. Қазаған соли 759 (1357-1358) дар Сарой кушта шудааст.

[1] Амир Ҳайдар-солҳои ҳукмрониаш 1800-1826, умри ӯ 48 сол буд.

писараш Катахон ҳукмрон шуд…

Даврaҳои ҳукмронии Катахон ба солҳои пурфоҷиаву ноором, кашмакашиҳо, ҷангу ҷидолҳои мулкҳои хурд-хурди ҳамсоя рост омад. Лашкаркашиҳо, дахолат ба қаламрави мулкҳои ҳамсоя ва дигар паҳлӯҳои ғасбу ғоратгарӣ ва таллаю тороҷкунӣ аз ҳад мегузашт.

Хоку об ва мардуми Хатлонзамин ин гуфтаҳоро сари ҳар чанд вақт пас, аз сар мегузарониданд ва албатта таърихи мавҳуми он зудуда намешавад.

Яке аз чунин ғоратгарӣ ва хунрезиҳо ҳуҷуми ҳокими Қундуз Муродбеки Қатаған ба хоки Хатлонзамин, ба хусус шаҳри Кӯлоб аст, ки он соли 1832 ба вуқуъ пайваста буд.[1]

Чун дар ин ҳуҷуми ғоратгарони Муродбеки Қатаған мардуми Кӯлоб муқовимати сахт нишон дод, ғосиб дар ғазаб шуда, қувваи зиёде баҳри фатҳи шаҳр сафарбар намуд ва шаҳрро бо машақатҳои зиёд тасхиру ба хок яксон кард. Агарчи одамони зиёде кушта шуда бошанд ҳам, қисмеро ба гарав гирифта, ба Хонаободи Афғонистон бурда, муқими он ҷо, намуданд[2]

Дар ин солҳои пуршӯр дар қаламрави Кӯлоб чаҳор шаҳри ба бозор буд. Якеи он Ховалинг ба ҳисоб мерафт ва баъди ғасбу зеру забар шудани Кӯлоб аз тарафи Муродбеки Қатаған дар замонҳои дигар чун ҷои ҳокимнишин ҳисоб меёфт. Хусусан дар давраҳои ҳукмронии сулолаи Тавилхон марказ буд.[3]

Солҳои 1820-1921. Вашгирди куҳан, ки Файзобод ном гирифта буд, гоҳо дар қаламраву итоати бекҳои Ҳисор ва замонҳои дигаре дар ҳудуди вилояти Хатлон қарор дошт.

Дар замонҳои ҳукмронии Катабий /Катахон/ Файзобод ва як қатор заминҳои поёноби дарёҳои Кофарниҳон ва Вахш, ки ин заминҳо пештар дар қаламрави Хатлон дохил мешуданд, дар ҳудуди Ҳисори Шодмон буданд. Аз ин рӯ, сулолаи Тавилхониҳо мехостанд, ки ин ҷойҳо дар

---

[1] Ш. Юсуфов «Очерки Истории Кулябского бекство в концах XIX и начале XX века г, Душанбе, 1964.саҳ. 28.

[2] Ғ. Ғоибов «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз», Душанбе - 2006

[3] Девони Хотирӣ. Аз нақлҳои мӯйсафедони солори Ховалинг… Мисол байти зерин: …

Диёри Ховалинг пурсаховат,
Намуда пойтахти он вилоят…

қаламрав ва тахти тасарруфи онҳо бошанд.

Ҳокимони Ҳисору Файзобод низ ин ҷойҳоро аз даст доданӣ набуданд. Зиддиятҳои байни ин ду вилоят: Хатлону Ҳисор рӯз ба рӯз қури оташ мегирифтанд. Ҳисориҳо ба ҳар баҳона ба қаламрави Хатлон дахолат карда, мардуми онро чашми дидан надоштанд…

Рӯзе хабаре ба Катахону писари ӯ Мизробхон мерасад. Онҳо аз шунидани хабар дар ғазаб шуда, тадбире ҷӯстанд. Мазмуни хабар ин тавр буд: Рӯзе ду нафар сокини деҳаи Шингиҳою Даҳанаи Поён дар лаби дарёи Вахш ба заршӯӣ машғул буданд. Яке бобои Табар, дигаре Аваз ном доштанд. Аз ин вазъият ёғиҳои мири Файзобод дарак ёфта. онҳоро ба гарав гирифтанд.

Чун аз ин вазъият Аваз, ки ҷавонтар буд, дарак ёфт, фаҳмид ва худро ба дарёи Вахш партофта гурехт. Бобои Табар ба гаравгон гирифта шуд, се сол дар Файзобод асир монд, бо азоб ғуза мекашиду хидмат мекард. Ӯ баъди се сол асирӣ ба диёраш баргашт. Соҳибони мӯйсафед фавран ба ҳокими Хатлон аз ин ҳодиса хабар доданд.[1]

Аз ин вазъият ҳокими Хатлон дар ҷавоб лашкар кашида, аз дарёи Вахш гузашт ва аз деҳаҳои Сари Сада то деҳаи Майдаҳоро тасарруф намуд ва сокинони онҳоро асир гирифта, ба Балҷувон бурд.[2]

Акнун бори дуюм Катахону писараш Мизробхон лашкар кашида, сӯйи мулки Ҳисор раҳсипор гаштанд. Чун онҳо ба Норак расиданд, Катахон роҳи Файзобод ва Мизробхон роҳи Ҳисорро пеш гирифтанд.

Аз ин сафар ҳокимони Ҳисору Файзобод огоҳӣ доштанд ва баҳри ҳифзи қаламравашон омодагӣ мегирифтанд.

Чун Катахон ба деҳаи Чакалӣ расид, хост он ҷо каме дам бигирад. Дар он ҷо дам гирифт ва ҷурғот суроғ намуд. Ҷурғот оварданд. Вақте ки ӯ ҷурғот мехӯрд, ҷангиёни мири Файзобод, ки пештар аз омадани онҳо огоҳӣ ва тайёрӣ доштанд бо супориши Мир ба меҳмонони хатлонӣ вохӯрданд. Ана дар ҳамин лаҳза дар сари дастурхон, ки Катахон ҷурғот мехӯрд.

[1] Аз нақли Суфӣ –Гавҳарбии келини Сарҳади Лола.
[2] Ғ. Ғоибов асари зикршуда саҳ. 475-477.

Гурӯғлихон ном марди ҷангии мири Файзобод бо шамшер гардани Катахонро зада, аз танаш ҷудо кард ва ҷурғоти хӯрдааш аз гулӯи буридааш рехт.[1]

Дар наздикии Ҳисор гурӯҳи дигари хатлониён аз тарафи ҷангиёни Ҳисор асир гирифта шуданд. Дар байни асирони мусофир Лола низ буд… Беки Ҳисор Лоларо назди худ даъват карда пурсид:

-Ту киву аз куҷоӣ?

- Аз Ховалинг, ҳокими Мазори Ҳазрати Султон, - ҷавоб дод Лола.

- Оҳо, ҷавонмарди базеб, ту бо ин одамон ба Ҳисор ба чӣ ният омадӣ?

- Ба нияти сайри Ҳисор.

- Дуруғ мегӯӣ.

- Не ба Худо қасам. Вало, ки рост мегӯям.

Бек ба гурӯҳе фавран супориш дод, ки рафта, дурустии гуфтаҳои Лоларо бисанҷанд.[4,5]

Дастаи беки Ҳисор ба Мазори Ҳазрати Султон рафт.

Маълум шуд, ки гуфтаҳои Лола дурустанд. Бо вуҷуди он, дастҳои писари Лола-Сарҳадро занҷирбанд карда, дар аспи саманди худаш савор карда, аспро кутал карда ба роҳ баромаданд.

Даста 18-20 нафара аз Мазор, Дараи Аспону Шикоргаҳ гузашта, ба Тутак наздик мешуданд. Аз ин вазъияти хандаовар навкарони беки Ҳисор тақ мехӯрданд. Сарҳади занҷирбанд, ба навкарон имо карда овоз баровард:

- Рафиқон, айб нест, шумо 18-20 нафар дасту поямро баста маро мебаред. Розӣ бошед, дастонамро кушоед. Худам меравам, бе шумо ҳам рафта метонам.

- Чӣ, худат меравӣ.?

- Куҷо меравӣ?

- Ҳисор.

- Оҳо, гапа бинед-а.

[1] Асари зикршуда саҳ.475-477

- Ту, чӣ мегӯӣ!-Бо тамасхӯр бо Сарҳад хитоб кард сарвари навкарон.

- Мегӯям, шумо ташвиш мекашед. Агар розӣ бошед, ман худам меравам, назди падараму пеши беки Ҳисор.

- Оҳо, боғайрате, гапа бин-а,-гуфт сардори даста ва ҳамроҳонашро маътал карда, дастони Сарҳадро аз занҷир кушод ва лаҷоми аспро ба дасти ӯ дод.

- Раҳмат,-гуфта, Сарҳад дасти рост пеши бар бурд ва аспро маҳмез зад. Дар ин вакт асп аз навкарон панҷ-шаш метр пеш рафт.

Ба тариқи шӯхӣ Сарҳади ҷавон як қамчин ба аспи бодпо зад,ки асп хеле дур рафт, чун қамчини дуввуму сеюмро зад асп чунон давид,ки аз чашм нопадид щуд ва дар лаҳзае ба назди бозори Ховалинг расид…

Навкарони беки Ҳисор худ ба худ хеле шӯрида, аз кушодани дастони занҷирбанди Сарҳад пушаймон шуданд. Ҳарчанд, ки Сарҳадро ҷустуҷӯ карданд, ӯро дигар наёфтанд…

Сарҳад Балҷувон, Кангурт, Гулуни Зиндону, Чормағзакро гузашта рӯзи дуюм, саҳарӣ ба Қалъаи Ҳисор расид. Ӯ падарашро ёфт ва ӯро дар оғӯш кашида, вазъиятро фаҳмонд. Сарҳад гуфт:

- Навкарони бек дар қаламрави Мазори Ҳазрати Султон шӯру валвала андохта, бетартибиҳо карданд. Қаламрави Мазорро ба қавли худашон тасарруф карда, ҳатто ба зери решаи дарахтон намак рехтанд. Маро занҷирбанд карданд…-гӯён ҳодисаро як-як ба қиблагоҳаш нақл кард Сарҳад,-чун дастони маро кушоданд, ман ҳамроҳи онҳо омаданамро ор дониста, аспи бодпоро қамчин зада, ана омадам.

Аз омадани Сарҳад махрами бек ба ӯ хабар дод. Бек падару писарро бо ҳамроҳии марди тангчашме, ки бо Лола буд, назди худ хонд. Дид, ки аз навкарони фиристодааш дараке нест, вале пеш аз мӯҳлати супориш Сарҳад ин ҷо ҳозир аст. Ғайр аз ин, зебогиву ақлу фаросати падару писарро бек дидаву мушоҳида карда, ба фикр фурӯ рафт…

Чанде пас ба Ховалинг рафтану аз кору кирдори навкаронаш, инчунин сабаби пеш аз вақти муқаррарӣ омадани Сарҳадро пурсон шуд. Сарҳад ҳамаи ҳодисаро бо дурустӣ нақл кард.

Беки Ҳисор аз ростгӯиву далерӣ, шуҷоат ва донишмандии Сарҳад ба ваҷд омада, гуфт:

- Бародар, Лола, ман акнун Шуморо фаҳмидам. Бубахшед гуноҳ аз мо гузаштааст. Туро то омадани навкарҳоям маътал мекунам. Эҳтимол имрӯз то пагоҳ омада бирасанд. Ҳамин, ки омаданд, онҳоро ҷазову туро ҷавоб медиҳам.

- Хуб,- гуфта, сар ҷунбонд Лола.

Лоларо бо он хамроҳонаш ба ҷои худ бурданд.

Сарҳад шаҳри Ҳисорро тамошо карда, дар хонае аз қадрдонҳои падараш меҳмон шуд ва саҳарӣ барвақт дарбор омад. Хабар ёфт, ки падараш кушта шудаасту кушандагонаш номаълум. Пурсу пос дар ин бобат идома дошт… Дар ҳамин лаҳзаҳо боз ғул-ғулае аз даҳан ба даҳан мегузашт, ки мазмунаш ин тавр буд:

Ҳокими Хатлон Катахон дар Файзободи Ҳисор аз дасти Гурғӯлихон номардона кушат шудааст…

Аз ин ҳодисаҳо Мизроб дарак ёфта, мурдаҳоро дар Хатлон гӯронид ва вазъияти ду вилояти ҳамҷавор бадтар шуд.

Мизробшоҳ чанд муддат пас, ки бори сеюм ба мадади шаҳи Дарвоз артиши зиёди мустаҳкаму пуркудрате ташкил намуда, машқ дод, сӯи Ҳисори Шодмон лашкар кашид. Ҳарду тӯпҳои «Ҷаҳонгир»-и ӯ, ки ҳар кадоми онҳоро ду ҷуфти гов мекашид, бо худ гирифта, пеш мерафт. Тӯп ва тӯпчиҳоро Исмоили Деҳнавӣ роҳбарӣ мекард[2]…

Лашкар аз пули Дарвоза - Қалъаи дарёи Вахш гузашта, Мавлаку, Нораку, Чормағзакро паси сар намуд, Файзободро гирифта, Душанберо оташ зад ва то ба шаҳри Ҳисор расид, ба он қуввае муқобилият нишон дод. Чун лашкари ҳокими Хатлон Мизробшоҳ ба лакшари беки Ҳисор дар набард шуд. Бо фармони Мизробшоҳ аз ҳарду тӯпҳои «Ҷаҳонгир»-аш паси ҳам тир холӣ карданд. Тӯпчӣ- Исмоил ҷасорату маҳорати баланд нишон дод. Мирак низ ҳамчунон. Тӯпи Мирак навтару нишонрастар буд…

[2] Исмоили тупчӣ зодаи деҳаи Деҳнави мавзеъи Боландсар буд. Аз ӯ Санг ва Салим ба дунё омаданд. Аз Салим Мирзомурод (1901) Саид ва ду духтар, аз Санг бошад, Ҳасану Ҳусайн ва дигар фарзандон ба дунё омадаанд. Ҳоло бозмондаҳои ин авлод дар ноҳияҳои Ховалингу Восеъ, шаҳри Душанбе ва дигар чойҳо зиндагӣ мекунанд.

Дар натиҷа лашкари беки Ҳисор бе ҷангу хунрезии зиёд таслим шуд ва лашкари Мизробшоҳ ғолиб баромад.

Мизробшоҳ, ки олиму шоир ва муҳандиси донишманд буд, ҳокими Ҳисорро накӯшт, балки бо бародари ӯ Абдукаримхон дуру дароз гуфтугӯ кард, хукмронии Ҳисорро низ ба Абдукаримхон раво дид ва талаб намуд, ки кушандаи падарашро ёфта диҳанд. Мизроб қатъиян талаб карда гуфт:

- «Кушандаи падарамро ба ман супор».

Кушандаи падари Мизроб Гурғӯлихон ном марди ҷангӣ буд ва ӯ аз тарсу ҳарос аз мулки Ҳисор ба назди ҳокими Қаротегин Худойназари атолиқ гурехта буд. Чун Гурғӯлихон ба даст наафтод, додари ӯ Пирназарро ба Мизробхон дастгир карда доданд. Пирназар низ дар он амали ноҷавонмардӣ иштирок карда буд.

Мизробхон Пирназари додари кушандаи падарашро гирифта, ба хоки худ баргашт. Чун дар сари роҳаш аз турку тоҷику марқаъ касе, ки мебаромад, бо занону фарзандонаш асир карда бо худ мебурд.

Мизробхон дар наздикии Балҷувон дар пастхамие асиронро ҷамъ кард ва бар ивази хуни падараш Пирназарро дар даҳони туп гузошта паронид ва дилаш қарор гирифт. Асиронро дар ин ҷо, дар Калтачанор ва ҷойҳои дигар замин дода муқимӣ кард. Ҷои қатли Пирназар, ҷои хуни падар гирифтаи Мизроб Хунобод ном гирифт ва бо ҳамин ном деҳае бунёд ёфт.[1]

Сарҳад баъди ба хок супоридани падараш дар деҳаи Калағраки Мазор зиндагӣ ихтиёр намуд. Мираки тӯпчӣ ягона пуштибону ҳимоятгари ҷасури ӯ буд…

Аз ин ҳаводис соле сипарӣ шуд. Абдукаримхон писари Сайидбек атолиқ - ҳокими нави Ҳисор аз рӯи даъвати пешакии Мизробшоҳ бо ду писаронаш ба Хатлон, ба назди Мизроб омаданд.[2] Мизробшоҳ Абдукаримхонро бо ду нафар писаронаш ва дигарон дида, баъди ба ҷо овардани одоби муошират қитъаи зеринро гуфт:

---

[1] Асари зикршуда. саҳ. 130

[2] Ин гуфтаҳо бо пуррагӣ дар китоби Хотирии Хосиёнӣ навишта шудааст ва мо онро борҳо дар сӯҳбат ва қироати шоиронаи халқ Холл Ислом ва Сайидаҳамади Карим шунидаем…

Ҳар киро давлати шоҳӣ ба сараш меояд,
Душманаш гардани баста ба дараш меояд.
Офарин бар ҳиммати Абдукарим Мирзо Сайид,
Падараш кушта ба назди писараш меояд.[1]

Ва фаҳмид, ки Абдукаримхон дар ҳаросу ноҳинҷор аст, дар ин бобат дигар сухан накушод. Ӯро зиёфати хуб дод ва ба зиёрати Мазори Ҳазрати Султон, ба тамошои сарзамини зебоманзару дилрабои Ховалингу Мӯъминобод, сипас ба шаҳри Кӯлоб бурд. Дар Тамошотеппаи шаҳри Кӯлоб «Наврӯзӣ» буд. Ана дар ҳамон ҷо Мизробу Абдукаримхон якдигарро бародарвор ба оғӯш гирифта, оштӣ мекунанд ва Мизроб мегӯяд: «Кинаи падар то ҳамин рӯз дар синаам манъ буд. Акнун бигзор, ки он дар ҳамин Тамошотеппа монад!».[2]

Мизроб ҳангоми гусел, ки ба Абдукаримхон тӯҳфаҳои зиёд дода буд, гуфт: «Ҳар душмане, ки ба сарат омад, агар ба мо хабар надиҳӣ, худ зомини худ мешавӣ».[3]

Ҳамин тавр, Мизробу Абдукаримхон то охири умрҳои худ дӯстиву бародариро пеш мегиранд…

Мизроб ҳангоми Абдукаримхон ва фарзандонашро ба зиёрати Мазори Ҳазрати Султон ва ба сайри Ховалинг бурдан, ба назди Сарҳад одам фиристонд, то ӯ аз вафоти падараш дар назди меҳмонон чизе нагӯяд.

---

[1] Мо ин сафари Абдукаримхонро аз рӯи ҳикояе бо номи «Мискин» аз девони Хотирии Хосиёнӣ дар китоби «Ховалинг-чашмаи меҳр», «Адиб», 1995 овардаем, аз ин рӯ ғози фикрро раво намедонем. Ишора намудан кофист, ки қитъаи мазкур бо як мазмун ва тағъири баъзе мисраҳо чанд намуд ба мо расидааст… Аз ҷумла асари зикршуда саҳ. 130.
[2] Асари зикршуда саҳ. 131.

## Боби 2.

## Сарҳади Лола[1]

### «Асои пир ба ҷойи пир»

Кӯҳистон. Нимаи аввали асри нуздаҳ, аввалҳои фасли тамуз буд. Ҳама гирду ҷониби деҳа қабои сабз ба бар дошт. Аз чанд тараф чашмаҳои мусаффо чун морҳои печон фашшасзанон аз миёнаи силсилатеппаҳои подомани кӯҳҳои сарсафед ба поён равон буданд.

Шамоли сабуксайр мулоим-мулоим вазида. накҳати гулу гиёҳро ба машом мерасонд. Садои дилрабои мурғакони кӯҳӣ бо нағмаи чир-чиракҳои муқими ин гӯшаи зеботабиату зарнисор, овози шаршараҳои кӯҳиву рӯдҳои аз чашмасорони аз ҷигари кӯҳҳои кони зар ҷоришаванда омехта, чун овози фиттаи форам ба гӯш мерасиданд.

- Сарҳад, ҳо Сарҳад, дар хона ҳастӣ, - овоз баровард марде.

- Ҳо, дар ҳаминҷоям, биё ку, марҳамат,- гӯён Сарҳади Лола ба пешвози онҳо баромад.

- Омадам, вақтамон кам аст. Як пайғом буд, ба Шумо мегӯяму ана ин мактубро дода, пас мегардам.

- Бифармоед, марҳамат.

- Ҳокими Хатлон Мизроб ва мири Ҳисор Абдукаримхон ҳамин рӯз меҳмони Шумо мешаванд.

- Хуб, ку бихонем.

Сарҳад мактубро хонд. Мазмуни мактуб ин буд, ки Абдукаримхон ба меҳмонӣ меояд. Ӯро меҳмондорӣ бикуну аз шаҳодати қиблагоҳат чизе нагӯ. Инчунин дар мактуб пешвозгирӣ, зиёфат ва он чор мисра қитъаи гуфтаи Мизроб оварда шуда буд.

Ясавулҳои Мизробшоҳ бо Сарҳад хайру хуш карда, баромада

---

[3] Асари зикршуда саҳ. 131.

1 Сарҳад баъди ба шаҳодатрасидани падараш ҳокимии ҳудуди Мазори Ҳазрати Султонро ба ӯҳда гирифт.

рафтанд. Сарҳад тараддуди омадани меҳмононро медид.

Чанд соат пас, аз сӯи офтоббаро, аз шафати соҳили рости рӯди Оби Мазор чанд савора намудор шуд. Баъди паси сар шудани лаҳзаҳое онҳо миёни ҳамворӣ ва теппаҳоро бурида ба сӯи деҳа меомаданд.

Хушо, ки боз ин деҳаи дурдаст соҳибмеҳмон шуд.

- Хонаи Сарҳади Лола куҷост, - пурсид яке аз саворон.

- Ҳу ана, он ҷо,- ба дасташ ишора намуда, ба меҳмонон нишон дод писараке.

- Сарҳади Лола дар хонааш бошад?- овоз баровард савори дигаре.

- Ҳо, саҳарӣ ҳаминҷо буд,- посух дод, бачаи дигаре ва бозиашро идома дод.

Саворагон ба назди хонаи похсагини аз дигар биноҳои деҳа фарққунанда омада, якеи онҳо дарвозаро тақ-тақ куфта, овоз баровард:

- Сарҳад, ҳо Сарҳад, ҳамин ҷоӣ ё не? Меҳмон омад!

- Биоед, биоед мо дар ҳамин ҷо, - гӯён марди қоматбаланду хушсимое табассум дар лабон дарвозаро кушода, шӯхиомез илова намуд, - хайрияте, нав чашмонам «роҳ» дида буд. Марҳамат, дароед, хушомадед.

Меҳмонон ба ҳавлӣ даромаданд. Чанд нафаре аз ҷавонон ба пешвоз баромада, аспҳои меҳмононро ҷо ба ҷо мекарданд.

- Мирак, ҳо Мирак, ту ин ҷо биё. Даррав дар сӯфаи тор ҷо соз кун,- гӯён соҳибхона ба ҷавонмарди мешчашму қоматбаланд супориш дод.

- Хуб-, гӯён аз паи супориш шуд Мирак.

- Бай-, бай! Аҷаб, табиати зебову биҳиштосо,- яке аз ҳозирин, ки Абдукарим-парвоначӣ буданаш маълум шуд, ба манзараҳои табиати атроф дида давонда, суханашро идома дод, - Кош дар қаламрави мо ҳамин зайл ҷоҳо мебуд. Ҷойҳои хушманзар бисёр дорем, вале на ин тавр фирдавсмонанд.

- Ҳа, бале, дар вилояти мо чунин ҷойҳо ҳастанд, вале на ба ин поя зебову аҷиб, -овоз баровард яке аз ҳамроҳони Абдукаримхон.

- Ин як гӯшаи музофоти мост.

Ҳу ана, он хамии кӯҳи барфпӯшро бин, ҳамагӣ ду-се фарсах дур

бошад ҳам, ин ду гӯша табиати ба худ хос доранд. Баҳор дар яке назар ба дигар даҳ- дувоздаҳ рӯз дертар ҳукмрон аст, - гӯён соҳибмулк ин гӯшаи нозанини қаламравро тавсиф намуд,- ҷое, ки мову шумо истодаем бо гирду атрофаш ҳама кони зар аст. Об, табиат, наботот ва умуман олами нуҳуши ин ҷо бо зар алоқамандӣ дорад. Худи ҳудуди хурдакаки Мазор се намуди обу ҳаворо дорост…

- Бале, бале. Заркорӣ ҳам хеле зиёд будааст.

- Ҳа, заркори худӣ он тараф истад, хориҷиву соилҳо ҳам бисёр аст.

- Марҳамат, ҷо тайёр, гузаред, - гӯён ҷавоне, ки Мирак ном доштанаш маълум шуд, дасти рост пеши сина бо чеҳраи кушода меҳмононро ба нишастан даъват намуд.

- Биёед, гузаред, давоми сухан дар сари дастурхон хуш аст.

Меҳмонон ба болои сӯфаи баландӣ баромада, давра нишастанд.

Дар байн даструхон густурда шуд. Анвои гуногуни хӯрокиҳо паси ҳам болои хони пурнозу неъмат ҷо мегирифтанд.

Баъди дуову фотиҳа сӯҳбат рӯшану барангезтар қур мегирифт.

- Бародар, Сарҳад, моро шинохтӣ,- гӯён шӯхиомез зи нав сухан оғоз намуд Мизробхон.

- Ҳа, ака, лекин барои мо меҳмон меҳмон аст. атои Худо, нури дида, тоҷи сар, ба чашм. Тамоми ин гӯшаи биҳиштосо фарши мақдаматон.

- Ташаккур. Мехоҳам меҳмононро бори дигар шинос кунам.

- Марҳамат, бифармоед.

- Банда, Мизробхон- ҳокими Хатлон, худат нағз медонӣ, ана ин кас Абдукаримхон-беки Ҳисори Шодмон валади Муҳаммад Саийдбийи атолиқ.[1]

Ин кас Хотирӣ.-Бозор Хотири Хосиёнӣ… Сарҳад аз ин суханон ким-чие аз дил гузаронида, лаҳзае хомӯш монд ва пас овоз баровард:

- Ташаккур, хуш омадед, хоки патон тӯтиё. Чӣ хуш, ки шумо, бузургон ба ин хонаи норӯфтаи мо қадам ранҷа фармудед…

- Ҳа, зиндагӣ, бародар. Мо аз маърифати салосату фасоҳати сухан ва

---

[1] Солҳои ҳукмронии Абдукаримхон 1841-1860. Мизроб солҳои 1841-1854 ҳокими Хатлон буд.

санъати меҳмондории марҳуми қиблагоҳатон ва худи Шумо бохабарем. Дар бораи Шумо ва бародаратон Мирак низ суханҳои зиёди накӯе шунидаем. Ҳамин, ки дар ин сафар аз зиёрати бузурворҳо баргаштем, хостем лаҳзаҳое бо Шумо бошему бо ҳам дидор бинем ва ба хотири рӯҳи қиблагоҳи зиндаёдат фотиҳае хонем.

- Ташаккур, хуш омадед, бифармоед,-гуфт Сарҳад ва даст пеши бар, рӯ ба замин хомӯш монд…

- Эшони домулло, марҳамат, «омин»,- гуфта, як дуо хонед, овоз баровард Мизробхон баъди дар суфа нишастан.

Омин…

Чун дуову фотиҳа хонад шуд, Мизроб ба Сарҳад рӯ оварда овоз баровард:

- Сарҳад, додарам, сабукиву ғурӯри ҷавониро аз сар парто.

Қиблагоҳат одами хуб буд, лекин кас, он чӣ, ки дар лавҳи пешониаш аст, онро бечуну чаро мебинад. Ин розигии Худо буд. Дар тақдири мову Шумо ҳамин будааст… Аз номи ин меҳмонону ҳама мардуми Ҳисори Шодмон ба ту ва авлоду аҷдодат  бахшиш, фаҳмидед. Агар бубахшед дигар ин ҳодиса боиси ғози сухан нест. Ҳамин тавр не, Соқӣ?-гӯён ҳам ба Сарҳаду ҳам ба Хотирӣ имову ишора намуд ҳокими Хатлон, Мизроб.

– Бале, бале,-сар ҷунбонида ба гап даромад Хотирӣ,-бахшишу омӯрзиш бисёр фазилати хуб доранд. Биё, Сарҳад, то боди болоро боло ва боди поёнро поён барад, бубахш.

- Чаро не, ҳазор бор бахшидам,-даст пеши бар гузошта, гуфт Сарҳад, аз қисмату тақдир албатта ҳеҷ кас гурехта наметавонад…

- Бале, офарин Сарҳад, - гӯён Хотирӣ ба қироати ғазале сар кард.

Аз ёди ту бегонаву гулгуна ба ашкам,
Варна талаби Лолаву насрин кию ман кӣ?

Ва бар сари раҳ бо ғазабаш гашта дучорам.
Парҳез аз он шӯхи ҷафоин кию ман кӣ?

Гар ӯ нагузаштӣ, ба дарам по наниҳодӣ,
Рӯ бар кафи ин пои нигорин кию ман кӣ?

Лутфаш ба суроғ омаду бинвохт бад-инам,
Варна раҳи ин миллату оин кию ман кӣ?

Гар ҷазбаи дидор набахшидӣ ривоҷам,
Дар кӯи ту бо Хотири ғамгин кию ман кӣ?

- Офарин устод, ҳазор бор офарин,- гуфт Абдукаримхон ва сар хам карда, маънидорона сар ҷунбонида…

Ҳама меҳмонон лаҳзае хомӯш монда, ба фикр фурӯ рафтанд ва ин хомӯширо овози Сарҳад идома бахшид:

- Тасаддуқатон шавам, Ҳазратам. Ҳамаатон хуш омадед. Гапатон дурусту ҷонбахши қалбҳост. Дигар ягон ҳуҷҷати ҳоҷати гила нест… Мо, намояндаи як қавми шаҳрӣ, насиб будаасту ин хоку оби бобоиро посбон шудем. То солҳои наздик равуои қавми мо бо хешу таборони Даҳбеди Самарқандамон хеле қавӣ буд. Чадди бузурворамон Амир Оли Ҳасан он ҷо мадфуну хоку туроб аст. Аз писарашон Амир Некбахту, аз духтарашон Моҳи Тобони ҳамноми духтари Ҳазрати Амирҷон чизе намедонем…

- Оҳо, Шумо аз авлоди хеле бузургед. Набераҳои Амир Оли Ҳасан, гӯед, ки набера ва ё абераи  кадоме аз писарҳояшон: Амир Шоҳимард, Амир Абӯсаийд ва ё Амир Умар.

- Мо боқимондаҳои Амир Абӯсаидем. Ҷадди бузугворамон Абӯсайид, фарзанди нахустини Ҳазарати Амир Оли Ҳасан ва ё он касро Амир Абуҳасан ҳам мегуфтанд, мебошанд.

- Бале ман ҳикояти чӣ тавр аз бозгашти зиёрати Ҳазрати Султон ва пас зиёрати Ҳазрати Шоҳи Абдол омада, дар деҳае дар ин наздикиҳо меҳмон шудану муқимии якумраи бобокалонатон Ҳазарати Амир Оли Ҳасанро нағз медонам. Агар вақт даст диҳад, нақл мекунам… Кофист

бигӯям, ки он кас аз ду духтари марди ахшугӣ Амир Саийд Аҳмад на душизаашро, балки муҷарради бӯи бағал шамидаашро ба занӣ гирифт. Ҳол он, ки он мард Амр Саийд Аҳмад ду муштипарро ба ӯ пешниҳод кард…

- Оре, он Ҳазрат аз аҳли илму фарҳанг буданд. Маърифат ӯ дар ин музофот хеле реша давонда аст. Давоми насли ӯ аксар донишманду адибу паҳлавону мардони ҷасӯранд. Бо вуҷуди он, ҳам писару ҳам духатронаш низ зебою соҳибистеъдоду закӣ мебошанд…

- Аҳсант ба саромади ин авлод.

Хӯрокиҳо: шӯрбо, кабобу палав тайёр шуданд. Ҳар як хӯрокии пӯхташуда паси ҳам кашида шуданд. Дар ҳавои беғубори ин гӯшаи биҳиштосо кас ҳаловат мебурд, рӯҳу илҳом мегирифт ва мурғи хаёлоташ ба дуриҳо парвоз мекард.

Баъди хӯрду хӯрок риштаи сӯҳбат ба сӯи олами адаб ва шеру суруд кашида шуд.

Хушо Хатлону хуш обу ҳавояш,
Зи офатҳо нигаҳ дорад Худояш.
Амири он вилоят аст Мизроб,
Суханвар, олиму шоир ба ҳар боб…

Шоир Хотирӣ ҷилави суханро лаҳзае ба даст гирифта, чанде аз чакидаҳои килку ҳосили таъбашро моҳирона қироат намуд.

Мизроби ҳокими шоиртабъ низ чанд шеъри худро зам-зама кард:

Дар зери чархи гардун ҳар кас, ки ҳуш дорад,
Аз шикваву шикоят лабро хамӯш дорад.
Нашнидаӣ зи Мизроб эй дӯст ин суханро,
Сархор чашм дорад, девор мӯш дорад…

x x x

Тараққӣ дар шукуфтан дорад оҳанги дили тангам,
Гули боғи баҳорам, соғарам, паймонаам, рангам.
Зи доғи нотавонӣ дар вуҷуди хеш дилгирам,
Тунукзарфам, ҳарирам, шишаам омодаи сангам…

…Ба қонуни дили худ мезанам мизроб бо нохун,

Навои сози базмам, бар сари банголаву чангам

Сарҳад низ аз ашъори ҳарду ин шоирон ва боз аз чанде аз адибони классики форсу тоҷик ва адибони маҳаллии Ҳисор; Парии Ҳисорӣ, Мавзуни Ирсӣ, Мункӣ ва дигарон шеъру ғазалҳое қироат намуда, бо суханони пӯхтаву суфтаи худ, хотири ҳозиринро шод намуд. Абдукаримхон-парвоначӣ-беки Ҳисор, ки бо ду писараш ва чанд нафари дигар омада буданд, аз ин сӯҳбати гуворо ба ваҷд омада, аз обу ҳавои нотакрор баҳравар мешуд. Ӯ ба чокарони худ супориш дод, ки чилимро оварда омодаи истифода намоянд. Хизматгорон ҳамон тавр карданд. Акнун ӯ саргарми машғулияти худ шуда, гоҳ ба ангезиши забонаи оташи лахчаҳои зери «пар»-и чилим дида дӯхта, гаҳе ба дуди кабудранги ба фазои мусаффо дар парвоз. Гоҳ ба дастурхону табиати афсункори атроф. Аз ҳама беш рафтору гуфтор, меҳмондорӣ, рангу рӯ ва қаду басти Сарҳад диққати ӯро ба худ кашида буд. Ин буд, ки дар миёни сӯҳбат, ҷилави суханро ба сӯи худ кашида, овоз баровард:

- Дӯстам, Мизробшоҳ, бубахшед, ки сӯҳбатро мебурам.

- Гап не, бифармоед.

- Мехоҳам бифаҳмам, ки Сарҳад ба кадом муносибат ин номро гирифтааст?

- Ҳа, бародар, гуфтагӣ ворӣ, тавре пештар ишора кардам, авлодони мо аз ин ҷо садсолаҳои қаблӣ ба Даҳбеди Самарқанд рафтаанд. Чанд муддатҳое онҷо муқим буданд. Чун ба зулму таадӣ тоб наовардаанд, боз сӯи ватанҳои бобогии худ роҳ пеш гирифтанд. Ҷадди мо Амир Оли Ҳасан низ аз он мардум аст, ки пештар дар сифаташ он  гап рафта буд. Ҳамин, ки мо, фарзандони Амир Абӯсийд ин ҷо мондем, сарҳадӣ шудем. Охир, ин қаламравҳо саргаҳу сарҳади Хатлонзамин аст. Ана ҳамин сарҳадро ба инобат гирифта, қиблагоҳ маро Сарҳад ном мондааст. Дар назди падар, дар мадрасаҳо хонда,  хату саводу маълумот гирифтам, ҳоло китобдорӣ ҳам мекунам…

- Хеле хуб, бигӯед, ки чӣ машғулияте доред?

- Чӣ пинҳон кунам? Ба фарзандони мардуми деҳа таълим медиҳам.Гуфтам-ку китобдорӣ мекунам. Машқи мирзогӣ ҳам мекунам… Дар вақтҳои бекорӣ гоҳ-гоҳ ба заргариву кишоварзӣ шуғл меварзам,-гуфт Сарҳад ва каме ба як нуқта чашм давонда, лаҳзае хомӯш монд…

- Аз фаросату истеъдод ва маърифати Сарҳад дарёфтам, ки ӯ ҳокимзеб аст. Кош дар мулки Ҳисор чунин фард чандин нафар мебуд. Мехоҳӣ туро дар дарбор ба кор бигирам ва ё дар навоҳие амалдорат таъин бикунам?

Аз мурочиату суоли Абдукаримхон парвоначии беки Ҳисор Сарҳад хомӯш монда, ду дасташро каме ба ду чакаи сараш пойрам кард ва лаҳзае ба тарафи меҳмонон назар намуд ва боз хомӯширо ихтиёр кард.

- Не, дӯстам, Абдукаримхон, худатро ташвиш надеҳ.

Сарҳад арзишманди ҳаргуна амалҳои баландтарини дарбори ҳокимияти мост. Ман мехоҳам ӯро ҳокими қаламрави Мазори Ҳазрати Султон, дар чои падараш таъин бикунам. Ба хаёлам, ба қаламрави муайяни Мазори Ҳазрати Султон мухторият додан ҳам фарз аст ва ҳам суннат. Албатта ин фикрҳоро амалӣ хоҳам кард. Ин гӯшаи бузург эҳтиёчманди Сарҳад барин, чавонҳост «Асои пир- ба чои пир» гуфтаанд. Ӯ яке аз донишмандону соҳибистеъдодҳост. Агар не, пас фикрҳоятонро баён кунед. Соқӣ, Устод Хотирӣ бифармоед, дуруст ё на?!

- Бале, «То мард сухан нагуфта бошад,

Айбу ҳунараш нуҳфта бошад…» - фармудааст Саъдии бузургвор. Ба фикрам, Сарҳад як падида дар ҳаёти имрӯза аст.

- Ту чӣ мегӯӣ, Оина?

- Почо сояи Худо аст,- гуфтаанд. Шумо чизе, ки гӯед, мо розӣ.

- Набошад, Сарҳад, кори имрӯзаро ба фардо нагузор, ҳоло тайёр шав, ҳамроҳи мо рафта, хати фармон ба даст бигир туро дар Мазори Ҳазрати Султон-зодгоҳи ачдодӣ ба чои падарат ҳоким тайин мекунем ва Худо почо. Шунидам, ки баъди ба шаҳодат расидани падарат, ба чои ӯ кор карданро рад намудаӣ. Ин кори хуб нест, ин беҳурматист, мефаҳмӣ…

Сарҳад, ташаккури зиёд. Ба мо дуову рухсат бидеҳ.[1,2,3]

Илоҳо омин…

## Нахустҷамъомад

- Бародарони арҷманд, падарону бобоҳо. Имрӯз насиби кору зиндагии боҳами мову шумо фаро расидааст. Маро мешиноседу медонед аз вазъи ба шаҳодат расидани қиблагоҳам огоҳӣ доред… Нашунидам нагӯед. Ба аҳли айёл, занони духтарон, бечорагону дармондагон ва касоне, ки дар қаламрави Мазори Ҳазрати Султон ҳаёт ба сар мебаранд расонед, ки боз ба ворисии ин хоку об камар банданд. аз замину об ва боигариҳои табиат, ки ҳама тӯҳфаҳои бебаҳоянд, самаранок бояд истифода барем, - гӯён Сарҳади Лола ҷилави сухан дар даст суханашро дар ин ҷамъомад ба таъкид тобу ҷило дод. Бародарон, дар ҷараёни зиндагӣ ҳаку ҳуқуқи фарзанд дар зиммаи падару модар бисьёр аст. Дар қатори бист ҳақи фарзанд, нахустинаш интихоби ҳамсари солеҳ барои худ мебошад. Зеро зани некӯ ганҷинаи фарзанди некӯст. Баъд аз он, Худованди Карим низ бар талаби фарзанди накӯ дуоро, ки дар сураи 74 Фурқон таълим додааст: «Раббано ҳаб лано мин азвоҷно ва зурриятино куррата аъюин». Яъне Парвардигор! Аз ҳамсар ва фарзандонам чашмони маро равшан фармо! Зарур медонам, ки дилҳои мову шумо ва фарзандон поку сиҳати накӯ бошанд, то баҳри накшаҳои зиндагӣ некиҳое аз худ боқӣ гузорем…

Ҳаёти беадаб ҳам таъсири манфӣ дорад. Аз ин рӯ, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ фармудааст:

Хоҷа дарёб, ки ҷон дар тани инсон адаб аст,<br>
Ҳама аз олами улвист, шарифи ҷон адаб аст.<br>
Як-ду рӯзе, ки дар ин хонаи танг меҳмонӣ,

---

1. Ин лаҳзаҳо охири баҳори тақрибан солҳои 1841-1842 буд. Солҳои ҳукмронии Мизроб 1841-1854 ва аз Абдукаримхон 1841-1869 буд.
2. Оиди ин сафар нигаред. Ғолиб Ғоибов «Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе», «Амри илм», 1999. саҳ.131
3. Ин саргузашт аз даҳони шоири халқ Сайидаҳмади Карим (1912-1992) ва бобои Мулло Ятими Раҳим (1896-1986) навишта гирифта шудааст. Нависанда муаллиф.

Боадаб бош, ки хосияти меҳмон адаб аст…

- Боадабӣ ҳам ҳунару маърифат мебошад, ҳамин тавр не?

-Бале.

-Ҳо.

- Офарин.

- Дар назди мо адибону донишмандон нишастаанд. Ва мехоҳам шуморо аз пайванди ногусастании ҳаёту фаъолияти «Суҳайли Яманӣ»- меросдори арзишҳои ҳадисҳои Набавӣ, ҳакими Яманӣ, орифу зоҳиду суфӣ ва авлиёи барҳақи олами Ислом Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ бо адабиёт каме ошно намоям.

Агар ба таърихи боғановати олами Ислом нигарем, дар бораи ин бузургвор, яъне Увайси Қаранӣ Пайғамбари охирзамон Ҳазрати Муҳаммад (с) бисёр ҳадисҳо гуфтааст. Бузургвор меросдори он арзишҳост ва асосан аз рӯи ҳурмати модару амалҳои нек ба мартабаи бебаҳои ишорашуда расида.

Аз Увайсу аз Қаран бӯи аҷаб,

Мар Набиро (с) маст карду пуртараб…

фармудааст дар яке аз шеърҳояш Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхӣ.

Ё аз Хоҷа Ҳофиз зимнан ёде бикунем, ӯ аз ҷумла фармуда:

… То абад маъмур бод к-ин хона аз хоки дараш,

Ҳар нафас бо бӯи Раҳмон оварад боди Яман…

Ҳамин тариқ адибон то ба Мулло Мунҷири Кӯҳистонӣ ва бисёр дигарон зимнан таъкиду ишораҳо доранд. Масалан Мулло Мунҷир, ки дар фироқи духтари ҳаждаҳсолааш нобино гашта буд, ёде аз заририи модари Увайси Қаранӣ ва ҳадисҳои Набавӣ дар шаъни ӯ карда, ишора менамояд:

Ҳар бод, ки аз савби Яман сӯи ман ояд,

Чун бӯи Худо аз дами Увайси Қаран ояд.

Мунҷир чу Яъқуб гашт ин чашми ту равшан,

К-аз Юсуфи Мисрат хабари пираҳан ояд…

Сираҳнависон низ дар ин бора бисёр навиштаанд.

Ёд бод он «Боди Яманӣ»-ву насими «Раҳмонӣ», он бузургиву

парҳезкорӣ ва фирорҳо аз шӯҳрат, аз ҳурмати модари зарир ва амалҳои некӯ шафоатбахшии ситораи тобони ҷаҳони Ислом Суҳайли Яманӣ Увайси Қаранӣ…

- Дар нишастгоҳи дигар дар ин бора таваққуф хоҳем намуд. Ва аввалан оғози корро мехоҳам аз тармими турбати Бузургвор, тозаву озода кардани чашмаҳои Шифо, Мурод, Раҳмат, Мағфират ва Ҷамъи дарду давоҳо оғоз кунем.

Ин амал равост? Ҳазрати Оина, Шумо чӣ гуфтаниед, зимнан бифармоед?

- Дуруст аст. Беҳтарин фикр. Таъкиди Мирам ҳам ҳамин мазмун дошт. Бузургвор зиёратҷои мӯминон аст.[1]

Аз тамоми мамолики олам ба зиёрат омадани мардум ҷоиз мебошад.

- Фикри шумо, бародарон?

- Маслиҳати оличаноб…

- Кори хуб аст.

- Руфақо маълум, ки мардуми қаламрав ба зироаткориву боғдорӣ чорводорӣ ва бофандагӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, чармгарӣ муҳимаш тиллокорӣ машғуланд. Таъкид ҳамин, ки ҳама бо дили софу солими парҳез аз ботлоқи ғадри ҳаққи ҳамдигар, ғариву дуздӣ, чашмгуруснагӣ, асосан аз ду нафс. Мӯъҷизаи зару ин хоку обро фаромӯш накунед ва тимсоли худонописандии Ёдгор ва ҳикояти «Ёдгорбас», ки имрӯз ҷои нақбу гӯри ӯ дар рӯ ба рӯи мо ба деҳе табдил ёфтааст ва онро бо хубӣ медонед, фаромӯш накунед.[2]

Дар ёд дошта бошед, ки ҳокими мулкамон Мизробшоҳ гуфта аст:

«Худо ҳаст, шариат ҳаст, ман ҳастам. Дар қаламрави Хатлон мавҷудияти миршаб раво набошад. Ҳама бо талаботи қонунҳои шариат, каломулло-сарқонун. Ҷазо аз упоқу дурра то ба дор. Сангсору ҷазо дар дори обӣ баландтарин ҷазоҳо…»

Мо ҳам тарафдору ёру ёвари ҳокиму мулкем.

Имрӯз дар қаламрав бекор кардани миршаб фоли нек аст. Дори обии

---

[1] Мир Мизробро дар назар дошт.

[2] Ёдгорбас дар қисми шимолӣ, 4-5 киллометр болотари деҳаи Мазори Ҳазрати Султон воқеъ аст.

назди деҳи ҳамномаш Доробӣ низ таъсиргаҳу тарбиятгоҳ мебошад. Ана бинед, аз машқи сарбозон дар дори обӣ, дар корзорҳо чӣ натоиҷе хуб буд.

Гап нест?

Бародарон, касе чизе гуфтанӣ ҳаст? Суоле бошад бе ибо бигӯед.

- Ҳама дуруст.

- Набошад, Ҳазрати Оина, омин…[1]

Омин ва рабъалоламин…

- Офарин, монда набошед. Ҳамин, ки гирду ҷониби турбати Бузургвор аз чубу чахси пӯсидаву фурӯрафта тоза шуд, ҷои дуохониву зиёратҷо ҳатман ба тартиб дароварда шавад,- гӯён ҳокими нави қаламрави Мазор сарҳади Лола кору бори ҳашарчиҳоро аз назар гузаронида, иҷрои нақшаҳояшро муоина мекард,- ҳу ана дар бари боло, қисми офтобнишини чашмаҳо сӯфае барои дуохонӣ тайёр кардан лозим. Гирдогирди турбат аз сангҳои нисбатан калони сангов парчин карда шавад.

- Роҳ ба назди Мазори Халифа Бобо Умар тайёр шуд. Чубу чахси сари роҳ дигар намонд. Деҳа низ симои дигар гирифт,- гуфт аминоначӣ ва илова кард,- агар бемалол бошад, ҳазратам як сари қадам ба кӯчаҳои байни деҳ рафта, аз натоиҷи ҳашар дидан бикунед.[2]

- Хуб, рафтем.

Ҳарду аз байни кӯчаҳои деҳа, ки миёни онро рӯди Оби Мазор мебурид, назаркунон гап мезаданд. Марду зан ва пиру барно ҳанӯзам, машғули рӯбу чину кору бор буданд. Дар қалби мардум иқдоми неки ҳокими Мазор Сарҳади Лола шӯъла зада, ангезиш меёфт. Аз он меболиданд, ки ҳокими донишманду бо маърифат имрӯз сарвар ва дар байни онҳост. Ба мардуми хоксори оддӣ ин амале буд накӯ ва нахустин.

Чун Сарҳад ба назди қалъаи қадима-Калоти Мазор наздик шуд, манзарае дар қалбаш маъво гирифт. Рӯди морпечи чашмаҳои мусаффои Гармобаи табиӣ аз подомани Бузургвор миёни тарафи офтобнишини деҳаро убур карда, ба дарёчаи Оби Мазор омезиш меёфт. Табиат гуворо

---

[1] Оина тахаллуси шоири маҳаллии он замон буда, ному насабаш ба мо маълум нашудааст.

[2] Аминоначӣ-вакили деҳа.

менамуд. Чун ба болои қалъаи қадимаи баланди боҳашамат баромаданд, тамоми таҳдошти Мунки қадим ва ё Ховалинги кунунӣ намудор буд. Муоина ва ба нақшагирии бунёду тармими Калот идома дошт…

- Ассалому алайкум Мирам, - мебахшед, ки суханатонро мебурам.

- Воалайкум ассалом. Чӣ мехоҳӣ, бигӯй?

- Хушо, ки ҳашар дар Шикоргаҳ, Дараи аспон, Қурнайча, Тутак, Сурхсеб, Ёдгорбас, Буққахӯрон ва дигар деҳаҳои қаламрав хеле муносиб идома ёфтааст. Тамоми ҷӯю саргаҳи рӯдҳо, чашмаву ҷойҳои даркорӣ тозаю озода шудаанд. Кӯчаю даромадгоҳи деҳаҳо ва гӯристонҳо тарҳи гуворо гирифтанд. Агар супорише боз ба мо бошад, хоҳиш мекунам, бифармоед.

- Ташаккур, кори хуб хуб аст. Ҳашар нишони бохирадиву дӯстӣ ва бародарии гузаштагони моён ба шумор меравад. Акнун навбати бунёдкориҳо фаро мерасад.

- Илова карданиам, то он фаромӯш нашавад. Бидидам, вазъи хӯрду хӯроки ҳашарӣ тавре ин ҷо гуворо аст, дар дигар деҳаҳо низ аз хонаи дудбаро «нон»-и зиёд табақ-табақ анвои хӯрокҳо баҳри наҳории ҳашарчиён оварданд. Корҳо сидқӣ ба сомон расонида шудаанд.

- Хеле хуб, Худованди мутаол дар ин гӯшаи дурдасти муқаддас файзу нусрате чун борони раҳмат рехтааст. Садқаи Худо ва шафоати Бузургвор. Моро низ бо авзои пурмуҳтавои аз сидқи дили солим ҷӯшзананда ба кору бор, зиндагиву тоату ибодати пайваста ба ободкуниву бунёдкориҳо пардохтанамон лозим аст. Акнун овардани об ба воситаи қубурҳои кулолин аз чашмаи Заки Шакар ба подомони қалъа, ободонии Калоти мазкур, ки ҳазорҳо сол пеш ободӣ дошт, бунёд ва таъмиру тармими масҷиду мадрасаҳо, ба роҳи рост ҳидоят намудани мардум, бомаълумоту саводнок намудани фарзандон ва дигар кору нақшаҳои дурнамо дар пешанд. Худо хоҳад бо шафоати Бузургвор ва мадади мардум ҳамаи онҳоро як-як ба навбаташ амалӣ хоҳем кард.

Ҳамин тавр, ҳашар ба хубӣ ба анҷом расид ва мардум боз дилгарму осудатар шуданд. Аз вориси донишманду бо маърифати мӯъмину

мусулмони худ меболиданд. «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост,» мегуфтанд пирони донову солор. Ҳашарҳо бо навбат дар Калағрак, Дашти Меш, Тутак, Фаркак, Сурхсеб, Баққахӯрон, Алишер, Ёдгорбас, Хингак, Қурғсой, Дараи Аспон, Шикоргаҳ, Дараи Сомиа, Қурнайча ва дигар деҳаҳо низ гузаронида шуданд…[1]

## ДАР ҶАМЪОМАДИ ДОНИШОМӮЗУ УЛАМОҲО

Саҳни масҷиду мадрасаи назди оромгоҳи Бузургвор ба таври хоса оро ёфта буд. Саф-саф ҳозирин болои курпачаҳои рӯи шолу намадҳо нишаста, ба ҳам дар ҳар хусус сӯҳбат доштанд. Садои ҳозиринро овози рӯду шаршараҳои атроф, оби сангоб ва овози савти ҳазор достону дигар мурғакони хушхон халадор мекарданд.

Саҳни чоркунҷаи пур аз одам ва қабои сабзранги замину долу дарахт хеле гуворову мӯъҷизаосо ба назар мерасиданд.

Насимаки шух бӯи муаттари гулу гиёҳ ва хуштар аз он бӯи хосаеро ба димоғ мерасонд, ки кас аз он ба дарёи хаёл ғӯттавар мешуд. Бале, ёде аз он ҳадисҳои Набавиву чакидаҳо уламову удабо пеш меомад. Кас ба «боди Яман»-иву «Бӯи Раҳмонӣ» ва ишораҳои бузургон мутаваҷеҳ мешавад. Маҳз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ дар иртибот бо ин фикр фармуда:

Сӯфӣ аз партави мироз ниҳонӣ донист,
Гавҳар ҳар кас аз ин лаъли тавонӣ донист.
Қадри маҷмӯъаи гул мурғи саҳар донаду бас,
Ки на ҳар-кӯ вараќи хонда маонӣ донист.
Арз кардам ду ҷаҳон бар дили корафтода,
Ба ҷуз аз ишқи ту боқӣ ҳам фонӣ донист.
Сангу гилро кунад аз Яман назар лаълу ақиқ,
Ҳар, ки қадри нафаси боди Яманӣ донист...

Ё шоири машҳури қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ Ҳоҷӯи Кирмонӣ роҷеъ ба

[1] Аз нақли марҳум бобои Мираки Калағракии 125 сола. Соли вафоташ 2003, мо инро соли 2002 аз даҳони ӯ навишта гирифта будем. Муаллиф.

рӯи ирфонӣ ва дақоиқи рӯҳонӣ аз бӯи Увайс, оҳи Увайс, ҷони Увайс ва дили Увайс ёде намуда, аз ҷумла ишора менамоянд:

Солики дил ёфтӣ накҳати рӯҳ алқудус,

Чун Набии Ясриб бӯи Увайси Қаран…

Ва ғайраҳову ҳоказоҳо…

Чун Сарҳади Лола бо чанд тане сӯи мардуми он ҷо ҷамъомада, раҳсипор буданд, аз ин ташрифи муборак ҳозирин ҳамагӣ аз ҷо бархеста, одоби муоширату мулоқот ба ҷо оварданд. Ин манзара амале аз гуфтаҳои одобномаву саломномаҳои китоби «Одоб-ул-асҳоб»-и Фахриддин Алӣ Сафӣ-писари Ҳусайн Воизи Кошифӣ, хоҳарзодаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро пеши назар меоварад. Дар ҳақиқат ҳамаи шохаҳои зиндагӣ, ба хусус мулоқоту вохӯрӣ ва ғайраҳо маърифату одоби ба худ хос доранд. Ва ба ҷо овардани ин гуфтаҳои бузургон хеле манфиатнок аст.

Сарҳади Лола болои сандалие рӯ ба рӯи ҳозирин нишаста, ба сӯҳбат ҳусни оғоз бахшид:

- Аввало аз ширкататон дар ин маҳфил муташаккиру мамнунам. Мехоҳам ба Шумо, рӯшанфикру чашму дили Исލому ҳақиқати он, чароғҳои мунаввари олами ҳастӣ сӯҳбате дошта бошем. Чӣ мегӯед, Шумо?

- Бифармоед, мо розӣ.

- Чаро не…

- Бисёр хуб аст,-гӯён аз ҳар ҷониб овозҳо мебаромаданд.

- Хуб. Нахуст мехоҳам бифаҳмам, ки оиди Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ чӣ медонед? Марҳамат.

- Агар иҷозат бошад,- гӯён ҷавонмарди чорпаҳлӯи миёнақади сабзинае хост ба суоли Садр посух бидиҳад.

- Марҳамат, аммо аввал ту бигӯ, ки писари кӣ ва аз кадом авлодӣ?- пурсид Сарҳади Лола.

- Ҷанобам, банда писари Эшон Махдумаму аз авлоди бобогиҳои ин мавзеъ, яъне аз авлоди Амир Абдусайиди Амир Оли Ҳасани Даҳбедӣ. Аксар мардуми деҳаи мо-Мазор аз авлодҳои Бобогӣ, Шайхшарифӣ ва Санаҳмадиҳоанд. Аксари онҳо аз бозомадону давоми умри фарзандони Ҳазарти

Амир Оли Ҳасананд.

- Ташаккур, аз ҷавобат хеле мамнунам. Дар бораи ҳолияти Бузургвор чӣ гуфтание дорӣ?

- Ба чашм. Тавре ба мо аз гузаштаҳо меросу таъкид аст, Ҳазрати Бузургвор аз рӯи ҳурмати модари зариру амалҳои некаш, парҳезкориву эътиқоду эҳтироми бузург доштанаш нисбати Худову Расул (с) ва дигар амалҳои накӯаш ба мартабаву бузургӣ расида аст.

- Оё, Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ ба зиёрати Расули Акрам (с) рафта аст?

- Бале, боре аз модари пири зарираш нимарӯза ҷавоб гирифта сӯи хонаи он Ҳазрат шитофтааст. Вале, Ҳазрати Муҳаммадро (с) дар хона дарнаёфта, пас баргашта аст. Хулас, Бузургвор ғоибона дӯст, ба қавли гузаштаҳои мо тобеъини Пайғамбари Ислом (с)-Расули Худо бошад ҳам, саҳобаи саҳобагони он Ҳазратанд (с) ва беҳтарин тобеъини ӯст…

- Боз касе мехоҳад илова бикунад?

- Бале, бандаи оҷиз мехоҳам иловае бикунам.

- Бифармоед.

- Сифатҳои накӯи Ҳазратам хеле зиёду ибратбахшу бузурганд. Аз китоби «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Атори Валӣ ва дигар китобҳо хондаам, ки Увайси Қаранӣ меросдори ҳар гуна арзишҳои ҳадисҳои Набавист. Расули Худо (с) борҳо дар ҳадсиҳояш таъкид кардааст, ки ман бӯи биҳиштро аз сӯи Яман истеҳшом мекунам ва бисёр муштоқи дидори ӯям. Саҳобаҳо, аз ҷумла боре Салмони Форс ҳам аз он Ҳазарат(с) сабаб бипурсида, чунин ҷавоб гирифтааст:

- Дар Яман беҳтарин тобеъини ман ба эҳсон зиндагӣ мекунанд.

- Кӣ бошад он кас?

- Увайси Қаранӣ.

- Ӯ ба зиёрати Шумо шитофтааст?

- На, аз ду сабаб: сабаби ҳол ва модари нобиное дораду мурабии он кас аст. Бо вуҷуди он, боре ба хонаи мо омада, маро наёфтааст.

Расули Акрам (с) таъкид мекарданд:

- Оҳ, бисёр муштоқи дидори туам, Увайси Қаранӣ. Агар касе ба ӯ вохӯрад, саломи маро ба вай бирасонад. Он кас дар ду олам ба ададӣ мӯи гӯсфандони қабилаҳои бойтарини мардуми Араб Рабиа ва Маъзар ба уматони ман шафоат мекунад…

- Хел хуб. Мехоҳам аз валодату шаҳодат ва мавзеъи дафни он кас аз Шумо бипурсаму бифаҳмам.

- Банда, толибилми мадраса,- посух ин аст, ки ҷои валодату иқомат, шутурбониву хидмат ба модари зарир, тоату ибодат, ғоибан дӯстӣ ба Ҷаноби Расулулоҳ (с), вохӯриҳо бо Ҳазрати Алӣ Шери Худо, Ҳарам бини Ҳаён ва бисьёр паҳлӯҳои зиндагӣ ва парҳезкориву фирор аз шӯҳрат он кас маълуманд. Аз саҳфаҳои таърих, сарчашмаҳои илмӣ ва ишораҳои сираҳнависон маълум аст, ки мавзеи шаҳодати ӯ Сиффин аст. Ва ӯ то лаҳзаҳои охири ҳаёт дар рикоби Ҳарати Алӣ (к) буд. Локин идае аз сираҳнависон маҳали фавт ва дафни ӯро дигар ҷойҳо ишора намуданд. Аз ҷумла ҳангоми бозгашт аз Озарбойҷон, Арманистон, Димишқ ва ғайра, мавзеи дафнаш низ норӯшан мебошад. Хулоса, то ҳанӯз зимни ин гуфтаҳо ихтилофот ҷой доранд. Ба мо нақлу ривоятҳои зиёде маълум мебошанд ва аз даҳон ба даҳон мегузаранд…

Ҳамин тариқ Сарҳади Лола бо бисёр донишомӯзу донишмандон ва бузургони аҳли хиради ҷамъшуда мусоҳибаҳо ороста ва худ дар бораи мавқеъву манзалат ва бузургиву шафоатҳои Бузургвор суханони ҷолибу фикри пурмаънӣ гуфт ва ҳозиронро як бори дигар ба омӯзиши илму адаб, ба роҳи рост ҳидоят намудани мардум ва фарзандони онҳо давъат ба амал овард…

Аҳли хираду маърифат ба қалбҳои пур аз фараҳ ба кулбаҳои худ рафтаанд. Натиҷаҳои ин мулоқот солҳо дар қалби мардум реша давонд, гул кард, бор овард…[1]

## ДАР ҚАЛЪА

[1] Аз нақли пирони солори деҳаи Мазори Ҳазрати Султон аз даҳон ба даҳон омадааст. Муаллиф.

Қалъа тарҳ, намуди хосае ба худ гирифта буд. Оби чашмаи Чолобии Заки Шакари Гармоба ба подоманаш мешорид. Гирдо-гирдаш сафили начандон баланд ва хоначаҳое қомат афрохта буданд.

Аз сабаби касе ба зиндону канахонаи дар қисми офтобнишини Қалъа воқеъбуда эътибор надодан, ин марказҳои ҷазо холиву безиндониву берун аз сафил ба ҳоли қадимии худ монда буданд…

Меҳмонон бо роҳи дарвозаи рӯ ба рӯи деҳаи Дараи-Ди ба болои Қалъа баромаданд. Дарвозаи дуввумаш, ки аз самти ҷануб воқеъ буд, наҷиб ба назар мерасид. Тарҳу санъати сохтмони биноҳо ба кас маъқул меафтод. Об дар байни қалъа аз новардоне, ки дар охири қубурҳои кулолини аз чашмаи Чолобии Заки Шакар обёришуда мос карда шуда буданд, широсою ширполо мешорид.

Чун ҳама ба болои қалъа, ки «Калот»-аш мегуфтанд, баромада, ба чор тараф чашм медавонданд, бузургиву зебоии табиати диёр ба дили кас сурур мебахшид.

-Эҳе, ҳама зери по ку,-овоз баровард яке аз меҳмонон.

-Бале, ҳамин тавр аст. Ниёгони мо бисёр боақл будаанд. Ин ҷои худододи табииро дар қарнҳои хеле пешин низ обод кардаанд, гуфта ба нақл даромад Сарҳади Лола, - ҳангоми сохтмону бунёди ин биноҳо чӣ сирҳои наҷибе набаромад. Сабил, дар асрҳои хеле қадим ҳам шишакориву кулолгарӣ ба авҷи аъло расида будааст. Боқимондаи фулузоти обкарда ва дигар нишонаҳо хеле зиёд буд. Ҳар сари қадам порае аз ин ёдгориҳои рангдору сирдорро дидан мумкин.

Ховалинг то ба Пушти Шаҳид гӯё дар пешат. Аз сӯи шаҳр омадани мардум, ба хусус саворагонро нағз мебинӣ, аз сӯи мулки Дарвоз ҳам ҳамчунон.[1]

- Ку як бор бубинам, -гуфта, марди хушандому комилсухане дурбинро аз дасти Сарҳади Лола гирифта, ба тамошо сар кард.

- Эҳе, Сарҳад ин ҷони одам будааст ку. Одамон, ба хусус зоирон чӣ хуб менамоянд, ҳама гӯё дар пешат. Оҳо, Пушти Шаҳиду Сафедшаҳрак ҳам

[1] Шахр Ховалинг дар назар аст. Муаллиф.

ҳамчунон.

- Мо худро адиби эҷодкор гуфта гаштем…

- Бародар, Хотирӣ, шеъру шоирӣ ҳам амали саҳл нест. «Шоирон ворисони Пайғамбаранд (с)» - гуфтани ҳадиси Набавӣ бе арзиш нест, вале дурбин ҳам маҳсули аҳли волои инсонист. Ин асбоб барои мо беҳад хидматгори хубест.

- Офарин, Сарҳад.

- Биоед, акнун ҷои нишастан тайёр аст, бишинем, баъд сӯҳбат идома меёбад, - гуфта, Сарҳади Лола меҳмононро ба боли сӯфаи болобаланд ба нишастан хоҳиш намуд. Дар лаҳзае дастурхон густурда шуда, болояш аз анвои гуногуни хурданиҳо пур шуд. Табақҳои пур аз хӯрок ҳам омаданд. Баъди хӯрокхӯриҳо боз сӯҳбат қур гирифт.

- Дар давоми вақт ободониву тағиротҳои куллӣ хеле зиёд ба чашм мерсанд. Офарин, Сарҳад,-гуфта, лаҷоми суханро ба даст гирифт яке аз меҳмонон,-зиндагии мардум ҳам бад нест, иншоолоҳ файзу баракат рехтаву наҳс хеста аст.

- Дидем, ки дар чанд соли охир биноҳои масҷиду мадраса, иморатҳои болои Қалъа ва раҳу рӯдҳо тарҳи зебое гирифтаанд.

- Оби навардон магар аз чашмае аз ҳамин ҷост?

- Не, бародар. Инро бо қубурҳои кулолин аз чашмаи сарди Чалобӣ, аз дараи Заки Шакару Гармоба, тақрибан аз як фарсах дурӣ овардем.

- Дар замонҳои хеле қадим низ аз он бо воситаи қубр об оварда шуда буда аст. Обаш мусаффову сард аст. Ба қалъа баровардани он аҷиб мебошад. Шебу фароз. Ин ҳам маҳсули тафаккури эҷоди қадимии ниёгонамон аст. Зимнан Шайхурраис Ибни сино ишораҳо дорад…

- Боғу роғро намегӯед. Боғу роғ ҳам хеле зиёд шуда доман густурда.

Ҳамин тавр сӯҳбат идома меёфт.

- Сарҳад ва Мирак дар ҳалли муноқишаи Шаҳи Дарвоз бо ҳокими Хатлон Мизробшоҳ низ нақши нек доранд,-гуфта, ҷилави суханро ба дигар тараф кашид марде, ки Оина ном дошт ва илова намуд,-Ҳатто дар маросими никоҳи хоҳари Шаҳи Дарвоз бо Мизробшоҳ ҳарду иштирок

намуда буданд. Дар шоҳидии онҳо Мизробшоҳ аксари деҳаҳои сарҳадии Хатлон, аз дарёи Хингоб тарафи саргаҳи ин вилоятро ба қиблагоҳи наваш бахшид…

- Дуруст аст,-тасдиқ намуд шахси дигаре ва илова кард,- дар ҷанги танбатану савора ҳама аз лашкари мо корнамоӣ нишон доданд. Мираки тупчӣ бо тупи худ ҳамаро қоил кард. Се бор бо тупаш дар ҳаво тир парронд…

- Худи Мизробшоҳро намегӯед. Ӯ чӣ қадар корнамоиву чолокӣ зоҳир намуд. Дар назди қалъаи Ёвони вилояти Роғ барҳақ қавиҳайкалӣ, шерчанголӣ ва бо усули қадим донишмандӣ нишон дод. Дар найзаву шамшерзанӣ бар пиёдаву савора ғолиб буд. Агар устод Хотирӣ зимнан чизе мегуфт бисёр хуб мешуд.

- Ба чашм, додар, мехоҳам дар бораи гуфтаҳои Шумо аввалан ин чакидаҳоро хонам:

Фуруд омад аз кӯҳ селоби тез,
Ки аз пеши ӯ кӯҳ кардӣ гурез.
Дар ин санглохи ба ҳам бар заданд,
Ту гӯӣ ду кӯҳе ба ҳам сар заданд.
Қафо дода дарвозиён дар гурез,
Надида назираш чу он растохез.
Гули номвар, яъне Мизробшоҳ,
Чу дидӣ ҳуҷуми бадахшисипоҳ.
Чунон кардӣ аз чобукӣ бозгашт,
Ки танҳо зи қалбат сипаҳ мегузашт.
Гирифтӣ чу найза ба даст устувор,
Намондӣ ба болои зин як савор.
Чунин гоҳ дар ҷангу гаҳ дар гурез,
Бурун кард қавми худ аз растохез.

- Офарин Хотирӣ, хеле тасвири оличаноб. Шукр, ки имрӯз мулк

осоишта асту файзу баракаташ зиёд. Мунокиша чӣ лозим, охир мо мардуми як хуну як дину мазҳабу як Худо ва як хоку об. Ҳама фарзанди Ҳазрати Одам(а).

- Бале, бале. Охир як фикр кунед. Ин чӣ гап: Шаҳи Дарвоз бо ҳокими худамон як ҷову як гапа шуда, ба мулки Ҳисор лашкар кашиданд. Файзободро тасарруф намуда, Душанберо оташ заданд. Кушандаи падари Мизроб Гурғӯлихони ҷангии мири Файзобод, ки ба назди ҳокими Қаротегин Худоиназари атолиқ рафта буд, бехосиятии паи қадамаш ба он ҷоҳо низ расид. Ҳокими худамон Мизробшоҳу Абдукаримхони беки Ҳисор боз ба он ҷоҳову мулки Дарвоз лашкар кашида, мардумро ба ташвиш андохтаанду лашкари Шаҳи Дарвозро торумор карданд. Эҳ, рафиқон, ҳамин нотинҷиву бедодгариҳо дар ин дунёи дурӯза ба кӣ лозим? Тинҷӣ хуб нест?

- Ҳо, ҳамин тавр, тинҷӣ нағз мебошад. Ба фикрам ин ҷангу ҷидоли охирин бошад.

- Шаҳи Дарвоз ҳам бе айб набуд. Ана ба ҳамин хоку оби мо дахолат кардан ва бе хабар зада даромадани сарбозонаш кори нохуб буд,- гӯён Сарҳад ба гила сар кард,-дар он мунокиша сарвари сарбозони Шаҳи Дарвоз ба қиблагоҳам ҷанги тан ба тан сар кард. агар Девона Сайид намебуд, онҳо хеле бедодгариҳо мекарданд. Худову ростӣ Девона Сайидро раги девонагиву ёхсучигиаш хеста чунон ҷанг кард, ки ҳама рӯ ба гурез шуданд. Сардори сарбозон бо қиблагоҳи мо дар набард будааст. Девона Сайид он паҳлавони Шаҳи Дарвозро чунон зада маибу гурезон кард, ки дигар пояшон ин қаламравро надид. Ӯ намебуд, мумкин падарамро мекӯштанд.

- Девона Сайид ҳоло ҳаст?

- Бале, падарам аз ин хотир, барои ин хизматҳояш духтари хоҳарамро ба Девона Сайид  дод. Ҳоло ӯ хонадору фарзанддор аст.

- Дар бозгашт аз он корзори Мизробу Шаҳи Дарвози ишорашуда туперо ба Сарҳади Лола тӯҳфа кардани Мизробшоҳ низ кори нек аст.

Аз он ду тупи «Ҷаҳонгир»-и ҳокими ин вилоят якеаш, ки ин ҷост,

қимати бузург дорад…

- Ҳоло он туп куҷост, Сарҳад?

- Туп рӯ ҷониби офтоббаро дар баландие дар назди Қалъаи деҳаи Калағрак гузошта шудааст. Ду ҷуфти барзагов низ омодаи хидмат дар туп мебошанд. Тупчӣ Мираки ҷавони калағракист ва ӯ дар тупзанию муҳофизати музофот саҳми арзанда дорад…

- Хеле хуб. Акнун аз ҷангу ҷанҷолу мунокишаҳои ҳокимони хамсоя бар меояд, ки дар ҳар як мулк ҳавзи шиноварӣ, дори дорбозӣ ва шикоргаҳ бояд ташкил кард. Дори обии ҳокими вилоятамон Мизробшоҳ хеле оличаноб аст. Ҳам маркази варзишӣ ва ҳам сиёсат, боғайрат мардум машқ мекунаду гунаҳкор ҷазо мегирад.

- Бале, «тайёрии об дар хушкӣ» гуфтаанд.

Намози аср фаро расид ва ҳозирин баъди дуову фотиҳа ба берун баромаданд. Сояи Қалъа то ба сангоб доман густурда буд. Маҷрои зиндагӣ дар атрофу акноф рангу маънии ба худ хос дошт.[1]

## ҲАВЗИ ГАРМОБАРӮД ВА Ё ҲАВЗИ САРҲАД

Муддате чанд аз гардиши фалак, тарҳи Қалъа ва ё Калоти Мазор симои дигар ба бар кард. Гирду ҷониби он босалобату зебо ба чашм мерасид. Дар подоманаш, аз тарафи офтоббаро, дар шафати рӯди хурдакаки Гармоба хонаҳои ҳокими Мазор-Сарҳади Лола қомат афрохта, гирди онҳоро долу дарахтони сар бар само печонида буданд. Аз раста тарафи рӯдхонаи Оби Мазор низ биноҳо аз поён ба боло доман густурда буданд, ки онҳо аз афташ аз дигарон буданд. Дар ин байн тарҳи таҳҷои ҳавзмонанде воқеъ буд ва нишонаҳои ақлу фаросат ва дастони ниёгон ҷо-ҷо ба чашм мерасиданд. Сарҳади Лола аз дидаву шунидаҳо ва омӯхтаҳои худ роҷеъ ба ҳокимиятдорӣ ба хулосае омад, то ки дар ин қаламрав ҳавзи шиноварие ба тариқи ҳашар бунёд намояд ва он бояд маънои маркази

[1] Аз нақлҳои Сайидаҳмади Карим, Хол Ислом, бобои Сайидаҳмади Мираки Калағракӣ, бобои Сарҳади Лола ба қалам дода шуд. Муаллиф.

шиновариву табобатиро бигирад. Зеро Гармоба ҳам мӯъҷизоте дорад. Инак, рӯди Гармоба ба ду самти Калоти Мазор: ҳам аз сӯи офтобнишин ва ҳам аз тарафи офтоббаро, ки ҳарду поёнтаре ба рӯдхонаи оби Мазор омезиш меёфтанд, тарҳу равиш пайдо карданд. Ҳашарҳо хеле хуб ба анҷом мерасиданд. Таҳҷои ҳавз низ манзараи дигар мегирифт. Дар ин ҳашари умумӣ, ки хурду калон бо хурсандиву дилгармӣ машғули кор буданд, аз афташ хеле гуворо менамуд. Мардум бо ғайрату матонате гоҳ аз бунёдкориву корнамоиҳои ҳокими Хатлон Мизробхон ва гаҳе аз кору бори Сарҳади Лола бо ҳарорат ҳарф мезаданд.

Сад шукр, ки мулк тинҷу ором ва зиндагӣ осуда шуд. Бунёдкориҳо: сохтани масҷиду мадрасаҳо, дар қаламрави ҳавзу дори шиновариву варзишӣ ва ҷои ҷазо дар Даробӣ, машқгоҳи амирӣ дар Шикоргаҳ. Бунёди Чилчанор ба хотири чил шаҳиде аз корзори қаблӣ дар шаҳри Ховалинг, гӯён ҳашарчие бо зоғнул охирин қабати ҳавзро канда, ба ҳамроҳиёнаш маънӣ мекард.

Дар ҳақиқат сарвару ҳокими донишманду адабдӯст, дар ҳукмронӣ мавқеъи хоса дорад.

- Ҳа, ҳамин тавр аст,- гапи ҳамшафаташро қувват дода, араќи пешонаашро пок намуд ҷавонмарде ва сӯҳбаткунон корро идома дод.- Ба ёддошти мову шумо ва гузаштаҳо то кунун дар мулке вазифаи миршабӣ пурра барҳам дода нашуда аст. Бинед, чӣ хуш аст, ки дар қаламрави мо ҳокими вилоят Мизробхон ин вазифаро тамоман барҳам додааст. Шиори ӯ: «Худо ҳаст, шариат ҳаст, роҳнамо Қуръони Карим аст ва ман ҳастам, Миршаб лозим нест» хеле пурмӯҳтавову бамаънист.

- Сано бар ӯ, ки зиндонҳо бе зиндониву зиндонбон мондааст. Дишаб гурге дар зиндони кушодае даромада, ба даст афтодааст. Дар ин бора дар бозори Ховалинг аз мардум шунидам,-гӯён марде бо ҳарорат ҳарф мезад ва ба сароҷа хоки кандаро бор мекард.

- Бале, бале додар. Аз бобоям, аз эшони Махдум, он кас бошанд аз гузаштаҳо шунидаанд, ки замони салтанати Ҳазрати Исмоил музофоти Мунки мо то ба ин ҷо ҳатто ҳамин Калоти Мазор беҳад ободон будааст,

гуфта, баробари кандаи замин маънидорона нақл мекард ҷавонмарди зебосирате, нақлу ривоятҳост, ки он замон бузғолае дар Таги Ҷар гум шуда, соҳибонаш суроғ ба суроғ онро аз Мазор ёфтаанд. Гӯё тор ба тори бомҳо ба ин ҷо омадааст.

- Ана ҳамин Ҳазарати Исмоил ҳам гуфтааст: Дар худи Бухоро сафил лозим нест. То Худои бузург, шариати Ислом ва ман ҳастам. Бораи Бухоро манам.

- Офарин, ҳамаи ин ғайрату заковати пайваста аз нексириштӣ пайдо мешавад, бародар, Махдум,-гуфта ба гап ҳамроҳ шуд яке аз сароҷабадастоне, ки нав хокро ба соҳили Гармобарӯд рехта омада буд,- сифатҳои неки Мизробшоҳ зиёд аст.

Ана ба ёд биоред. Чанд сол пештар, ҳангоми дар сари ҳокимият будани падараш Каттахон кашмакашиву ҷангу ҷидолҳои вилоятҳои ҳамсоя хеле зиёд буд. Зимни ба Ҳисор лашкаркашии Каттахон дар Норак ба писараш супориш медиҳад, ки ӯ ба сӯи Ҳисор ҳаракат кунаду худи Каттахон ба тарафи Файзобод. Аз вазъи омадани Катахон ба деҳаи Чакалӣ ҳокими Файзобод - Гурғӯлихон гуфтанӣ марди ҷангии худро барои аз байн бурдани Катахон мефиристад. Каттахон ҳангоми дар деҳаи Чакалӣ буданаш ба хӯрдани ҷурғот машғул будааст. Гурғӯлихон баногоҳ ба шамшер зада сари Катахонро аз тан ҷудо мекунад. Дар ин лаҳза ҳатто ҷурғот дар лабони Катахони фавтида мемонад. Қисса кӯтоҳ Мизроб падарашро оварда гӯру ҷӯб мекунад…

Баъди чанд муддате Абдукаримхон бо чанд тан, аз ҷумла ду писараш ба маркази Хатлон омада, мехоҳад аз Мизробхон узр бипурсад.

Аввал ин ки, Мизроб меҳмононро хеле хуш қабул карда, зиёфат медиҳад. Ва дар равиши сӯҳбат ин қитъаро Мизроб, ки олиму шоир буд, мегӯяд:

Ҳар киро давлати шоҳӣ ба сараш меояд,
Душманаш гардани баста ба дараш меояд.
Офарин бар ҳиммати олии ин Абдукарим,
Падараш кушта ба назди писараш меояд.

Мизробхон боз Абдукаримро ба ин ҷои муқаддас ва дигар гӯшаҳои зебои Хатлон ба тамошо мебарад. Ана, тасаввур кунед, ки падарашро дар чӣ ҳол куштанд, вале ӯ боз чӣ кор кард. Агар олим, адиб ва муҳандис намебуд, омӣ мебуд, ким чӣ корҳое мекард дар ин лаҳзаҳо.

- Тақсир, бубахшед, як гап мепурсам, тавре Шумо аз гуфтаҳои мӯйсафедони солор ва навиштаҳои китоби Хотирӣ гуфтед, боз гапе ҳаст, ки гӯё Мизробхон саввумбора ба Ҳисор ҳуҷум карда, хуни падар талаб кардааст, оё ин дуруст бошад?-гуфта, охирин курчакбели хокро ба сароҷа бор карда, баъди сароҷаро бурдан боз гапашро идома дод ҳашарчие.

- Бале, додар лашкар кашид. Ҳар ду тӯпҳои «Ҷаҳонгир»-ро дар чор ҷуфти барзагов бурд. Мираку Исмоил бо тӯпҳояшон корнамоиҳои бемисл нишон доданд… Ҳисорро тарсарруф намуд. Душанберо оташ зад. Асирони зиёде ба Хонободу Калтачанор оварда, муқим кард. Чакалиёни подомани Баландсар низ ҷои зисти асирони Чакалиёи Файзобод мебошад.

- Як чиз пурсам, Махдум,-гӯён ҷавонмарде, ки ин суханонро бодиққат гӯш карда, хок меканд, ба Махдум дида дӯхта лаҳзае истод ва суол дод. «Ҷаҳонгир»-и болои қалъаи Калағрак дигар туп аст?

- Не, додар. Ин ана яке аз ҳамон ду тӯпи «Ҷаҳонгир»- и Мизробхон аталиқ аст, ки ба Ҳисор ва Дарвоз бо чор ҷуфти гов бурда буд.[1] Акнун, ки тинҷист, яки онҳоро ба ҳокими Мазор-Сарҳади Лола парвоначӣ тӯҳфа карда, ҷояшро ҳамин ҷо интихоб кардаасту Мирак мутасадиаш. Дигараш бошад, дар машқгоҳаш Дашти Қавақ гузошта шудааст. Машқгоҳе, ки дар Хами Уштур ба нишон монда ва ё гови алое ба нишон монда парронда буд ва он ҷоҳо низ чун деҳ номи Хами Уштур ва Алаговро гирифтаанд…[2]

Ҳамин тариқ, дар ҳар гӯшаи таҳҷои ҳавз кор бо сӯҳбатт то лаҳзаи хурдани хӯрокиҳои овардаи ҳашарӣ идома ёфта, ба охир расид. Бо роҳбарӣ ва супориши Сарҳади Лола оби зулоли Гаромобарӯд ба ҳавзи сунъии ҷояш навкандашуда рехтан гирифт.[3,4]

---

[1] Аталиқ-унвони олии аморати Бухоро.
[2] Парвоначӣ-котиби ҳукуматӣ ва фармонҳои Аморат.
3 Аз нақли шахсони зикргардида ва бобои Мираки 125 сола аз даҳон ба даҳон гузашта ба мо расидааст ва мо онро ба таври худ ба қалам додем. Муаллиф.
4. Таҳҷои ҳавзи мазкур ҳоло вуҷуд дошта, ҷои тупи «Ҷаҳонгир»-побарҷост.

## БОБИ 3

## ДАВРОНИ ҲОКИМИЯТИ АЛҚАТУН

Ёде аз гузаштагон

Нимаи дуввуми асри XIX. Овозаи ободии Мазор ба мулкҳои дуру наздик расида буд. Ин аст, ки шумораи зоирони ин ҷои муқаддас рӯз аз рӯз фузун мегашт. Агар дар фаслҳои сармо эътиқодмандон камтар ба зиёрат биоянд, пас фасли тамуз аз ҳама зиёд зоирон ба зиёрат меоянд. Рӯзе нест, ки дегҳо начӯшанд ва ё ин ҷо хайру саховат набошад.

Ҳоло ҳам дегҳо мечӯшанд. Зоирон гурӯҳ-гурӯҳ баъди зиёрати ин ҷойи муқаддас чорво хун мекунанду дар ҳаққи Бузургвор мебахшанд. Ҳар рӯз даҳҳо нафар одамон, аз ҷумла ғарибу бекасу бенаво, дармондагону ниёзмандон аз шарофату шафоати Бузургвор нафақа мегиранд. бузургону донишмандон ва эътиқодмандон зиёрат ба ҷо оварда, дар ҳақи ин Суҳайли Яманӣ, сипосдори арзишҳо Увайси Қаранӣ дуо бахшида, зиёрат ба ҷо меоранд.

Дегҳо мечӯшанду мардуми зоир гурӯҳ-гурӯҳ дар сӯҳбату дар ёди Худову Расуланд. Ҷавонмарди кулчарӯи ришаш сиёҳи суннатие мулоим-мулоим гап мезанаду суханон, сару либос ва қошу қавоқи зиреҳи дандонҳои сап-сафедаш ба ӯ мезебад.

Ӯ хеле бомаърифату дунёбохабар ва ё худшиносу Худошинос аст, ки мегӯяд:

- Аҳсант ба онҳое, ки хотиру мерос ва арзишҳои бузургону дӯстони Худоро пос медоранд. Сарҳади Лола худ бузург буд. Бузургиаш аз он ҳувайдост, ки ин ҷои муққадасро хеле ободону гуворо намуд.

- Бунёдкориҳои ӯро намегӯед. Худо раҳмату мағфираташ кунад. Ҷояш ҷаннат бод.

- Бале, ҳазратам,-ба гап ҳамроҳ шуд меҳмони дигаре.

- Ман ӯро хеле хуб мешиносаму аз хидматаш дар ин хоку об бархӯрдорам.

- Ба ҳар кас муяссар намешавад, ки дар подомани турбати Бузргвор хонаи охирати ӯро ҷой бидиҳанд. Баъди фавташ аз рӯи насият ва розигии аҳли ӯламову фузалои Ислом ва раису қозиву муфтии дин ин ҷо охиратмаъво ба ӯ муяссар шуд.

- Аз турбати Бузургвор то ба ин оромгоҳ чанд чақрим бошад, ки ин роҳ кас ба зиёратгоҳ мебурад?

- Аниқ кардем, қариб 48 газ аст.

- Илоҳо, ҷояш ҷаннат бошад, омин.

Омин…

Ҳозирин лаҳзае хомӯш монда, боз сӯҳбат қур гирифт:

- Аҷаб дунёе. Замоне кашмакашиву ҷангу ҷидолҳо дар каламрави вилоятҳои ҳамсоя бисёр буд. Дар 13 соли ҳукмронии Мизробхон хеле тағиротҳо ба амал омад,-гӯён яке аз меҳмонон лаҷоми суханро ба даст гирифта, суханашро давом дод.- Кори падараш дар роҳи сафар омад накарда буду ба шаҳодат расид. Чанд сол ҳукмронии бобояш Тавилхонро намедонам-ку, лекин падараш Катахон нӯҳ сол ҳукмронӣ карда буд. Худи Мизробшоҳ ҳам дар ҳамин роҳи Чормағзак бемор шуда, фавтид.

- Ӯро дар Мазори Хоҷа Аюби Ансорӣ, болотари яке аз қалъаҳояш гӯронидаанд.

- Мизоб шоири боқувват ҳам буд, табъи хушу шеъри марғуб дошт. Марди фозил, олими комил, дар кимиёву симиё мумтоз ва мӯҳандису тупрез буд. Ба мансаби атолиқӣ ҳам расида буд. Ана чаҳор мисрае яз як ғазали ӯро қироат мекунам, ки фармудааст:

Тараққӣ дар шукуфтан дорад оҳанги дили тангам,

Гули боғи баҳорам, соғарам, паймонаам, рангам.

Зи доғи нотавонӣ к-аз вуҷуди хеш дилгирам,

Тунукзарфам, ҳарирам, шишаам, омодаи сангам…

Таваҷҷӯҳ намоед, чӣ мисраҳои бамаъниву ба ҳақиқат рост.

Рӯҳаш шод боду манзили охираташ обод…

Бисёр маҳфилҳои адабӣ таҳти роҳбарии ӯ хуб мегузаштанд.

- Бале, Абдукаримхон павроначии додхоҳ ҳанӯз солҳои аввали ба ҳокимият расиданаш, ба даъвати Мизробхон сайри Хатлон карда буд. Чун ӯ аз шеъру шоирӣ ҳангоми саёҳату зиёрати Мазори Ҳазрати Султон ин ҷо дид, ба адибон вохӯрд, дар Ҳисори Шодмон низ маҳфилҳо орост. Адибонро дар атрофаш ҷамъ карда тарбият намуд. Ана Мулло Муҳаммад Раҷаби Парии Ҳисорӣ, мулло Исои Бадахшонии Мавзун, Мирзои Мункӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Ирсӣ, Фориғи Ҳисорӣ ва дигаронро, ки ҳар куҷо пароканда ба эҷод машғул буданд, ворис пайдо намуданд. Мирзои Мункӣ, шояд аз Мунки мо бошад, ашъори хубу марғуб дорад…

- Ҳа, дар ҳақиқат маҳфили адибони Ховаланг бо сарварии Мизроб хеле хуб буд.

- Хотирии Хосиёнӣ, Оина, Мирзо Хизмат ва бисёр дигарон маҳфили адабии ин ҷоро хеле ободу пурнакҳат гардонида буданд.

-Бале, фаъолтарину бузургтарин адибон Хотирӣ буд. Ин адиби номдори соҳибдевон тамоми ҳаёту фаъолият, давлатдорӣ, корнамоиву хубиву бадии Мизробшоҳро дар девонаш навиштааст. Девонаш аз ғазалиёт, рӯбоиҳо, мухаммас ва достоне низ иборат мебошад. Аз ҷумла чунин ишораҳо ҳам дорад.:

Амири ин вилоят аст Мизроб,
Суханвар, шоиру олим ба ҳар боб,
Зи Қирғиз то ба Дарвозу Бадахшон,
Ҳисору Балх бошад тобеи он,
Диёри Ховалинги пурсаховат,
Намуда пойтахти он вилоят.
Хушо Хатлону хуш обу ҳавояш,
Зи офатҳо нигаҳ дорад Худояш,
Ба зери офтоби зарнигоре,
Чу гулшан, офарид сар то ба пояш.

- Ташаккур, офарин, ҳамин тавр аст. Девони Хотириро хондаам, афсус, умр ба ӯ низ чандон вафо накард. Дар айни камолот бо Мизроб пасопеш аз дунё даргузаштанд. Ӯ Хатлон, ба хусус Ховалингу мавзеи Мазори Ҳазрати Султон Увайси Қараниро дӯст медошт. Ба Мавлоно Ҷомӣ пайравӣ намуда, дар сифати Ховалинг, табиати зебову гуворо ва боигариҳояш ғазал дошт, ки як мисраи бароям азизе дар ёдам мондааст:

«Ҳама як су бувад, сарманзили Вайси Қаран як су…»

- Аз Ҳазрати Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ чун ёдовар шудед, чаҳор мисраҳое аз ӯ ишора ба Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ ба ёдам омад, ки фармудааст:

Як хулқи хуш зи ҳар, ки бубинӣ, писанд кун.
Яман Суҳайл шуд санади давлати Яман,
Як лаҳза ҳар, ки нек шавад муғтаним шумор,
Қаран Увайс шуд сабаби равнақи Қаран.

- Худо раҳмат кунад Сарҳади Лола парвоначиву ҳама бузургворҳоро. Сарҳад хулқи хуш дошт, ки ин ҷо ин қадар хидмат кард, нақши нек гузошта ва ба худ хонаи охират насиб кард.

- Бале, сад бор. Парвоначии марҳум борҳо мо, аҳли удабову уламоворо даъват карда, маҳфил мерост ба мо аз ҳар ҷиҳат кӯмак менамуд. Ӯ худ мисоли беҳтарин пандомӯз буд. Адибон: Хотирӣ, Мизроб, Оина, банда ва дигаронро нағз медид. Ба шеъру сухан низ дилбастагӣ дошт. Дуои падару модари хешро гирифта буд. Аз мансабу донишу маҳорат ифтихор надошт. Ҳамаи фарзандонашро дар ҳамин рӯҳия тарбият мекард. Ҳоло Алқатуни писараш давомдиҳандаи кору рафтору гуфтори ӯст.

-Бале, бале. Баъди фавти Сарҳади Лола парвоначӣ бародараш Мираки Лола чанде дар ин гӯшаи биҳиштосо ҳокимӣ кард. Умр ба ӯ низ вафо нанамуд, баъди фавти ӯ Алқатуни писари Сарҳад сари ҳокимият омад. Ӯ васияту кору бори падарашро ба ҷо оварда, чун падар амал менамуд. Садру ворису ҳокими мавзеи Мазори Ҳазрати Султон аст.

- Агар иҷозат бидиҳед, сифате аз ӯ ёд бикунем.

- Бифармоед. Чаро не?

- Сарҳад баробари меҳри бепоён ба Ватан ва табиату боигариҳои он доштанаш, раъиятпарвару инсондӯст ҳам буд. Қалби ҳассосу софу солим дошт. Ба ботлоқи нафс по намегузошт. Одампарвар буд. Ҳу, ана, бо досташ ишора намуда, суханашро давом дод меҳмон,-аз он тарафи Гаромабарӯд, аз тарафи дасти чапи Панҷаи Хӯҷа, дар подомани ана ҳамин теғаи оғози сил-сила теппаҳо хонаи Усто Санг гуфтанӣ марде воқеъ буд. Усто бисёр марди ҳунарманду фармонбардор буд. Дилу нияти софу накӯ дошт. Ҳурмати инсонро аз ҳама авло медонист. Агар бепарда гӯем, ба Худо ростуХудодод буд.

Бо шафоати Бузургвор ҳаждаҳ писару дувоздаҳ духтар, ҷамъ сӣ фарзанд ёфт. Ҳама ҳунарманду заҳматкашу дар итоати падару модар буданд. Меҳри падариву модарӣ ва фарзандӣ чун ахтари фурӯзоне дар қалби ҳамдигар забона мезад, ки ба бинанда ҳар лаҳзаи он сабақҳое буданд, нотакрору гуворо. Рӯзе аз рӯзҳо бо амри Ҳақ писари соҳибистеъдоду зебое аз онҳо фавтида, ба хок супорида шуд. Пас аз раҳматии майит он рӯзу рӯзҳои дигар ва моҳҳо модар, ҳамсари Усто мегиристу мегирист. Чунон гиря мекард, ки дили шунаванда агар санги хоро мебуд, об мешуд. Бале, ҳамин тавр. Нолаи ҷонгӯдоз мекард.

Меҳмон як ҷуръа аз оби Мазор нӯшида, суханашро давом дод.- Ин ҳол қалби Сарҳади лола парвоначиро реш-реш мекарду чӣ илоҷ. Мардуми деҳа низ ҳамчунон. Чун занак ба нола сар мекард, деҳа мотам мегирифт. Як рӯз бошад, не моҳҳо. Пас мардум ба назди Сарҳад рафта, аз илоҷи бартарафкунии воқеъа маслиҳату мадад ҷӯстанд. Баҳри рафъи касали занмодари азодор ва бо маслиҳати пирони солору бузургон иваз намудани ҷои хонаи Усто пеш омад.

Сарҳад саҳарие ба хонаи Усто рафта. аҳли оиларо хабар гирифта, бо ҳар яки аъзои оила вохӯрӣ намуд ва пас бо Усто як ба як сӯҳбат карда, иброз дошт:

- Усто агар бемалол бошӣ, маслиҳате бипурсам, ки он пӯхта

расидааст.

- Марҳамат, ҳазратам, бифармоед.

- Ҳодиса ба худат маълум. Касали беморро табобат мебояд.

Ҳар гоҳ, ки ҳамсари меҳрубонат нолаи фироқи фарзанд мекунад, дилам реш-решу ҷигарам об мешавад. Маслиҳат бо бузургон бишуд, то ҷойи хонаатро иваз бикунем, занат Зебогул набинаду насӯзад…

- Майлаш, ман розӣ, Шумо ворису сарвари моед.

- Агар ин тавр бошад, куҷое аз ин деҳа ва ё дигар ҷойҳои қаламрав бароят маъқул бошад, дар ихтиёрат.

- Агар замини Назари Ёфтак бошад, беҳтар. Ҷоест зебову гуворо.

Зебогул шояд аз ин ҷо табобати рӯҳӣ ёбад. Зеро оби мусаффо, садои шаршараҳо, Оби Мазор форам ба гӯш мерасад ва тамошобоб аст.

- Майлаш, ман розӣ,- мегӯяд Сарҳад.

- Парвоначӣ назди Назари Ёфтак рафта ба ӯ маслиҳат мекунад. Аз хотири инсон, модар, зани азодори бемори рӯҳӣ тамоми замину обашро ва Усто Санг мебахшад ва бо маслиҳату ёрии Сарҳад дар ҷои дигар хона месозад.

- Чун Усто Сангу Зебогул ва фарзандон дар замини Ёфтак ба зиндагӣ шурӯъ мекунанд, амал ранги дигар мегирад.

- Модар аз обу ҳавову зебогии табиат ва шароиту мададҳои Сарҳади Лола парвоначӣ истифода бурда, рӯз то рӯз шифо меёбад. Инак, Усто Санг завҷааш Зебогул ва фарзандонаш он ҷо ҳаёт ба сар мебаранду кори неки Сарҳади Лола мондааст.

- Ташаккур. Дар ҳақиқат сифатҳои марҳуми мағфур Сарҳади Лола парвоначӣ бисёр гувороанд.

Ҳамин тавр, сӯҳбати мардуми сари ин дастурхон алангаву қур гирифт ва ёдҳое аз Сарҳад ба хаёл меомад…

Чун Алқатун ҷойи падар ба ҳокимият расид, фавран аз насиҳату рафтору кирдори он шахси бузургу худоҷӯ дар кору бору ҳаёти ҳаррӯза истифода намуд. Боғи бунёдкардаи падарашро, ки бо номи «Боғи парвоначӣ» ва ё «Боғи Сарҳад» шӯҳратманд буд, аз ҳар ҷиҳат азиз дошт.

Дар шафати он, дар подомани поёни қалъа, боғи дигаре бунёд намуд, ки он баъдтар номи «Боғи қаравулбегӣ»-ро ба худ гирифт. «Ҳавзи Сарҳад»-ро зи нав таъмир кард. Бедҳову тиракҳои гирду атрофи ҳавзро ҳама вақт сабз нигоҳ медошт. Гулпарвариро нумӯъ дод. Дар пешравии кор, кабудизоркуниву ободонии анъанаи бобогӣ мудом тобу чилои хоса мегирифт.

Ҳар се «кунда»-ҳои Мазорро, асосан авлодҳои Амир Оли Ҳасан, ки баъдтар «Бобогиҳо», «Шехшарифиҳо» ва «Сангаҳмадҳо» ном гирифта буданд, ташкил медоданд. Ин се «кунда»-ҳо асосан аз авлодҳои Амир Абӯсаид ва Амир Шоҳимард боқӣ монда, пареш хӯрданд. Аз Амир Некбахт дар ин мавзеъ боқимондаҳо нест.

Ҳамаи ин се авлод аз як гиребон сар бароварда, чун бародару хоҳар баҳри ободии диёр ва зиндагии осуда сайъ ба харҷ медоданд. Тамоми гузаштагони хешро дониста, рафтору кирдори накӯи онҳоро пос медоштанд. Дар байни ин мардум одоб ва риояи қонунҳои шариат дар мадди аввал буд.

Акнун Алқатун забони муносибату роҳбариро бо ин мардум нағз медонист ва ҳокимияташро пеш мебурд.

Бо авзои замона назар намуда, ҳокимият дар мавзеъи  Мазор пеш мерафт. Алқатун аз ноҷӯриву кашмакашиҳои замон ба хулоса омада, тӯпи «Ҷаҳонгир»-и аз падар меросмондаро дар ҳолати омодаи ҷангӣ дар ҷойи муқарариаш- қалъагаҳии назди деҳаи Калағрак нигоҳ медошт. Рӯи он сӯи Дарвозу Бадахшон, ки роҳ аз он тарафҳо сӯи Мазор меомад, нигаронида шуда буд.Гоҳ-гоҳ аз ӯ тир мепарониданд…

Айёру сипоҳиёни Алқатун: Холи Бераҳм, Аюби Чолок, Сафар-паҳлавон, Сангаки Гулизор, Назари Қурнайчӣ ва дигарон мудом дар ҳавзи Сарҳад, ки баъди тармиму таъмир «Ҳавзи Қаравулбегӣ»… «Ҳавзи Алқатун» ном гирифта буд, машқ мекарданд. Ба сипоҳиёни подшоҳӣ аз шиноварӣ машқ медоданд Айёриро меомӯхтанд.

Шикоргаҳи подшоҳӣ, ки замонаҳои дурудароз ҷойи машқи сарбозу паҳлавонҳои амирӣ буд, тарҳи дигар гирифт, онро зи нав обод намуд.

Акнун аз он шикоргаҳи қадимӣ, ки деҳае бо ҳамин ном монда буду халос, сиру асроре аён гашт.

Алқатун таърихи шикоргаҳро омӯхт. Аз китобҳо зимнан хонд, аз пирони босаводу солор пурсида бисёр чизҳоро фаҳмида гирифт. Маълум шуд, ки дар замонҳои хеле қадим, ҳатто ҳазорсолаҳо пеш сар карда, дар назди бисёр давлату давлатчаҳо шикоргаҳҳо буданд. Дар давраҳои ҳахоманишҳо, сосониҳо, сомониҳо ва давраҳои дигари баъдина, ҳатто дар хонигарии Қуқанд шикоргоҳҳо арзи вуҷуд доштанд. Шунид, ки дар байни Самарқанду Ургут шикоргаҳи Амир Темур воқеъ будааст.

Алқатун фаҳмид, ки шикоргаҳ на танҳо мазмуни ҷойи шикорро дорост, балки ин ҷо ҷойи машқи ҳарбиён буд. Сарбозони ҷасур бо шеру паланг ҷанг ва машқу бозӣ мекарданд. Тарзи истифода аз ҳайвоноту паррандаҳоро бо мақсади омӯзишу обутоб додани бадан машқ мекарданд. Ҳатто ба кӯдакон аз хурдӣ шири шеру паланг медоданд. Онҳоро дар рӯҳияи далериву чусту чолокӣ тарбия менамуданд.

Шикоргаҳи ҳарбиёни Хатлонзамин ана ҳамин мавзеи назди деҳаи Шикоргаҳи поёнтари Мазори Ҳазрати Султон буд. Чун Алқотун бидид, ки эҳёи шикоргаҳ дар ҳудуди деҳаи Шикоргаҳ чандон ба мақсад мувофиқ нест, ӯ тадбири дигар ҷуст. Зарур буд, ки ҷойи мувофиқе ба шикоргаҳ-машқгоҳе ташкил бикунад. Чунин ҷойҳои мувофиқ дар ҳар ҷойи Ховалинг бисёр буд[1]…

## АЗ МАСИРИ ТАЪРИХ ВА АВЗОИ ЗАМОН.

«Баъди аз аҳди Амир Темур ҳам ағлаб (яъне аксар) замини Бухорои Шарқӣ мустақил буд. Дар аҳди амирони манғитияи Бухоро ҳам Бухорои Шарқӣ ба осонӣ тасаллути (яъне забти) манғития сар фурӯд наовард. Охирин маҷиддини истиқлоли Шарқии Бухоро мисли Мизроббек, Сарахон ва Абдукарим қаҳрамонон буданд» …

[1] Аз нақлҳои Саидаҳмади Карим, Хол Ислом, Махдуми Абдулфайзи Охунди Мулло Сафар.

Садриддин Айнӣ (1878-1954)

Тавре таърих гуноҳ аст ва қаблан ишора намудем, дар асри XIX дар Хатлонзамин сулолаи зерин ҳокиму ҳукмрон буданд: Дар соли 1243-и ҳиҷрӣ (1827-1828) Катахон ба ҷои падараш Тавилхон ҳоким шуд. Дар соли 1257 (1841-1842) вай ба шаҳодат расида буд. Писараш Мизробхон ҳоким шуда 13-сол ҳукмронӣ намуд. Соли 1270 (1853-1854) дар роҳи сафар бемор шуда фавтид. [1]

Пас аз вафоти Мизробхон атолиқ бародари ӯ Сарахон ҳокими Хатлон шуда, то соли 1870 ҳукмронӣ ва аз таъсири ҷангу ҷидолҳои Амир Музаффари манғит ва дахолати Урдуи Руссияи подшоҳӣ бо сарварии генерал-адютанти подшоҳӣ К. П. Кауфман ба Қандаҳори Афғонистон фирор намуд[2]. Дар ин байн, ду сол Сарахон дар Бухоро, дар аморат ифои вазифа намуд, дар ҷояш Қамчинхони додараш низ ҳокимӣ кардааст…

Агар Хатлону Хатлониён дар давоми 13-соли ҳукмронии Мизробхон қадре орому осоишта бошанд ҳам, шиддати вазъият чун пештара буд. Боз ҳамон лашкаркашиву ба қаламрави вилоятҳои ҳамдигар дахолат намудан. Аз ҳама муҳимаш вазъияти аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт. Барои ҳамин, кушодани асрори ин гуфтаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аморати Бухоро дар асри XIX давраҳои ниҳоят душвори қашоқию гуруснагӣ, зулму асорат, ҷоҳилӣ ва бенавоиро аз сар мегузаронид. Илова бар ин ҷангу ҷидолҳои байни Амир Музаффару ҳукумати подшоҳии Руссия ба ҳаёти маданиву иҷтимоии оммаи васеъи мардум мушкилиҳои зиёд меовард. Тавре аз сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ аён аст, ҳукумати подшоҳии Руссия то соли 1867 як қатор мулкҳои Осиёи Вусторо ишғол карда, генерал-губернатори Туркистонро таъсис намуда, сарварии онро ба генарал адютанти подшоҳӣ К. П. Фон-Кауфман супурд. Ҳарчанд Амир Музаффар бо тамоми қувваш ба муқобили урдуи рус истодагарӣ намуд, шикаст хурд ва ба пешниҳоди амир Музаффар байни ӯ ва генерал-губернатор Кауфман 23-юми майи соли 1868

---

[1] В.В. Бартольд «Занятия в Туркистанских билиотеках и музеях летом 1925г»
[2] Ш. Юсуфов «Очерки истории Кулябского бекства в конце XIX и начале хх века», Душанбе – 1964. саҳ.29-33.

сулҳ ба имзо расид.

Бо ҳамин, амир Музаффар аз баъзе ҳуқуқҳо маҳрум гардида, барои додани 500-ҳазор сӯм тавони ҷанг ба Руссия розӣ шуд. Амир Музаффар аз чунин шикастҳо дар зери хавфи калон монда, ягона орзуяш ҷамъ кардани андозҳои гуногун аз мардум, махсусан аз Бухорои Шарқӣ буд. Ва бояд ишора намуда, ки дар он замонҳо вилоятҳои Ҳисор, Хатлон, Қаротегин ва Дарвоз «Бухорои Шарқӣ» ном гирифта буданд…

Дар ин солҳои пуршӯр ҳокими Хатлонзамин Сарахони атолиқи додхоҳ буд ва ӯ аз барои мустаҳкам нигоҳ доштани мулки худ сайъ менамуд, ки роҳи сарбозони амириро гирад. Аз сабаби он, ки мақсади Сарахон дар хусуси надодани андоз ба аморати Бухоро байни мардум паҳн гардида буд, ҷонибдоронаш дар зери байрақи ӯ ҷамъ гардиданд.

Сарахон соли 1869 бо ёрии ҳокими Деҳнав Улуғбек аҳолии маҳаллиро даъват намуда, онҳоро ду маротиба ба муқобили Аморати Бухоро бархезонд. Исёне ташкил намуд.[1]

Исён то ба Ҳисору Шаҳри Сабз тарафдоро пайдо кард. Амири Бухоро Музаффар бошад, аз вазъият огоҳ шуда, тайёрии ҳамаҷониба дид. Бо сардории Яқуббек ва ёрии генерал-губернатор К. П. Кауфман Шеробод ва Ҳисорро забт карда, ба сӯи Хатлон роҳ пеш гирифт. Дар Ҳисор 5-ҳазор нафар ба қатл расид. Ба кадом ҷое, ки қадам гузошт, аҳолии шаҳру деҳотро ғорат намуда, боз ба гардани мардум «амонпулӣ» бор мекард.[2]

Барои тарсонидани мардум ҳокими Ҳисор Абдукаримхонро бо тамоми хешу табораш аз дами теғ гузаронид. Он ду нафар писаронаш, ки бо ҳамроҳии ӯ чанд сол пештар ба Хатлонзамин, ба хусус ба Ховалинг, ба саёҳат рафта буданд, ба шаҳодат расонида шуданд…

Сарахон муборизаи сахт бурд, вале ба муқобили сарбозони амир Музаффар ва сарбозони Руссияи подшоҳӣ истодагарӣ карда натавонист ва шикаст хӯрда ба Қандаҳор ва пас ба Ҳиндустон фирор намуд. Амир Музаффар

---

[1] Ш. Юсуфов «Очерки истории Кулябского бекства а конце XIX и начале XX века», Душанбе – 1964. саҳ.
[2] Б. Ғафуров «Тоҷикон», «Ирфон», с 1985. саҳ 175-176

аз ин ғалаба хурсанд шуда, ба мулкҳои Ҳисору Хатлон Яқуббекро ҳоким таъин кард. Вале, бо вуҷуди шикастхӯрии Сарахон амир Музаффар аз муборизаву шӯришҳои мардуми кӯҳистон сахт метарсид ва тадбире ҷуста Хатлонзаминро ба қисми Кӯлоб, Балҷувон ва Қурғонтеппа: Қубодиёну Саройкамар тақсим карда, хешу табор ва наздикони худро ҳоким таъин намуд, то ки мардуми пурғуруру далери кӯҳистон шӯрише набардоранд, вале ҳайҳот, ки ин амалиёти Амири Бухоро қаҳру ғазаб ва нафрати оммаи васеъи мардумро боз ҳам бедортар менамуд… Агар даврони ҳукуматдории Мизроб ба замони ҳокимии Сарҳади Лола дар Мазори Ҳазрати Султон рост омада бошад, пас давраҳои пуршӯру нооромии ҳокимии Сарахон ба ҳокимии Алқатун Қаравулбегӣ дар саргаҳи Хатлон, қаламрави Мазори Ҳазрати Султон, рост омад. Барои ҳамин, вазъи шеъру шоирӣ, зиндагии орому осоиштаи даврони ҳукмронии ҳокими Хатлон - Мизробхон ба ин шароит мубаддал гашт. Мафкура тарҳи дигар гирифт. Назму базму сурур ба ҷои худ дигар чорабиниву гапу гуфторро иваз намуданд. Акнун лозим буд, ки мардум омодаи дифои Ватан бошад. Фарзандон низ дар ин рӯҳия тарбия ёбанд. Барои ҳифзи номуси гузаштагон, ҳатто фарзандони солиму далеру ҷасур ба майдон бояд баровард…

### Аз қиссаи ба Гавҳарбӣ хонадоршавии Алқатун

Чашми рӯз ҳанӯз накушода буд. Субҳ медамид. Шамоли форам накҳати гулу гиёҳро ба машом расонида, садои шар-шараҳои кӯҳии атроф ва дарёчаи Оби Мазор гоҳе аз наздик ва гоҳе аз дур форам буд, вале оромиро боз садоҳои чирчиракону андалебон халалдор мекарданд.

- Мирам, ҳо мирам, хобӣ ё бедор, овоз баровард ҷавоне.

- Биё, биё, Холӣ! Ана, нав намози бомдодро гузоштам. Ҳама тинҷӣ ҳаст?

- Ҳо, асп пасп омода аст, биё то дер накунем.

- Рост, тезтар равем. Мабодо дер кунем, Манғит ба хубира нест…

-Бале, биё савор шав.

- Хуб.

Алқотун ва боз ду тани дигар ба аспҳо савор шуда, ба поён роҳ пеш гирифтанд. Шамолаки сабуксайр ҳанӯзам мулоим-мулоим вазида, бӯи муаттареро ба димоғҳо мерасонд. Шабнами тар қатра-қатра ба болои баргу гулу гиёҳ чун дурру марворидҳое ба чашм мерасид. Ҳама ҷо пироҳани гулбасар ба бар дошт.

Чун онҳо ба назди рӯди Оби Мазор, рӯ ба рӯи деҳаи Дараи Аспон расиданд, пардаи зулмоти шаб баргирифта шуда буд.

Рӯдбори Оби Мазор ҷо-ҷо мисли мор печутоб мехӯрд. Дар чанд ҷои он шохобҳо чачҳои моҳидорӣ соз карда шуда буд.

- Мирам, бо иҷозати Шумо, якеи онро бубинам, то ризқи саҳарии моҳигир чӣ гунааст,-гуфта, маътали розигии Алқатун истод якеи он сафаракиҳо.

- Бубин, иҷозат дод Алқатун.

Ҷавонмард сӯи чач асп ронда, дар лаҳзае он ҷо расид ва овоз баровард:

- Мирам, чач пур аз моҳист. Як чанд қурбоқа ҳам дорад.

- Кордор нашав, биист.

-Хуб, биоед.

Чун Алқатун ба назади чач расид, дид, ки он пур аз моҳист лаҳзае ҷонвараконро тамошо карда, ҳаловат бурда, кафкҳои оби мусаффоро панҷа пуркарда болои моҳиҳо рехт ва лаҳзае ба фикр фурӯ рафт.

- Чӣ ба фикр фурӯ рафтӣ, Мирам?

-Бале, дар ин саҳари солеҳон дидани моҳиҳои бегуноҳи зебо оқибати хуб дорад. Шаб ҳам хоби хубе дидаам, хушо, ки фикре пеш омад.

- Нек бошад.

- Биист, Холи Бераҳм, дурбинро гирифтаӣ?

-Бале.

- Хеле хуб.

- Тезтар, зудтар рафтан лозим.

- Ба чашм.

Ҳарду аз қафои аспи булули Алқатун асп ронданд. Аспҳо тез-тез қадам монда, юрға мекарданд.

- Мирам, як чиз мепурсам,-гӯён овоз баровард яке аз ҳамроҳон.

- Ҳамин Дараи Аспон чӣ гуфтанӣ гап аст? Чӣ сирре ниҳон дорад?

- Дараи Аспон дар замонае ҷойи аспparварии Хатлониён будааст. Дар ин ҷо навъҳои хеле хуби аспони Хатлӣ парвариш меёфтанд,-гуфта, ба дастонаш дараи васеъ ва деҳаи Дараи Аспонро нишон дода, илова кард,-нақлҳо дар ин бобат хеле зиёданд. Хулоса, ҷои аспparварии қадимист, парваришгоҳи аспҳои парвозиву бодпои Хатлонӣ…

- Ана, ин деҳаи Шикоргаҳ ва ҳудуди дараи он чӣ?-овоз баровaрда, пурсид марди дигаре.

- Аз кунҷковиат намондӣ, Аюби Чолок,-гӯён Алқатун як табассум намуда, овоз баровард,-ин ҷо шикоргаҳ, яъне ҷои машқгоҳи сипоҳиёну паҳлавонони ҷасӯри подшоҳӣ будааст. Ин ҷо шеру палангу гургу дигар даррандаҳо низ парвариш мешуданд. Паҳлавони ҷасӯр аввал ба шеру паланг ин ҷо меҷангид, машқ мекард ва пас, ба ҷанги тан ба тан мебаромад…

- Оҳо, аҷиб ку. Бубахшед, ки Шумо ҳам бо ҳамин мақсад дар ин ҷо аҷоибхона ташкил кардед.

-Бале, локин ба худам маъқул нест. Мавзеи боз хубтар ҷӯстан лозим…

- Мешавад, бисёр фикри хуб.

- Ҳамин тавр сӯҳбаткунон муддате пас ҳар се ба шаҳри Ховалинг, ба назди Чилчанор расиданд.

Офтоби оламоро аз нуги сари кӯҳҳои сарбафалаки Чилдухтарон чун табли заррин баромада, атрофро мунаввар мекард. Боди серуни саҳарӣ вазида, баргу шохаҳои Чилчанорро алвонҷ медод. Дар шаҳр маҷрои зиндагӣ оғоз ёфта буд.

- Аз ҷо-ҷои аловхонаҳои атроф дуд мебаромад.

Алқатун аз асп фаромада он тарафтар аз чашмаи хушобу мусаффои зери чиноре ба тамошо майл дошт. Холи Бераҳм ва Аюби Чолок аспҳоро

дуртар баста, наздаш омаданд ва шолчае болои суфа партофта, курпача густурданд. Алқатун бо онҳо якҷо нишастанд.

- Ҳоло вақт аст Мирам,-гуфт Холи Бераҳм.

-Бале, овоз бароварда, илова намуд Аюб,-аз дигар гӯшаҳои амлокдорӣ касе наомада аст.

- Ҳа, ҳамин тавр, тасдиқ кард Хол.

- Бераҳм, ку дурбина биёр,-овоз баровард Алқатун,-як ба чашмаву манзараҳо нигарем.

- Хуб,-гуфт Хол ва дурбинро оварда, ба хӯҷаинаш дод. Алқатун ба танаи чинор пуштнокӣ такя карда, сӯи арки собиқ, Калъаи амлокдори ҳозира нигарист ва оҳиста-оҳиста тамошо кардан гирифт. Ба ногоҳ чашми ӯ ба дари яке аз хонаҳои шафати қалъа бархӯрд. Дар ҳамин лаҳза, худобарост дар кушода шуда, зане берун баромад. Алқатун ба сару рӯ ва қаду басти нозукбадан дида дӯхт. Зан куза ба таги каш сӯи чашмаи назди Чилчанор омадан гирифт. Қаду қомат, рангу рӯ, миҷҷаву тири миҷгон, абрӯвон ва орази зебояш дилрабову дилфиреб буд. Курта аз лозимии алочагиаш ба ӯ мезебид. Чун ба хаёлоте ғуттавар ба назди чашма расид, кузаро назди чашма гузошт ва оби дида, ба лаби остинаш пок намуд. Ончунон хушрӯву босалобат буд, ки парӣ дар пешаш ҳеҷ буд, вале дар чашмони ашкбораш тарҳи гиряолуд бо дурбин намудор буд. Алқатун гаштаю баргашта бо он моҳи парипайкар менигарист ба қаду басту симояш зеҳн мемонд ва ким-чӣ аз дил мегузаронд. Ба ӯ аз сидқ шефта шуд. «Лаънатие, кадоме аз қавми манғит ин моҳсиморо ба чӣ фиребу золимие гирифта аст. Ҳайфо, ки ин духтарак тӯъмаи гург аст»,- аз дил гузаронд…

Дари дарвозаи амлокдор кушода шудан замон Алқатун хеста, сӯи он равон шуд ва раҳорах ба ҳамроҳиёнаш таҳкид кард:

-Шумо, ҳарду аз кӣ будани ин моҳсимо маълумоте пайдо кунед.

- Хуб, - гуфтанд ҳарду.

Ҳокими Мазор Алқатуни Сарҳади Лола муддате ба амлокдор буд ва кору борашро дуруст карда, соате пас бо чанд тан берун баромад. Пас аз хайру хуш бо дарбориёни амлокдор, ба назди ҳамроҳонаш, ба таги

Чилчанор омада, лаҳзае болои шолчаи сӯфа дароз кашид ва пурсид:

-Холи Бераҳм, ку бигӯ чӣ айёрие ба сомон расондӣ?

- Ёфтам, ёфтам. Насиба бинед-а. Аз шахси наздике аз шарҳи ҳоли он парипайкар дарак ёфтам. Ӯ, бечора сиёҳбахт будаасту бе монда. Хоҳари Сафари Қушбегӣ, аз деҳаи Паранак. Аз шавҳараш дар ин чанд сари сол фарзанд наёфтааст. Шавҳараш аз авлодони амлокдори манғит будаасту дар шиканҷадиҳии занак хун надоштааст.

- О, бечорае. Мани муҷаррад агар чунин зан медоштам, чӣ хубе мешуд. Шояд аз ӯ насли солиму солор мебаромад. Аз зани солиҳа фарзанди солеҳ ба дунё меояд. Ҳамин тавр не, Хол?

- Мумкин.

- Агар ҳамин кор мепӯхт, чӣ мепурсед…

- Иншолоҳ.

Ин гуфтугӯ ба охир нарасида буд, ки он зан боз кӯза ба даст аз дарвоза поин фаромада, сӯи чашма роҳ пеш гирифт. Чун бидид, ки касе дар роҳ ва гирду атроф нест, хиҷобро аз рӯ ба пӯшташ партофта, озодона раҳсипор буд.

Алқатун боз аз сари нав дурбин гирифта, ӯро хуб тамошо кард. Занак оромона кӯзаашро назди новардон гузошта, чашмони гиряолудашро пок кард ва рӯяшро дудаста об пошида шӯст. Рӯ мешӯсту чанд зебогии оразаш пурҷилло мешуд. Пайкараш дилрабо буд. Тири миҷгонаш сахт ба калби Алқатун мезад. Ӯ кӯзаро пури об карда рафтанӣ шуд, ки Алқатун ба наздаш расид.

- Хонум, об мехоҳам бинӯшам, агар бемалол бошад,- гӯён Алқатун бо баҳонаи об соҳибҷамолро аз наздик диданӣ шуд.

- Хуб,- гӯён шармида - шармида ҳиҷоб бар рӯ кашид ва ба Алқатун об дод. Зан ба ин ҷавонмард аз паси ҳиҷоб дида, дӯхту ким-чие аз дил гузарониду обҳои чашмонаш чун дурру гуҳар пасии ҳам ба замин мечакиданд.

Алқатун обро гирифта, ба даҳонаш наздик бурд ва гӯё об менӯшида бошад, лаҳзае истод ва бо назора гуфт:

- Банда ҳокими Мазори Ҳазрати Султонам Алқатун ном дорам. Аз зан

бахти сафед надидаам. Занам ба наздикӣ аз дунё гузаштааст. Агар розӣ бошӣ, хостгор фиристам.

- Ман ҳам сиёҳбахтам, вале на муҷаррад. Ба турксимои манғитие хонадорам. Боз ин касифи кӯчманчии шавҳарам, зангир аст,- гӯён рӯ ба сӯи хона намуда, хиҷолатмандона ба роҳ баромад.

Алқатун бисёр муттассир шуд. Аз он хиҷолатманд буд, ки бо зани шавҳардор гуфтугӯ кард. Муттассир бо ҳамроҳонаш сӯи хона баргашт ва сад фикру хаёл мурадифи майнааш буданд. Ҳам аз корҳои хуб, ҳам аз бад.

Чун қоида ва талаботи вазифа ҳафтаи дигар Алқатун бо ҳамроҳонаш дар ҳамин соати муқаррарӣ худро дар назди Чилчанор гирифт ва маътали қабули амлокдор нишаст. Ин дафъа он паричеҳраро надид ва дарёфт, ки шавҳараш бо ӯ ноҷӯр асту кор дар «бурё» - и шариат вогузор. Аз рӯзиву тақдир худи ҳамин рӯз «бурё» - и шариат, ҳамин ҷо баргузор мегардад.

Алқатун бо ҳамроҳонаш қафо баргашт ва назди Чилчанор дам гирифта, маътал шуд. Ӯ мудом ҳаёти бобокалони худ Амир Оли Ҳасан ва дар Ёхсу /Ахшу/ хонадоршавиашро ба ёд меовард. Лаҳзае пас «бурё»-и шариат баргузор гардид. Аз ду ҷониб зану шавҳару хешу табори онҳо ҷамъ шуда буданд:

- Чӣ мехоҳӣ?-пурсид қозӣ аз он зани муштипар.

- Мехоҳам аз шавҳарам ҷудо шавам. Чунки сиёҳбахтам ва чанд сол аст, ки бо ӯ зиндагӣ мекунам. Вале бефоидаву ноосуда. Ӯ азобам медиҳад, - гуфт занак ва медонист, ки шавҳари тангчашмаш ба духтари кӯчманчие дилбохтааст.

- Ту чӣ мехоҳӣ, бародар?-пурсид қозӣ аз шавҳари он кас ва илова кард; қисмат ҳамин будааст. Дар хуни фарзанди якдигар зомин нашавед, ҷудо шудан зарар надорад. Ҳар кас зан ва ё шавҳари худро меёбад, албатта бо хости Худо.

- Ман ба шарте розӣ мешавам, ки,-гуфта, дилпурона суханашро давом дод марди зандор, ворисони занак кола ва қалинги додаамро баргардонида диҳанд. Чунки ман чизи бисёр додам ва барои зангириам ҳам боз чиз лозим.

- Шумо, чӣ мегӯед,- қозӣ пурсид аз занак ва ворисони ӯ.

- Не,-солҳо ман дар хидмати ту будам,- овоз баровард занак.

- Чӣ ном доштӣ, заифа? –пурсид қозӣ

- Гавҳарбӣ,-хоҳари Сафари Қушбегӣ, аз Паранак

- Гавҳарбӣ! Ту ба суханону талаби ин мард розӣ ҳастӣ?

Гиря Гавҳарбиро гулӯгир кард ва аз хешу таборaш касе «отанг» сахт накард, касе шартро ба зима нагирифт. Аз ин вазъи мурофиа Аюби Чолок фавран ба Алқатун хабар расонид. Алқатун ба воситаи Аюб дарав ба ворисони занак пайғом расонд, ки ҳама шикасту рехт: кола сӯму қалингро ба гардан мегирад, ҳатто зани духтари катаи хостаашро ба он марди зандор медиҳад…

Аюб ворисони Гавҳарбӣ, асосан акааш Сафари Қушбегиро, ки он ҷо ҳозир буд, аз ин вазъ фаҳмонид ва гуфт, ки розӣ шавад. То Гавҳарбиро «сар» диҳад шавҳараш. Гап дар лаҳзае ба ворисон ва худи Гавҳарбӣ пӯхт. Гавҳарбӣ розӣ шуд. Ворисон шарти он мардро ба ҷо оварданд. Барои ҳалли масоил дар ҳуҷҷатҳо имзо гузоштанд ва он мард занашро «сар» дода, се талоқи боини ҳаром кард.

Акнун навбати ворисони Гавҳарбӣ фаро расид. Алқатун, ки аз хушдори нави он мард дарак дошта буд, ҳамаи онҳоро назди худ хонд, аз вазъ фаҳмонд ва гуфт:

- Кадом духтареро он кас хоҳиши зангирӣ дорад, бигӯяд. Он мард духтареро ки дӯст медошт ном гирифта, сурoғаашро ба Сафар Кӯшбегӣ дод.

Хулоса, рӯзе Алқатун ва чанд нафари дигар ба хонаи падари духтар ба хостгорӣ рафт. Бар ивази додани кола ва қалинг он духтарро ба он ҷавон ба занӣ доданд. Арӯсро гирифта бурданд ва кор яктарафа шуд.

Ҳама онҳое, ки аз ин кор дарак доштанд хеле хурсанд шудаанд.

Бегоҳии рӯзи дигар ба хонаи Сафар Қушбегӣ туякиҳо аз тарафи шаҳ-Алқотун омаданд, маросими никоҳ гузаронида шуд. Тӯи оддии фақиронае баргузор гашт. Арӯси Гавҳарбии моҳпайкарро аз Паранак ба Мазори Ҳазрати Султон бурданд. Акнун Гавҳарбӣ шавҳари худро ёфт. Зиндагиаш

ба таври дилхоҳ ҷараён гирифт. Меболиду, меболид…

Қисса кутоҳ шавҳари пешинаи Гавҳарбӣ фарзанддору хушу хурсанду бою бадавлат шуд ва ба ватани худ кӯчида рафт…

Гавҳарбии моҳпайкар ҳам баракат ёфт. Соҳиби фарзандони зиёд гашт. Дар ҳаёт нақши бузург монд. Фарзандонаш Абдулвайс, Қосим, Хосамоҳ, Адо, Ворис, Сарварбӣ ва дигарон ҳар яке аз дигар зебо, ҷасӯр, далер, донишманд ва поку меҳанпараст буданд.

Абдулвайс ба хотири нахуст фарзанди Гавҳарбӣ, ки дар подомани Бузургвор- Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ ба дунё омаданаш ном монда шуд, зеҳни бурро ва симои нуронӣ дошт. Мударрис шуд, шайхи мулло Қосим бошад, чунон зебо буд, ки ба хироҷи мамлакат меарзид. Аз ин рӯ, аз номи Қосими заррин қабоҳи китобӣ ба ӯ ном монда шуд. Дар хурдӣ далеру донишманду чобуксавор буд. Дар ҷавонӣ ба унвони туқсабои расид. Охирин ҳокими бонуфузи Мазор буд. Хосамоҳ ҳам бар хироҷи мамлакат меарзид. Аз тифлӣ зеболиқои парипайкари далеру ҷасӯр буд. Аз хурдӣ либоси бачагона мепӯшиду хислатҳои мардона дошт. Дар муҳити мардона тарбия меёфт. Ӯро Давлатмандбӣ ба занӣ гирифт… Адову Ворис низ ба бародару ягона апаи худ пайравӣ карда, ҳаёти наврасиву ҷавонӣ мегузарониданд. Адо бо Ворис ҳарду табъи шоирӣ доштанду шеър менавиштанд.[1]

## Шикоргаҳи нав дар чашмаи замбӯрак

Ба Алқатун лозим омад, ки шикоргаҳе ташкил кунад. Ҷои мусоиду гуворо ҷӯст. Дар қаламраваш ҷои мувофиқ наёфт. Сурогу пай намуда, дар болотари Гузари Қозии шаҳр чунин ҷое ёфт, ки аз ҳар ҷиҳат наҷибу мувофиқ буд. Он заминро ба қимати зар харид. Замини зархарид ҳудуди калон дошт ва ҷои муовиқе буд. Аз мавзеъи Дашти Чуз то ба Чашмаи Замбӯрак доман паҳн дошт. Чашмаи Замбӯрак низ мавзеи хурдакак, вале

---

[1] Аз нақли худи кампири Гавҳарбӣ, ки мо онро аз даҳони наберааш Амиралӣ навишта, ба таври худ ба қалам додем. Муаллиф.

фирдавсмонанд буд. Оби чашмааш мусаффову хеле сард буд. Ин аст, ки чашмаро дар қадим «Замбӯрак» ном ниҳоданд ва ин ҷо баъдтар маҳаллаи Замбӯрак ном гирифт. Ҳосили матлаб ин аст, ки ҳангоми ошомидани оби ин чашма даҳону дандони кас аз хунукӣ мутаассир мешавад. Ба назари кас гӯё замбӯре ба забону даҳон неш зада бошад… Ҳубобҳо низ ба монанди садои занбӯр боло мебароянд.

Алқатун қаровулбегӣ, ки ба мақсад мувофиқ замину об ёфт, аввал фавран шикоргаҳ, ки баъдтар «аҷоибхона» ном гирифт, ташкил кард. Ҳайвоноту даррандаи ваҳшӣ ва ҳайвоноту парандаҳои ромкардаи дигарашро ба шикоргаҳи нав кӯчонд. Акнун ҷои машқ васеъ шуд. Холи Бераҳму Аюби Чолок, Сафарпаҳлавону Сангаки Гулизор ва дигаронро он ҷо вобаста намуд. Холи Бераҳм ба гургу хирсу паланг ҷанг мекард, гӯштин мегирифт, машқ мекард. Аюби Чолок бошад, дар сари дави асп оҳуро дошта, мегирифт, баъзан бо милтиқ мепаронд. Сафарпаҳлавон бо хирсҳо гӯштин мегирифт. Ҳиллаи мағлубшавии хирсҳоро медонист. Ҳамин, ки ба хиср гӯштин мегирифт, онҳоро ба қафо тела медод. Аз пӯшти по ҳалуки сари севҷӣ андохта, қафонокӣ онҳоро меафтонд. Аммо агар саҳван хирс ӯро ба оғӯш мегирифт ва ё ба пеш мекашид, ҳатман мағлуб мегашт.

Сангаки Гулизор аз Назари Қурнайчагӣ дар ром кардани бозу боша, мурғони даштӣ, кабгу, товус ва дигар намуди мурғакон ҳамто надоштанд.

Барои парвариши рӯбоҳу кашқалдоқу, суғуру ҷайра ва дигар ҳайвоноти ваҳшӣ одамони дигари алоҳида дар хизмат буданд.

Паҳлавону сипоҳиёни амирӣ низ баъзан ин ҷо машқ мекарданд. Холи Бераҳм бераҳмона ба онҳо машқ ёд медод.

Аспдавониву ба зери шиками асп фаромадан аҷоиб буд. Бо корд машқ кардан ҳангоми набарди савора ва дигар машқҳо тамошобобу наҷиб буданд.

Хӯҷаи Калони ҳунармандро Алқатун аз Хонакоҳи Серодара он ҷо овард. Хӯҷаи Калон заргару оҳангар, ба хусус наългари хуб буд…

Рӯз то рӯз мавқеву манзалат ва овозаи шикоргаҳи аҷоиби Алқатун дар вилоят ва берун аз он паҳн мешуд. Чашмаи Замбӯрак ба машқгоҳу

тамошогоҳ ва истироҳатгоҳ табдил ёфт. Болотар боғе бунёд ёфт, ки баъдтар он «Боғи боло» ном гирифт.

Боғи боло аз «Боғи Қаравулбегӣ»-аш камӣ надошт. Аз он боғ пайванд оварда, намудҳои гуногуни себ, нок, нашпотӣ, тут, гелос, мурут ва дарахтони ҳосилдеҳи дигарро пайванд намуд. Боғ самаровар шуд, меваҳои шаҳду шакарӣ дошт. Ҳоло тутҳои зиёди пайвандие сарасбзу сар ба самоанд…[1]

## Дарвозии ғайратманд

Мавзеъи Чашмаи Замбӯрак ба Алқатун Қаровулбегӣ бисёр маъқул афтод. Акнун ӯ мудом он ҷо буд ва аз кору бор ва аз машқҳои паикориву корзорӣ дидан менамуд. Аз он хурсанд мешуд, ки агар кас, ба хусус ҷавонон сирру асрори шиновариву оббозиро дар «Ҳавзи Гармобарӯд»-аш ёд гиранд ва ё машқҳои дигари корзориро дар шикоргаҳаш омӯзанд. Умуман, ҷавони ҷасӯру боғайратро дӯст медошт ва зери тарбия мегирифт.

Қаровулбегӣ пайи ободии як гӯшаи мавзеъи чашмаи Замбӯрак хонаву дари зебову барҳавое месохт ва бунёдкориҳо идома дошт.

Рӯзе ба болои яке аз бомҳои баланд хокандозӣ пеш омад. «Хокпарто»-ҳои гирду атроф, ки дасту бозӯи паҳлавонӣ доштанд, даъват карда шуданд. Аз олотҳои соддаи муҳандисии маҳаллӣ низ истифода бурда мешуд. Хулоса Қаровулебегӣ дар кати рӯ ба рӯи онҳо, ки зери сояи қомбалтутҳо гузашта шуда буд, менишаст.

Чанд тане курчак дар даст ба болои бом хоки кандаро ҳаво медоданд. Корашон омад накард. Хокҳои партофта, то ба болои бом нарасида ба замин баргашта мерехтанд. Аз ин вазъият ба хулоса омада, хостанд, ки аз олоти соддаи муҳандисӣ истифода карда, хокро ба болои бом бикашанд. Зимнан гиру дор давом дошт.

Дар ҳамин лаҳза ҷавонмарде, ки ин корҳоро мушоҳида мекардааст, ба сӯи Алқатун Қаровулбегӣ омада овоз баровarда мусоҳиб шуд.

[1] Аз наклҳои аберахои Алқотун Қаровулбегӣ зиндаёд Амиралӣ ва дигарон.

- Ассалому алайкум, хӯҷаин.

- Воалайкум ассалом.

- Хостум каме тамошо кунум.

- Ташаккур, хуш омадед…

- Хидмате ҳаст бародар? Агар бошад, бифармо.

- Паъ, мун як мусофири роҳгузарум. Бидидам, ки хокпартоӣ чандон гармӣ надорад, каме корро зеҳн мондум.

- Чӣ, мехоҳӣ ба болои бом хок бипартоӣ?

- Агар раво бидонед.

- Ту аз кадом мулкӣ, бародар?

- Ай мулки Дарвоз.

- Оҳо, меҳмони қимат будаӣ-ку, додар?

-Биё, аввал таҳтул бикун.

- Хуш, ҳоло серум, нав таҳтул караме.

- Пас мехоҳӣ, ки фавран ба болои бом хок бипартоӣ.

- Ҳо, агар иҷозат бидиҳӣ илавҳоямро ба ҷое тавила бикунум.

- Майлаш, бифармо.

- Мусофир ҳарду хари худро он тарафтар баста, назди мардум ва тӯдаи хоки канда биомад ва одоби мулоқот ба ҷо оварда, маътали супориши хӯҷаин истод.

- Марҳамат, - гуфта, Алқатун Қаровулбегӣ ба мусофири дарвозӣ, иҷозати ба болои бом хок партофтан дод.

- Хуб, ба чашм, -гуфта, марде, ки дар дасташ курчак буд, ишора намуда, суханашро идома дод,- биёр курчака ба ман бидеҳ.

- Хуб, марҳамат, бародар, -гуфт он кас.

Мусофир «ё бисмило» гуфта, ба дилаш ким, чие гуфта, ба хокпартоӣ сар кард.

Дар як лаҳза, як пеш хокро ба болои бом ҳаво дода, дарав назди хоки кандаи тупи онтарафтар буда, рафта, хокпартоӣ намуд. Пеши дуввумро низ озодона ба болои он боми хеле баланд партофт. Ҳама ҳозирин ва хокпартоҳои номӣ ангӯшта ҳайрат газиданд. Шармашон омад. Алқотун

Қаравулбегӣ аз паҳлавони мусофири дарвозӣ ба ваҷд омада, табассум дар лаб овоз баровард:

- Офарин дарвозӣ, қандата бизан. Хеле паҳлавону боқувват будаӣ!

Мусофир аз ин суханон илҳом гирифта, хокро боз баландтар мепартофт.

Алқатун як имои ханда намуда, овоз баровард:

- Додар, лаҳзае биист.

- Хуб,-гуфта, дарвозӣ истод.

- Ин ҷо биё, - гуфт Қаровулбегӣ

- Ба чашм,-ҷавоб дод мусофир ва назди Алқатун омад.

- Рост биист, дар танаат чизе дорӣ, вагарна аз ин ҷо хок партофтан осон нест,-гӯён ӯро шухиомез рост карда, танашро кофт. Алқатун рӯймоли дар миёнаш, аз таги куртаи карбосӣ бударо кушод. Чун дид, ки дар рӯймол ҳафт тангаи тилло аст, онҳоро гирифта, ба мусофир супориши хокпартоӣ дод:

- Хуб, -гуфта, ноҳинҷорона назди хоки навканда рафт мусофир курчакро гирифта, ба хокпартоӣ пардохт. Аммо мутаасифона. аз сабаби ҳарос ва ё шарм буд, ки ҳеҷ чун аввала хок партофта натавонист.

Алқатун вазъиятро дида, мусофирро наздаш хонда гуфт:

- Бас, додар, ин ҷо биё.

Мусофири дарвозӣ, дарров назди Қаравулбегӣ омад.

Алқатун тангаҳоро дар рӯймол зайли аввала печонида дар миёни дарвозӣ баст ва гуфт:

- Додар, ана, марҳамат, ку бинем, як хок бипарто.

- Хуб, гуфта ранги рӯи кандааш ба ҷо омада, худро бардам ҳис намуд мусофир ва курчакро гирифта, ба болои бом баландтар хок партофтан гирифт.

Аз ин манзара Алқатун завқ бурда овоз баровард:

- Бародари меҳмон, хокпартоиро бас карда, ин ҷо биё.

Он кас назди хӯҷаин омад.

Алқатун дар пушти ӯ се бор бо панҷа «тап-тап» зада гуфт:

- Қандата зан, додар, аз ин амали ман хафа нашав. Ман ёде аз ҳикояти қадимие кардам.

- Исто, ки сафарҳо ба хайр.

- Барои гандумхарӣ омадам.

- Бисёр нағз сӯм дорӣ?

- Не, тутмавиз дорум. Мегӯм тутмавиза дар бозор савдо кунуму баъд аз пулаш гандум харум.

- Додар, ту паҳлавону боғайрат ва бузургӣ. Мову ту аз ин рӯз сар карда ҷӯра.

Ҳоло тутмавизатро мегирему илавҳоятро гандум бор мекунем. Розӣ ҳастӣ?

- Ҳо, ала,- боғайратона табассум дар лаб ҷавоб дод, дарвозӣ.

Хӯрок оварда шуд. Алқатун бо меҳмон як табақ фатирмаскаро хӯрда хеле хушгӯӣ карданд пас ӯ ба хидматгоре супориш дод, ки ҷуволҳои меҳмонро пур аз гандуми тозаи шустагӣ карда биоранд. Супориш фавран иҷро шуд.

- Додар, ана ғалла тайёр, ана ин сӯмхоро бар ивази тутмавизҳоят бигир. Аммо як-ду рӯз бо мо биист. Ситораи ту барои ман бисёр маъқул шуд. Ту бо ғайрат будаӣ, додари дарвозӣ– гӯён Алқатун Каровулбегӣ ба меҳмон гуфтугӯ кард,-местӣ ё не, вақт дорӣ?

- Не, хӯҷаин, дар хона орд набуд. Баргаштанам авлотар аст.

- Хуб, ҳар вақт, ки Ховалинг омадӣ, назди ман биё. Ғалаат, ки дур шуд, фавран пешам биё, майлаш.

- Ба чашм, хуб.

- Ба бародарони дарвозӣ салом бирасон.

Аз ин амали худодод дарвозӣ хеле хурсанд шуда, аз ду илав бор, сӯм ва савғотии Алқатун Қаровулбегӣ хурсанд шуда, роҳи мулки дарвозро пеш гирифт…[1]

---

[1] Дар асоси нақли момаи Гавҳарбӣ навишта шуд. Муаллиф.

**Косаи сабр лабрез шуд…**

Алқатун Қаравулбегӣ чун падараш Сарҳади Лола парвоначӣ шахсони соҳибистеъдод, паҳлавон ва далеру ҷасӯрро дӯст медошт. Мудом аз ҷавонони толибилми мадрасаҳои қаламрави Мазор хабар мегирифт. Ба онҳо ёрӣ мерасонд. Соҳибистеъдодҳоро ба мадрасаҳои болоӣ ба хондан мефиристод, аз ҷиҳати моддӣ ба онҳо ёрӣ медод.

Аз исёни Сарахон, ки соли 1869-1870 ба амал омада буд, хулосаҳои даркорӣ мебаровард. Орзу дошт, ки ҷавонон ҳамаҷониба обутоёфта дар об шиновару дар корзор найзазану, тирзану чолоку далер бошанд. Барои ҳамин зимнан ҳифзи шиноварӣ дар Мазор ва шикоргаҳаш дар мавзеъи чашмаи Замбӯрак мавқеъи хоса доштанд.

Дар замони ҳукмронии ҳокими Хатлон Сарабек солҳои 1854-1870 гоҳҳо сипоҳиёну аёрони подшоҳӣ дар ин машқгоҳҳо таълим мегирифтанд. Сарахон Қалъаҳои Мазорро ободтар карда, чанд муддат, дар фаслҳои гармо он ҷо мезист.[1]

Дар давраи миригарӣ, ки ба сари ҳокимият қавми манғит бо ташаббуси амири Бухоро Амир Музаффар омада буд, манзара ранги дигар мегирифт.

Мазмуни ҳавз ва шикоргаҳ тағир ёфта буданд. Акнун дар ин ҷой на сипоҳиён, балки ҷавонони маҳаллӣ ба таври махфӣ машқ мекарданд. Аз дарбори амлокдор то ба мир зимнан касе эътибор намедод.

Бо вуҷуди баъди аз сари ҳокимият рафтани Сарахон ва тағиротҳо дар ҳокимият, ҳокими Мазор Алқатун Қаравулбегӣ дар кору вазифааш монда буд…

Ҳисси худшиносиву ватандорӣ Алқатунро азоб медод. Ҳар гоҳ, ки ба назди Чилчанор омада, ба ҷои ҳокими пешина қавми манғитро медид, нафраташ мефузуд, вале чӣ илоҷ осмон баланд замин паст.

Баъди ба қисматҳо тақсим кардани Хатлонзамин ва ҳукмронии қавми манғит дар миригарии Балҷувон ва бекигарии Кӯлоб (соли 1870) аҳволи оммаи

васеъи мардум на беҳтар, балки бадтар мешуд. Мардуми далеру шӯҷоъи Хатлонзамин ба амалдорони нави худ нафрати беандоза доштанд. Хусусан дар бекигарии Кӯлоб аз норозигии оммаи мардум бекҳо зуд-зуд бекор карда мешуданд. Бо вуҷуди он, ин вазъият рӯз то рӯз муташанниҷ мешуд. Ин буд, ки косаи сабри халқ лабрез шуда, соли 1885 дар амлокдории Мӯъминобод шӯриши халқ сар зад, вале бо зудӣ аз тарафи сарбозони бекигарӣ пахш карда шуд. Соли 1886 бошад, дар кадоваи Ёхсӯи миригарии Балҷувон шӯриши мардуми кӯҳистон ба амал омад. Ин шӯриш аз тарафи сарбозони манғитии мири Балҷувон бераҳмона пахш карда шуд. Ҳоли мардум рӯз то рӯз табоҳ мешуд. Аз як тараф пас аз пахш намудани шӯришҳои мазкур қаҳру ғазаби ҳокими манғитӣ меафзуд, аз тарафи дигар бошад, нафрати мардуми таърихан озодихоҳ, далеру ҷасӯри кӯҳистони Хатлон зиёд мешуд. Ин буд, ки душмани золиму мазлум, сиёҳу сафед, баду хуб рӯз то рӯз тухми адоват мекошт.

Мардум ба амалдорони навашон боварӣ доштан он тараф истад, ба чашми нек наменигаристанд. Масали гургу гӯсфанд пеши назар меомад. Ҳамин, ки ҳосил мепӯхт, дорғаву закотчӣ ва умуман амалдори мирӣ ва ё бекӣ ба таксими он камар мебастанд. Хушксолии солҳои 1863-1884 баҳона, намудҳои зиёди андозҳо аз мардум гирифта мешуд.

Андозгирӣ як тараф, зулму асорат тарафи дигар буд.

Абдулаҳад соли 1885 баъди фавти падараш амир Музаффар ба тахт нишаста бошад ҳам, тағироте ба амал наовард. Зулму асорат ба таври васеъ доман мегустурд.

Дар Ховалинг амлокдор, Абдулкарим- раиси бозор ва Ҷобир барин дорғаҳо ба дили мардум зада буданд, вале чӣ илоҷ. Мардум ба нафрат ба онҳо чун душманон менигарист. Дар аксар деҳаҳо норозигии васеъи халқ соат ба соат тобу ҷило мегирифт. Ҳисси худшиносиву ватандории онҳо бедор мегашт.

Нафрат, реша давонда, нумӯъ меёфт. Ҳар як норозигиву шӯришҳои

---

[1] Сарахонро Сарабек, Мири Сара ва Мири Зард низ мегуфтанд.

парокандагашта ба шӯришҳои нисбатан калон замина мешуданд…[1,2]

## Ғазои Восеъ

Соли 1888. Бо гузашти айём тарҳу симои рӯду чашма, долу дарахт, замину об, қасру кӯшк, авзои замона ва умуман табиату ҷамъият дигар мегашт.

Аллакай аз замони ҳукмронии ҳокими Хатлон Мизробхон атолиқ, ки аз солҳои 1841 то 1854 ҳукмрони ин вилоят буд, танҳо нақлу ҳикоят, шеъру суруд ва қисман боқимондаҳои кӯшку қалъаҳиҳо, таҳҷои арку мадрасаҳо боқӣ монду халос.

Мардум аз ҳукмронии 13-солаи ӯ ёдовар шуда, тупҳои «Ҷаҳонгир»-и вай ва чанде аз ҷойҳои машқҳои ӯро ёд мекарданд. Акнун дар назди таҳҷои ҳавзи дар дохилаш дори обӣ буда, деҳае доман густурд, ки он Доробӣ ном гирифт. Дар ҷои гови алои ба нишон мондааш, ки тупи «Ҷаҳонгир» ӯро зада буд, деҳае бо номи Алагов доман паҳн кард. Дар ҷои шутури ба ҳадаф мондааш, деҳе ободӣ ёфта, Хами Уштур ном гирифт.

Машқгоҳи Мизроб, ки дар дашти поёнтари шаҳр ҷой гирифта буд, Дашти Қавақ ном гирифт.

Қариб аксар роҳҳои тайкардаи ҳукмронӣ, корзорӣ, адабдӯстӣ ва мардумпарварии Мизроб дар девони шоири дар бораш Хотирӣ гирд оварда шудаанд.

Вазъияти ватандориву ватандӯстӣ, ободиву озодии мулк ва зиндагии осудаҳолонаи мардум дар замони ҳукмронии Сарахон, низ рӯ ба беҳбудӣ оварда буд, мардуми кӯҳистон нағз медонист, ки яке аз душманони Хатлонзамин Муродбеки Қатаған буд ва он аз таъсири иқтидори лашкари Сарахон, дигар ба Хатлонзамин сар намедаровард.

Сарахон Кӯлобу Балҷувонро қадре обод намуд. Масҷиду мадраса қалъаву

---

[1,2] Аз масири таърих. Мувофиқи нақли бобои Мулло Ятим, шоирони халқ Хол Ислом ва Сайдаҳмади Карим (аз рӯи девони Хотирӣ)

дидбонгоҳҳо сохт.[1]

Дар Балансар ва дигар ҷойҳои саргаҳи Хатлон кӯшку калотҳо сохт. Иқтидори мудофиавии мулкро васеъ намуд. Назоратро хеле пурқувват кард. Аз дурбин васеъ истифода мебурд.

Ба аморати Бухоро лашкар кашиданаш низ кори саҳл набуд. Ин лашкаркашӣ, на ба дигар хотир, балки ба хотири аз «амонпулӣ» саркашӣ кардан буд. «Амонпулӣ»-е, ки амир соли 1868 пас аз шикасти аморат дар ҷанг ситонидани онро аз мардуми кӯҳистон, бахусус кӯҳистони Бухорои Шарқӣ авло медонист…

Мардум нағз медонист, агарчӣ Сарахон бо хешу табору наздиконаш аз таъсири урдуи Русия ва аморати Бухоро ба Афғонистон фирор карда бошад ҳам, замину оби шоирхезу қаҳрамонхези Хатлон побарҷост ва давом додани шӯришҳо амри воқеист. Мубориза зарур аст.

Ҳар як шӯру ошӯбҳои хурд-хурди навбатӣ ғурури мардуми кӯҳистони саргаҳи Хатлонро бедор намуда, ба шӯриши нисбатан бузурге ибтидо мегузошт.[1]

Дар зиндагии мардум гаронӣ паси гаронӣ буд. Ҳануз ғами супоридани «амонпулӣ» фаромӯш нашуда буд, ки солҳои 1883-1884 паси ҳам хушксолӣ омад. Оқибати ин офати табиат низ ба гардани мардуми Бухорои Шарқӣ бор шуд. Ин буд, ки ба андозпулиҳо боз чанд намуд андози дигар замъ гардид. Амлокона (Ҳақи амлокдор), мӯҳрона (ҳаққи доруға), миробона (ҳаққи мироб) ва дигар андозҳои асосиву маҷбурӣ пайдо шудаанд.

Зулму таадӣ аз ҳад гузашт. Косаи сабри мардум лабрез мешуд. Фарзанд назди волидайн нон гуфта ҷон медод. Миробу дорғаву амлокдор ва дигар саркардаҳои амирӣ чӣ худсариҳое намекарданд. Амири манғит Абдулаҳад (ҳукмрониаш соли 1885-1910) аз тамоми воситаҳои ҷабру ситам истифода бурда, аз ҳисоби оммаи васеъи халқ хазинаи худро ғанӣ мегардонд.

---

[1] Ҳ. Пирумшоев «Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ», «Ирфон», 1999. саҳ. 6

[1] Асари зикршуда саҳ. 5-6.

Мардуми Ховалинг ин кирдори бераҳмонаи Амир Абдулаҳадди манғитро дида, ба доду фиғон меомад. Абдураҳмони Амлокдор ва Ҷобири доруға аз ҳад зиёд ба мардум бераҳмиву башавқатӣ зоҳир мекарданд. Ба хусус бедодгариҳои Ҷобири доруға ҳар рӯз аз даҳон ба даҳони мардум мегузашт. Ҳар гоҳ ӯ назди чошти ғаллае пайдо мешуд, аз баднафсиву беинсофиаш норозигии халқ авҷ мегирифт.

Ин буд, ки ҷувозкаши Дараи Мухтор-Восеи диловар ба ин зулму ситам дигар муросо накард. Дар бозори Ховалинг халқро ба шӯриш даъват намуд. Мардуми гирду атрофи деҳаҳои Ховалингро ба шӯриш хезонд[1] Рӯғани зағир гирифта, ба Сӯдара ва пас ба Ёхсу равон шуд. Дар деҳаҳо фурӯхтани руғани зағирро баҳона карда, ёру дӯстон ва наздикони худро ба шӯриш омода менамуд. Рӯзи оғози шӯришро ба тариқи махфӣ ба онҳо мефаҳмонд. Омодагӣ рӯз то рӯз ривоҷ меёфт. Восеъ рӯзи оғози шӯриш пилтакамону панҷтираҳои зиёде аз мардум ҷамъ намуда буд. Дар ин бора суханҳои то ҳанузам ба табъ нарасида хеле зиёданд. Равост, агар зимнан нақлеро биорем.

Нақл.

Мулло Шарифи дараи хурдакӣ пилтакамон дошт. Ӯ яке аз хешовандони наздики Восеъ буд. Рӯзе Восеъ омада гуфт:

- Пирам, милтиқатро ба мо бидеҳ, мири манғита сарнагун мекунему Балҷувона мегирем. Агар Худо розӣ бошад, пас туро муфтӣ ё қозӣ таъин мекунем.

- Не,-гуфта, насиҳат кард Мулло Шариф, - «Назан ба арбоб, ки мезанад ба ҳар боб» гуфтаанд. Мо чанд шӯришро дидем. Мир то Бухорову Русия реша дорад, фаҳмидӣ?!

- Чӣ хеле бошад, гап якто, ақиб намегардем, ба пеш меравем.

- Нарав Восеъ, худат ва мардумро қир накун!

- Ғазо мекунем, гуфтам ку меравем, камонатро ба мо бидеҳ.

- Неъ, намедиҳам.

Агар ҳамин хел бошад. Агар Балҷувона бигирам аввал туро

---
[1] Асари зикршуда саҳ 5-6.

мепаронам баъд кампират Асалро ҷазо медиҳам.

Чун ин суханонро Восеъ гуфт, аз надодани милтиқ қаҳр карда рафт.

Шӯриш ба миён омад. Восеъ Балҷувонро гирифт. Бо ёронаш шикаст хурда ба даст афтод. Аз он Мулло Шариф дарак ёфта, назди Восеъ рафт. Восеъро дастҳо паси пушт занҷирбанд дид. Восеъ Мулло Шарифро дида ким-чӣ аз дил гузаронд. Аз дил гузаронид, ки мумкин Мулло зимнан сазояш диҳад. Аммо ин тавр нашуд. Мулло Шариф ӯро дида ба тамоми ҳастӣ овоз баровард.

- Восеъ, озурдадил мабош! Ту шери жаёнӣ! Шерро занҷирбанд мекунанд на рубоҳро. Қавми мо бузург асту арвоҳи бузургвор дар пуштамон, асло ба манғит сар хам накун, бачам. Баномус бош, Восеъ!…

Восеъро бурданд.

Мулло Шариф ба Дараи Хурдаки ҳамсоядеҳаи Дараи Мухтор омад. Ҳодисаро ба кампираш Асал гуфт. Асал хиҷолатманд шуда, овоз баровард:

- Сазош надодӣ, ҷувонамарги Восеъра. Нагуфтиш, ки гапа нагирифтӣ, соз шудӣ…

- Эй мӯҳдарози ақлкӯтоҳ. Ҳамон ҷо ҷои гап буд. Он ҷо ҷои ҷасӯриву мардонагӣ, ёхсучигиву шоҳимардӣ буд. Оҳҳо…[1]

Мардум, ба хусус ҷавонон ба зиёрати Мазори Ҳазрати Султон рафта, аз чашмаҳои муқаддас об менушиданд, ба лаби ҳавзи Сарҳад рафта, оббозиву шиноварӣ меомӯхтанд. Дар шикоргоҳ машқ мекарданд. Омодабошӣ ва далериҳои гузаштагони худро ба ёд меоварданд.

Восеъи қаҳрамон аз рӯзгори мардуми диёраш нағз огоҳ буд. Далериҳову ғурури мардуми Ёхсу ба ӯ мадору қувват мебахшид. Аз саргузашти Амир Оли Ҳасан ва фарзандону бозмондагони ӯ огоҳӣ дошт. Нағз медонист, ки мардуми Ёхсучӣ як гап доранд, сар медиҳанду аз қавму амал намегарданд. Ғурури аҷдодони Даҳбедии худро пос медоранд. Худо яку Пайғамбар (с) яку гап як, амал як.

Восеъ се шаб дар кӯҳи Сурхсақоваи болотари деҳааш Дараи-Мухтор

[1] Аз наќли пирони солори Ховалинг.

оташ афрӯхт. Ин нишонаи оғози шӯриш, нишонаи муборизаи сафедӣ бар сиёҳӣ, некӣ ба бадӣ, адолат ба таадӣ ҳисоб меёфт. Нишонае буд дар таҳҷои қалъаи Сарахон,кӯҳи Сурхсақова, дар ҷое, ки 20 сол пеш Сарахон фавҷи сершумори мардумро ба муқобили Музаффари манғит бархезонда буд.

Инак, ҳамин сол, яъне соли 1888, аёми сесолагии ба тахт нишастани писари амир Музаффар-амир Абдулаҳади манғит, шӯриш оғоз ёфт. Марудми зиёде аз Ховалинг, Ёхсу, Мӯъминобод, Сӯдара, Шӯробдара, Зуввайр ва дигар мавзеъҳо ҷамъ шуда, бо корд, калтак, чоршох, ошбӯр, пилтакамон ва дигар лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ шуда, сӯи маркази зулму таадӣ қалъаи мири Балҷувон, ки онро Сарахон ҳангоми дар сари ҳокимият буданаш чун дидбонгоҳ сохта буд, раҳсипор шуданд.[1]

Шӯришгарон дар муддати кӯтоҳ тахти миррирo вожгун намуданд. Мир шикаст хӯрда, гурехт.

Восеъи ҷасӯр бо ёронаш ба мақсади худ расиданд. Қалъаи Балҷувонро гирифтанд.

Восеъ, ки тақрибан солҳои 1845-47 дар деҳаи Дараи Мухтори Ховалинг ба дунё омада буд, кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ дида буд, саргузашт ва ҳокимони охирини кишварро нағз медонист. Аз солҳову ҳаводисот ва ҳолиёти Мизроб бархӯрдор буд. Далериву ҷасӯрии ӯро нағз медонист. Сарахонро ҳамчунон. Ӯ иштирокчии фаъоли исёни Сарахон буд.[2] Дар ин сол, яъне солҳои 1869-1870 ӯ 25-сол дошт ва хубу бадро нағз медонист. Аз исёни Сарахон таҷрибаи бой гирифта буд. Яке аз сабабҳои сарвари шӯриш таъин гардидани Восеъ ҳамин далел ҳисоб меёфт. Баъди пахш кардани шӯриши халқ бо сарварии Восеъи ҷасӯр, уро соли 1888 дар шаҳри Сабз амири Бухоро Абдулаҳади Манғит ба дор овехт. Восеъ ҷон доду чашмонаш кушода, бо ғуруру далерӣ, барои ҳифзи номуси халқу ватани худ дар мубориза ба аҷнабиёни манғитӣ…

Акнун васфи Восеъи қаҳрамон ва ҳамкешу ҳамнабардони ӯ вирди забони мардум монда, аз даҳон ба даҳону аз қалб ба қалб мегузашт.

---

[1] Ҳ. Пирумшоев «Таърихи омӯзиши Шӯриши Восеъ», «Ирфон», 1992, саҳ.6.
[2] Асари зикршуда саҳ.5.

Восеъ ғазост имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз,
Ғавғои рӯзи маҳшар
Бар фуқарост имрӯз…

## Боби 4

### Қосим Туқсабо[1]

«Зарринкабоҳ»

(1879-1920)

Баъд аз пахши шуриши Восеъ авзои қаламрав низ таъғир ёфт. Нуфузу салобати манғитиён ҳам зиёд шуд. Шӯришгарон дар ҳар куҷо паҳну парешон ва ҳатто пинҳонӣ ҳаёт ба сар мебурданд.

Бо вуҷуди ин кашмакашиҳо ва ба амал омадани тағиротҳо, ҳанузам ба ҳокими Мазори Ҳазрати Султон Алқатун Қаравулбегӣ касе кордор нашуд ва ин қаламрав ҳокимияташро идома медод…

Ибтидои қарни XX  дар байни фарзандони Алқатун Қосим ва Хосамоҳ ҷасӯру бағайрат буданд. Қосим бо вуҷуди дар мадраса хонданаш аз падару бародараш шайхи Абдулвайс ва дигар пирони рӯҳонӣ ва мударисон таълим гирифта буд. Дар шиновариву айёрӣ ва чусту чолокӣ баҳо надошт. Аспсавори беҳамто буд. Оҳуро дар сари даваш ба корд ва ё тир мезад. Тираш хато намехӯрд. Мудом дар шикоргаҳи падараш машқ мекард. Шикорчии номӣ ҳисоб меёфт.

Алқатун аз Қосими ҷавон умедҳои бузург дошт. Ӯ рӯзе дар сари дастурхон таъкид кард:

- Аз ту умедам калон аст, Қосим. Умрам ба ҷое расида аст. Чароғи умрам наздикӣ хомӯшист. Биомӯзу ману қаламравро ворисӣ бикун. Туро ба Худо месупорам. Дар назар дошта бош, ки ҷадду аҷдодат одамони хуб буданд.

---

[1] Туқсабо-унвони олии аморати Бухоро. Ба унвони ҳарбии полковник баробар, амалдор.
Ин унвон ба номи Ќосим илова шуда, дар гузашта ва имрўз ўро Ќосим Туќсабо ном мебурданд ва њоло низ њамин зайл мегўянд. Муаллиф.

Бобоят Сарҳад, бобокалонат Лола…-гуфта, лаҳзае хомӯш монд.

- Хуб, падар,-гуфт Қосим ва илова кард, то рӯзе ҳастам, ба кардаву гуфтаи Шумо амал мекунам.

- Як чизи дигар ногуфта намонад. Акнун вақти аз нав хонадоршавиат ҳам расидааст. Ба кадом духтаре дилбохтагӣ дошта бошӣ, бигӯ, то ки ӯро ба ту хонадор кунам.

- Ҳоло вақт ҳаст, падар.

- Не, гуфтам-ку солам ба ҷое расидааст. Таъкиде аст, ки ҳар зиндае хоҳад мурд! Ҳар чизи тозае кӯҳна хоҳад шуд! ҳар бузурге нобуд хоҳа гашт… Кӣ медонад, ки ояндаи ин солҳои пуршӯр чӣ мешавад. Бигӯ аз паи ин кор шавам ва дилам қарор гирад,-гӯён қатъӣ супориш дод мӯйсафед.

- Хайр, қиблагоҳ,- гуфта, каме аз шарм сурх шуд Қосим.

- Бигӯ, ки хушдорат ҳаст?

- Касе ба Шумо маъқул бошад.

- Набошад, духтари Муҳаммад Давлати Хочиронӣ, аз Ҷовасар, номаш чӣ буд?

- Шаъмигул.

- Ҳа, ана ҳамон Шаъмигули медонистагиат.

- Насиб, хости Худову розигии Шумо, падар.

- Майлаш.

Алқатун фавран ба хонаи Муҳаммад Давлати Хочиронӣ ба деҳаи Ҷовасар, ба хостгорӣ рафт. Хонадор ба ҷону дил Қосимро ба домодӣ қабул кард. Туи хубе баргузор гашт. Арӯси Шаъмигулро ба хона оварданд.

Аз Шаъмигул Давлаталӣ, Аслинисо ва Мушкинисо ба дунё омаданд.

Рӯзе Қаровулбегӣ Қосимро наздаш хонда, дар назди ӯ масъала гузошт:

- Писарам, Қосим, акнун навбати хидмати ту фаро расидааст. Ту ба ҷои ман корро идома медиҳӣ, фаҳмидӣ?

- Майлаш, лекин,…- гуфта, ба фикр фурӯ рафт, Қосим.

- Чӣ ба фикр фурӯ рафтӣ? Дилпур бош, ман аз ту боварӣ дорам, ту ӯҳдаборой. Ман бошам дар Чашмаи Замбӯрак зиндагӣ мекунаму ту ҳамин

ҷо, майлаш. Иншоолоҳ аз шафоати Ҳазрати Султон роҳат доим сафед мешавад.

- Ба чашм, падар…

Алқатун дарав назди мир рафта, масъала гузошт ва Қосимро ба ҷои худ ҳокими Мазори Ҳазрати Султон таъин намуд.

Қосим ба кор камар баст, Алқатун Қаравулбегӣ бо кампираш бибии Гавҳарбӣ ба Чашмаи Замбӯрак кӯч баста, зиндагӣ ихтиёр намуд.

Мардуми қаламрави Мазор Қосимро дӯст медошт ва дар ҳақаш суханони нек мегуфт. Азбаски бисёр ҷавонмарди чорпаҳлӯи зебосимо ва хушқаду қомат буд, ӯро бо номи «Қосими зарринкабоҳ» ва ё «Қосими зеболикоҳ» низ аз сидқ ёд мекарданд.

Қосим ҳам ба мардум мудом дар хидмат буд. Чун шахси боодобу бамаърифат, чусту чолок ва мергану шикорчии моҳир шӯҳратманд гашт.

Ибтидои мубориза дар қарни XX бо вуҷуди баъзан мунокишаҳо ва паси сар шудани ҷангу ҷидолҳои асри қаблӣ, шӯришҳои пай дар пайи нимаи дуввуми ин аср, роҳзану авбошҳои кучманчӣ низ ҳаёти осоиштаро халалдор мекарданд.

Марди кӯҳистонӣ пеш аз сафари роҳҳои дур, аз ҷумла Самарқанду Бухоро аввал хайру худоӣ карда, ҳафта, чил ва оши сари солашро дода, пас ба сафар мебаромад. Кӣ медонист,  ӯ зинда бармегардад ё не, рӯзе набуд, ки овоза нашавад, ки дар фалон ҷо фалон касро роҳзанҳо кӯшта, чизу чораашро ба яғмо гирифтанд ва дар бисмадон ҷо гурӯҳе фалониро кӯштанд ва ғайраву ҳоказо…

Ин гапу калоча дар ҳудуди кӯҳистон зуд-зуд паҳн мешуд. Қавми манғити аморатпаноҳ ба ҳеҷ чунин арзу додҳои кӯҳистониён эътиное медод.

Ҳамин, ки зоирон ба Мазор зиёрат меомаданд, аз вазъияти мазкур ба Қосим хабар медоданд.

Рӯзе гурӯҳе бо нолаву зорӣ назди Қосим омада, иброз доштанд:

- Бародар, дар болотари туқайзори Тоқакаппа гурӯҳе аз ғоратгарони кӯчманчӣ пайдо шуда кӯҳистониеро зинда намемонанд, ҳамин, ки

мусофирро диданд, фавран ӯро бо азоб кӯшта, чизҳояшро ба яғмо мегиранд.

- Ҳа, бале. Ҳамин тавр аст, бародар.

Кӯҳистонии бечора чӣ кор карданаша намедонад.

- Аз тарафи ман чӣ ёрӣ лозим,-гуфт Қосим, баъди арзу доди меҳмононро шунидан.

- Медонам, ки Шумо шикорчиву мергани моҳир ҳастед. Мехоҳем бо мо аз пайи нест кардани он гуруҳи дӯзду ғоратгарон биравед ва ба мо ёрӣ расонед.

- Мабодо ин суханон дуруғ набошанд.

- Нее, бародар. Ба номи Худо, ки ҳама дурустанд. Ана он рӯз ду нафар хешовандонамро кӯштанд.

- Аз они маро низ,-иброз дошт дигаре.

- Майлаш, ман барои ҳифзи халқи диёрам мудом тайёрам, таваккал ба Худо, меравем, гуфт Қосим ва омода шуд…

Меҳмонон бо ҳамроҳии Қосим ба аспҳо савор шуда раҳ ба сӯи роҳзанҳо пеш гирифтанд.

Раҳораҳ сӯҳбат дар мавзӯи шикори кӯҳистониён аз тарафи роҳзанон қур мегирифт. Ҳу ана ин ҷо фалон ҷавонмардро кӯшта чизҳояшро гирифтанд. Ана ин ҷо як мӯйсафедро ба таёқ зада, бе мадор карданд. Дар ҳу ана он хамӣ гурӯҳеро азоб доданд ва ғайра…

Сӯҳбатҳои саршори нафрат нисбати душманон роҳро кӯтоҳ кард.

Онҳо дар муддате дар якроҳагии ҷои ҳаводисот расиданд. Яке аз ҷабрдидагон, ки роҳу ҳиллаҳои роҳзанҳоро медонист, ҳамаи сирру асрорро ба Қосим фаҳмонд. Қосими мерган хеле хуб зеҳн монд ва дар ҷои мувофиқе ҷои шинак дуруст намуд ва ба ҳозирин таъкид кард:

- Ман ҳамин ҷо меистам. Ду нафарат аспҳоятонро дар анбуҳи туқаи - зор баста, назди ман биёед ва ба чор тараф пинҳонӣ бо дуроҳагӣ назора намоед. Се нафари дигар бо ҳамин роҳ ба сӯи тӯдаи роҳзанҳо рафта, онҳоро «чал» диҳанд.

- Ана мо ду нафар, ману ин бародар ҳамин ҷо супоришро иҷро

мекунем,- гӯён овоз баровард ҷавонмарде ва бо ишора яке аз ҳамроҳонашро ба наздаш хонд.

- Ин се нафари дигар аз паи супориши дуввум шаванд, гуфт он кас.

- Шумо сенафарон аз роҳзанҳо наҳаросед. Ҳамин, ки ба онҳо наздик шудед ва онҳо Шуморо диданд, чолокона аспҳоро бо ҳамин роҳ тезтар тозонед. Ҳамин, ки ба ман наздик шудед, тарафи чапи анбӯҳи туқайзор аспҳо гардонида, канора таваққуф намоед, фаҳмо, таъкид кард Қосим.

- Хуб,- гуфта, нақшаи амалиётро кашида аз бар намуданд ҳама. Садои шағолҳо, гургон ва мурғони даштӣ атрофро халалдор мекарданд. Дар ҳақиқат туқайзор ҷои тарсу ваҳму ғасбу ғоратгарӣ буд.

Лаҳзае пас аз тамошо, дар дурбин гурӯҳи саворагоне намудор шуданд. Онҳо чун гургони маст, дар аспҳо савор маътали «сайд»-ҳо буданд.

- Ана, рафиқон роҳзанҳо омаданд,- бо дурбин нигариста, ба ҳамроҳиёнаш ишора намуд, Қосим.

- Ку як бинем,-гуфта дурбинро дасти ба даст гирифта, аз зери сояи дарахти газ ба навбат дида медӯхтанд ҳозирин.

Маслиҳат фавран пухта, хама аз паи супориш шуданд. Се нафара бе ибо ба дигар пайраҳаи миёни туқайзор-сӯи роҳзанҳо шитофтанд ва чун ба онҳо чашмрас наздик шуданд, гӯё аз тарс чапасар гашта, бо ҳамин роҳи калонтари маълуми байни туқайзор асп давонданд.

Гурӯҳи роҳзанҳо аз ин вазъият пайхас намуда, барои дастгир кардани се-нафара аспҳоро маҳмез зада, пеш ронданд. Масофаи байни ҳарду тарафҳо чорсад-панҷсад метр буд. Сенафара мисли турнаҳо паси ҳам бо роҳи ишора кардаи туқайзор сӯи Қосим метохтанд ва чун ба ҷои даркорӣ омаданд, чапчӣ дода, худро байни анбуҳи туқайзор гирифтанд. Роҳзанҳо низ турнавор, вале аз ҳам дуртар-дуртар сӯи коми марг меоманданд ва садоҳои тири милтиқи панҷтираи Қосим баланд шуд ва роҳзани авваломада аз тори асп кунда барин ба замин афтид. То омодашавии Қосим роҳзани дувумаш низ ба он ҷо омад. Ӯ низ тӯъмаи тири навбатӣ шуд. Саввумаш омад, ӯ низ бо аспаш ба замин афтид. Қосим дарав камони навбатии тирпурро

гирифта, амалро давом дод.

Ҳамин тавр ҳафт нафар роҳзани хуношом дар як ҷо ба ҷаҳаннам фиристода шуд.

Лаҳзае садои «ур-ур»-и роҳзанҳо ва тири панҷтира атрофи туқайзорро ноором намуд.

- Дигар душман намонд?-пурсид Қосим аз ду нафар дидбон, ки дар даст дурбин доштанд.

- Не, мерган, дигар дар атроф касе нест, - овоз баровард яке аз ҷавонмардони дунафара.

- Набошад, эҳтиёткорона ҳама назди ман биоед,- гуфт Қосим.

Ҳама як ҷо шуда, ба назди роҳзанҳои дар роҳи байни туқайзор афтида омаданд. Аз ҳафт нафар як нафараш дар узангу поликоб шуда буд. Дигарон ҳама бо милтиқҳо ба замин афтида мурда мехобиданд.

- Ҳама яроққояшон: корду камон ва лавозимоти роҳзаниашонро гирифта, онҳоро аз роҳ ба туқайзор монед, то тӯъмаи ҳайвоноти ваҳшӣ шаванд,- гуфт Қосим.

- Бале, онҳо дар хуни садҳо кӯҳистониёни бечора зоминанд. Ҳаққшон ҳамин аст, - овоз баровард яке аз ҳозирин.

- Дуруст аст, - мегуфтанд дигарон гапҳоро тасдиқ карда. Ҳамин тавр гурӯҳе аз роҳзанону ғоратгарони ашадӣ нест карда шуда, ғаниматҳои онҳо гардонида оварда шуд. Ҳозирин ба Қосим-мергани ҷасӯр беҳад минатдорӣ баён намуда, роҳ сӯи хонаҳои худ пеш гирифтанд. Ҳифзи марудми диёр аз роҳзанҳои кӯчманчӣ баъдтар аз тарафи Давлатмандбӣ ва «Эшон Бала» Эшони Ғиёсиддин  комилтар гашт.

Қосими ҷавон бар ивази ҳифзи мардуми кӯҳистони диёраш чунин муборизаҳоро давом медод.

Мардуми хокпоши бечора аз ин амалиёти вориси худ хурсандиву пуштибонӣ мекард. Овозаи мергании ӯ аз диёраш то ба миригари вилоят ва аморати Бухоро расид…[1]

---

[1] Аз нақли пирони солори Ховалинг навишта шуд. Муаллиф.

## Ҷамъомади шодбошӣ.

Гирду атрофи қаламрави Мазор қабои сабз ба бар дошт. Насими рӯҳафзо бӯи муаттари гулу гиёҳи кӯҳиро ба машом мерасонд. Садои чирчираку мурғони чаман, ба хусус савти ҳазор бо садои шаршараҳои кӯҳиву рӯди Оби Мазор ҳамроҳ шуда, форам ба гӯш мерасиданд.

Дар поёни таги қалъа аз тарафи офтоббаро корвонсаро, масҷиду мадраса, ҳавзи каб-кабуд ва хонаҳои сокинони як гӯшаи деҳа доман густурда буданд…

Ҳавзи Сарҳад, ки дар подомани қалъа бо долу дарахтони сарсабзи гирдаш хеле хушманзару гуворо буд, дар байн кабудӣ дошт. Шилдироси оби Гармобаруди ба ҳавз рехтаистода манзараро зеботар менамуд. Мардум дар болои сабзаи чун қолини зебо муаттари дохили «Боғи Қаровулбегӣ» нишаста, маътали омадани амалдорон буданд.

Гурӯҳе ҳамин лаҳза ба назди ҳозирин омаданд, ки дар байни онҳо Қосими Ҳокими Мазор ва чанд тани дигар шинос менамуданд. Чун меҳмонон ба ҷамъомадгоҳ расиданд, мардум бо имою ишора дастҳо пеши бар, аз ҷой хеста, онҳоро пешвоз гирифтанд.

- Ассалому алайкум, - гӯён Қосим бо имою ишора одоби муоширатро ба ҷо овард ва илова намуд,- Ҳолу аҳволатон, сиҳативу саломатии аҳли хонаводаатон чӣ тавр?

- Во алайкум ассалом, нағз,-гӯён садои мардум паст-паст аз ҳар тараф ба атроф печид.

Қосим ба мардум хоҳиши ба замин нишастан кард. Бисёриҳо ба ҷойҳои худ нишастанд.

- Дӯстони арҷманд,-гӯён яке аз меҳмонон ҷилави суханро ба даст гирифта, ба гап даромад:

- Мақсад аз ҷамъомади мову шумо аз он иборат аст, ки якҷоя Туқсаборо табрику шодбош бигӯем. Ҳокими шумо тавассути чусту чолокӣ ва хидматҳояш ба унвони олии ҳарбии аморати Бухоро туқсабогӣ ва як аспи сафеди тездав муяссар гардад. Иҷозат диҳед ман чун намояндаи садри

аъзам, шуморо ба ин комёбӣ табрику таҳният гӯям.

Чун намояндаи амир Қосимро ба ин унвони олии аморат, ки ба роҳбарии лашкарбошӣ ҳам ҳуқуқ дорад, табрик намуд ва ҳозиринро зимнан шодбош гуфт, сӯҳбат оғоз ёфт.:

- Бародар, мехоҳем, чӣ тавр ба ин унвони олии ҳарбӣ муяссар шудани ҷаноби мӯҳтарамро фаҳмем, - пурсид яке аз ҳозирин.

- Ташаккур,-гӯён намояндаи амир ба сухан баромад,- дар яке аз гӯристонҳои шаҳри Бухоро ҳайвоне пайдо шуд. Он ҳайвони даранда гӯрҳои навро канда майитҳоро мехӯрд. Инро касе мушоҳидаву нест карда натавонист. Амир тамоми шикорчиву мерганҳои амириву мириро барои нест кардани он ҳайвон даъват кард. Касе онро ба ҳадаф гирифта парронида натавонист. Қосим низ ба он ҷо даъват карда шуда буд. Чун навбати ин кас расид. Вай ҳайвони мурдахӯрро бо як тир парронда кӯшт. Амир, ки аз хидмати роҳбарӣ ба шикорчиву мергании Қосими ҷавон дарак дошт, ба хулосае омад, ки Қосимро чун сарлашкар ба худ бигирад, вале ӯ дар аморат хизмат карданро раво надид ва хизмати халқу хоку оби диёрашро авло донист. Аз ин рӯ, ба Қосим унвони туқсабогӣ ва аспи сафеди тездав дода, ба Ватанаш фиристода шуд.

- Хеле хуб, офарин,-овоз медоданд мардум аз ҳар тараф.

- Дӯстони азиз, ҳамдиёрони арҷманд,-баъди ба Қосим-туқсабо сухан додан, арзи сипос намуд ӯ, - Ба ин унвони олӣ мушарраф шудани ман натиҷаи тарбияту дастгирии ин хоку обу Бузургвору шумост. Унвон номи баланди шумост. Аз ин рӯ, ба ватан ва мардум хидмат намудани мову шумо аз ҳар ҷиҳат воҷиб аст.

Ободонии қаламрави Мазор дар дасти мову шумост. Лозим аст, ки ҳеҷ кас ин ҷои муқаддас, таъкиду гуфтаҳои гузаштагон ва гуфтаҳои шариати Исломро аз ёд набарорад. Адаб ва мавқеъи ҳастии онро кас бояд фаҳмад.

Ҷамъомад муддате тӯл кашид ва гуфтугӯҳои муфид ба мардум рӯҳ бахшид. Ҳама муттаасир баромада рафтанд.[1]

---

[1] Аз нақҳлои пирони солор ва набераи Қосим Туқсабои зиндаёд Амиралӣ Абдушаидов

## Дар роҳ ва ёде Хосамоҳ

Қосим Туқсабо дар қатори бародаронашон хоҳаре дошт, ки номи ӯ Хосамоҳ буд. Хосамоҳ дар ҳақиқат «Хосамоҳ»-и ростина ҳисоб меёфт. Рӯи чу моҳу холи сиёҳи пушти лабаш ва чашми тоқи абрӯву миҷгонҳои чун шаби зулмотиаш ба қиёфаву гесӯи нозанинаш мезебид. Қаду қоматаш мавзун буд. Баробари зебоиву рафтору гуфтори дилрабояш дар ниҳод ғурур ва ҷасорат ҳам дошт. Дар миёни бародарону падари пираш худро ҷавонмарди ҷасӯре мепиндошт.

Таассуроте аз хурдӣ бархӯрдоргаштааш: шуғли аспсавориву аспдавонӣ, шиноварӣ дар ҳавзи падару бобогӣ ва шикору машқҳои пайваста дар шикоргаҳи падар дар Чашмаи Замбӯрак ба ӯ ҷасорату далерӣ мебахшиданд.

Чун дар чунин муҳитҳои махсусе калон шуда, обутоб ёфта буд, мудом либосҳои мардонаи шинаму зебое мепӯшид ва дар шафати бародараш Қосим Туқсабо дар хидмат буд.

Ҳар гоҳ, ки Туқсабо сафари роҳи дуреро пеш мегирифт ва ё аз паи коре ба назди мир мерафт, ӯ низ озими сафар мешуд ва мардонавор рафтору гуфтору кирдор дошт. Пироҳани навкарӣ ӯро зеб медод, вале касе аз духтар буданаш пай намебурд.

Ин дафъаи сафари корӣ низ Хосамоҳ дар либоси навкарӣ бо бародараш Қосим Туқсабои ҷавон сафари Балҷувон дошт. Онҳо дар роҳ, дар назди қалъаи амлокдор, дар назди Чилчанор бо Мирзо Ширинбӣ-намояндаи амлокдории Сари Пул ва чанд навкари бо ӯ буда вохӯрда, якҷоя озими Балҷувон шуданд.

Аспҳо бо роҳи морпечи соҳили рӯди Оби-Мазор турнавор пеш мерафтанд. Аз ҳаракат соате мегузашт.

Хосамоҳ ба зини асп чобуксаворона нишаста буд. Чун ба як маҳмез задан асп аз қатор сӯи пеш давид, ҳозирин беихтиёр чашм ба сӯи ӯ давонданд. Асп аллакай аз дигарон бист-сӣ газ пеш рафта, шиҳа мекашид

ва сарак-сарак дошт. Ӯ аз ин лаҳза завқ бурд ва лаҷомро каме озод монда, ба пошнаи по ба асп маҳмез зад. Асп чун мурғи парвозӣ хез зада давид. Дили Хосамоҳ аз фараҳ лабрез шуд, мехост аспро давонад. Вале «беҳурматӣ мешавад»,- гуфта, аз дил гузаронид ва лаҷоми ҷонварро сӯи худ кашид ва болои зин нимдавра гашта, ба ҳамроҳонаш дида давонд.

Аз ин чобуксавории Хосамоҳ бародараш Қосим Туқсабо завқ бурда, табассум дар лабонаш гул баст.

- Туқсабо, каҷпурсӣ нашавад ин навкари ҷавон аз кадом авлод аст? Аҷаб чабуксавори хубе,-гӯён ба Қосим Туқсабо рӯ оварда, ба пурсиш сар кард Мирзо Ширинбӣ.[1]

- Аз авлоди Амир Абусаиди Амир Оли Ҳасан,- ҷавоб дод Туқсабо.

- Оҳҳо, чӣ хуш, ки аз авлоди мо будааст, ку.  Мо набераҳои Амир Умари Амир Оли Ҳасан ҳастему бобоҳоямон Амир Абусаиду Шоҳимарду Амир Умар акаву додар, фарзандони як падару модар,-гӯён бо ифтихор ҳарф зад Мирзо Ширинбӣ.

- Ҳа, ҳамин тавр аст,-гӯён Қосим-туқсабо ва гуфтугӯи онҳо то ба назди Хосамоҳ расидан идома ёфт.

- Биист, Туқсабо, ин писари кӣ будааст?

- Духтари Алқатун Қаровулбегӣ.

- Шухӣ накун, бародар.

- Бе шухӣ Хосамоҳ аст, Хосамоҳи хоҳарам.

- Не-е

- Ҳа, Хосамоҳ дар муҳити бачагона калон шудаасту бар ман чун қанот мебошад.

- Наход, рост мегуӣ

- Ҳо, бемуҳобо ҳамин тавр аст.

- Ин тавр бошад, сад раҳмати Худо бар сарат.

Пароканда лашкар наояд ба кор,

Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор…

Фармудааст Фирдавсии Тусӣ. Аз сад навкари хом як духтари пухта

---

[1] Мирзоширинбий дар солҳои таъқибат кӯшта шудааст.

бех.

Муколамаи Қосим Туқсабо бо Мирзо Ширинбӣ то ба назди Хосамоҳ омадан идома ёфт.

Аз ин гуфтугӯҳо навкарони ҳарду, ки қафотар бо ҳамин роҳ меомаданд, пайе набурданд. Акнун гуфтугӯ ҷилои дигар гирфта, аспҳо дар як они воҳид кутали Хонакоҳи Боймуштро баромаданд.

Рӯди морпечи Оби Мазор аз ҷо-ҷои силсила теппаҳо ва соию дарраҳо, шохаҳои чашмаобҳои софу зулолро ба худ мепайваст. Акнун силсилатепаҳои ба Бессарабияву Подоля монанди биҳишт, ки кайҳо боз сайёҳи рус. В.Г. Липский барин донишманду мусофиронро, ки ӯ 3-июли соли 1897 бо ҳамин роҳ мегузашт, ба ваҷд оварда буданд, паси сар шуданд.[1]

Ҳамоно ду тарафи дараи нисбатан фарох, ки дарёча миёни онро мебурад, сабзрангу пурнақшу нигор буд ва дар худ сад афсонаҳои кӯҳиро таҷассум менамуд. Гурӯҳи саворагони мо аз дарёчаи Сурхоб гузашта, вориди Балҷувон шуд…

## Пас аз бозгашт

Қосим Туқсабо бо ҳамроҳонаш ба Ховалинг баргашта буд. Дар ин зиёфат сарлашкари мири Балҷувон Давлатмандбӣ намояндаи амлокдории Сари Пул, ба қавли Қосим Туқсабо ҳокими қадоваи Ёхсу Мирзо Ширинбӣ ва дигарон нишаста буданд.

- Қосим Туқсабо як додари базебу чусту чолоки дидадарое дорад. Аспсавори хуб ва далеру шӯҷоъ аст. Ӯро чун навкари асил тарбият кардан меразад,-гӯён пиёлаи чойи нӯшидаашро ба дастурхон монда, лаҳзае хомӯш монд, Давлатмандбӣ.

- Бале, агар ӯро ба тарбия бигирӣ шояд кори хубе шавад,- гӯён табассум дар лаб бо шакарханда ба сӯи яке аз ҳамсӯҳбатон маънидорона ишора намуд ва бо имо ба Давлатмандби гуфт Мирзо Ширинбийи Сари Пулӣ.

---

[1] Липский В.Т «Горная Бухара» иборат аз се ҷилд: Санкт-Петербург – 1902, ҷ.2. саҳ 4-11

- Бародар, ин тамасхӯр аст бар ҷониби мо ва ё «лап-лап»-и гапи дигар?

- На тамасхӯру на ягон «лап-лап».

- Хайр, чӣ. Шакархандаву ишораҳоят ҷон доранд, додар, албатта таги коса нимкосае ҳаст…

- Хафа нашав, ака, он кас на писар, балки духтар, душиза асту хоҳари Қосим Туқсабо, ҳимоятгари ӯст. Хосамоҳ ном дораду ягона духтари Алқатун Қаровулбегист. Дар ҳақиқат далеру ҷасӯр, зебову хушфеъл аст. Ман духтар будани ӯро дар роҳи сафар фаҳмидам.

- Наход?

- Ба Худо, ки рост аст.

- Агар ин тавр бошад аҷиб.

- Бовар кунед, ҳар бор, ки ӯро медидам, ба назарам ҷавони боғайрату бофаросате метофт. Акнун аз ин сирри ниҳон огаҳ шидем. Маълум, ки он кас солиҳа асту ганҷинаи фарзандони накӯ…

**Меҳмон меояд…**

Баҳори соли 1919. Чашмаи Замбӯрак сабзқабои гулбасар дошт. Ҳудуди ин гӯшаи биҳиштосо то Гузари Қозии шаҳри Ховалинг мерасид. Аз шимолу шарқии он деҳаҳои Тиёну Хосиёну Хонакоҳи Севодара то ба Қулаку, Шехвесӣ, ки аз зиёд будани файзу нусрати донишмандону адибон «Шерози Хатлон» ном гирифта буд, бо анбӯҳи боғу бӯстонҳояш намудор буданд. Аз ин деҳаҳо пастар Оби Равшану Болчорӣ ба дигар деҳаҳои хурду бузурги атрофи чашмаи Замбӯрак ва шикоргоҳи Алқатун-Қаравулбегиро ҳамсоягӣ мекарданд.

Хонаи барҳавову гирдогирдашро сафили иҳотакунанда дар назди чашмаи зулоли Замбӯрак дар поёнтари «Боғи Боло»-и Алқатун-қаровулбегӣ воқеъ буд.

Дар долони хона, рӯи кат лавҳе дар назди Алқатун Қаровулбегии пир истода ӯ ба китобхонӣ машғул буд. Кампираш Суфӣ Гавҳарбӣ бошад,

онтарафтар, бо очуқ пила мериშту риштаҳои худро тута менамуд. Аслинисои хурдсол ҷорӯб дар даст ҳавлӣ мерӯфт. Риштаи хаёлоти Қарвулбегиро садои «шақ-шақ»-и алошақшақаҳо халалдор карда ва пиракӣ овоз баровард:

- Суфӣ, меҳмон меояд. Хез, таёриҳоятро бубин.

- Ҳо, паҳлавон. Инро аз ҳавлирӯбии Аслинисо ва Мушкинисо пай бурда будам. Ҳамин, ки ин ду «косаи шир»-и «мағзи бодом»-ам ҷорӯб ба даст гиранд, бе гуфтугӯ ба хона меҳмон меояд.

Лаҳзае пас садои тақ-тақи дарвоза ба гӯш мерасад ва овоз Қаравулбегӣ мебарояд:

- Ку, Орзуҷон, бачам, бубин, кӣ бошад?

Ҷавоне, ки Орзу ном доштанаш ва писари акаи Алқатун-қаровулбегӣ, писари Бойаҳмад буданаш маълум шуд, дарвозаро кушода, овоз баровард:

- Марҳамат, дароед.

- Қаровулбегӣ ҳаст?- пурсид яке аз онҳо.

- Ҳо, ҳаст, -гуфт Орзу.

Дар ин асно Алқатун-қаровулбегӣ ба пешвози меҳмонҳо бархест. Туқсабо низ бо нафаре, аз аспҳо фуромаданд. Баъди саломуалейк меҳмонҳо вориди хона шуда, Орзу ва Холи Назар аспҳои ҷавонро ҷову по намуданд.

Дастурхон ҳам густурда шуда, болои онро нозу неъматҳо: нону шириниву мевагиҳо гирифтанд. Баъди хӯрокхӯриву чойнӯшӣ яке аз меҳмонҳо табассум дар лабон овоз баровард:

- Пиракӣ, мехоҳам моро аз ин ташриф сабаб бипурсӣ.

- Хуб,-гуфта, болои ду зону сукут карда, маътали гап, хомӯш монд Алқатун Қаровулбегӣ.

- Мо келинхушкун, яъне «осақол» гӯем ё арбоб гӯем, аз Балҷувон духтари Шумо ба дӯсти мо Давлатмандбий хеле маъқул уфтода аст. Давлатмандбий ки аз авлоди худатон аз Ёхсу аст, мехоҳад боз бо Шумо фарзанду хешу табор бошад. Хулосаи калом, Шумо онро нағз медонед, мардуми гузаштаҳояш аз Сафед санги Ёхсу,- гуфта, хомӯш монд он кас ва маътали ҷавоби Алқатун Қаровулбегӣ истод…

Алқатун Қаровулбегӣ лаҳзае ба фикр фурӯ рафт ва овоз баровард.

- Ба Давлатманд духтар намедиҳам, мехоҳам аз ҳамин ҷоҳо духтарамро ба шавҳар диҳам. Духтари ман куҷову Давлатамнд куҷо. Авлоду аҷдоди ӯро чандон намедонем.

- Паҳлавон, гуфтам, ку он кас ҳам аз авлоди худатон аст. Аз авлоди Амир Оли Ҳасани қадоваи Ёхсу. Гуфтам-ку, писари Мулло Шарифи сафедсангӣ, у дар Яп таваллуд шуда, камол ёфтааст.

Инро анна Туқсабои писаратон нағз медонад.

- Хайр агар Қосим Туқсабо, ки онро нағз донад, кори ҳамин кас.

Қосим пирмуроду ӯ хоҳараш аст.

- Қиблагоҳи азиз, ман Давлатмандбийро нағз мешиносаму медонам,- гӯён ба гап даромад. Туқсабо марди далеру ватандӯсту хайрхоҳ аст. Аз қабилаи худамон. Хосамоҳи қадрас ба ӯ, барои ҳамсарӣ арзанда мебошад. Агар ӯро ба фарзандӣ кабул кунӣ, боке нест.

- Майлаш, бачам, ман ба ту бовар дорам, тавакали туву хоҳарат Хосамоҳ ба Худо, ту, ки розӣ бошӣ парвардигор ва ману кампири модарат Суфӣ Гавҳарбӣ низ розием.

Ҳамин тавр баъди хостгорӣ тую тамошо шуда, Хосамоҳи зеботалъати шӯҷои парипайкар ба Давлатмандбий хонадор шуд.[1,2]

Зебогӣ, адаб, хулқу атвор далериву ҷасӯрии Қосим Туқсабои ҷавонмард дар музофот паҳн шуда буд. Ба ӯ духтари бобои Мирзои Шайхи Мулло Нур Улфатмоҳ ғоибона дил мебандад. Ин ҳодиса ба Қосим Туқсабо расонида мешавад. Дили ӯ низ мубталои ҷамоли Улфатмоҳ мешвад. Улфатмоҳ бисёр зебову хушқаду қомат ва бо фаросат буд. Хулоса, Шайхи Мулло Нур духтарашро ба Қосим Туқсабо ба занӣ медиҳад. Қосим Туқсабо ба Улфатмоҳ соле зиндагӣ карда буд. Чун ӯ ба ҳимояи Ватан ба ҷанг рафта тир хӯрд ва шаҳид шуд, баъди се моҳ Улфатмоҳ, соли 1920 духтаре таваллуд кард ва ӯро Гадобегим ном монданд.

Улфатмоҳи нозанин духтари холаи Холи Назари хизматгори Қосим-

---

[1,2] Аз нақлҳои мӯйсафедони Ховалинг ва фарзанду наберагони Қосим-Туқсабо ва Хосамоҳ.
С. Ҳасанзода «Дарёи нур» «Нодир», 2001. саҳ.35-41.

туқсабо буд... Баъди ба шаҳодат расидани Қосим Туқсабо занаш Улфатмоҳ муҷҷарад монд ва чанде пас ба Сафари Раҳими Мазорӣ хонадор шуда ду духтар: Зарифмоҳ (ҳоло зани бобои Саидҷамоли Мазорӣ, 10-фарзанд дорад) ва Одинагулро (8-фарзанд дорад) ёфт.

Гадобегими духтари охирини Қосим Туқсабо аз Улфатмоҳи зани дуюмаш калон шуда, ба балоғат расид.

Гадобегими духтари Қосим Туқсабо ба писари аммаи Сарварбиаш Ҷумъа Салим хонадор шуда, як фарзанд меёбад. Ин кӯдак вафот мекунад. Чун Ҷумъа Салим ба ҶБВ рафта, хати сиёҳаш омад, Гадобегимро ба Шайхи Абдулвоҳид ба шавҳар доданд. Гадобегими духтари Қосим Туқсабо аз Шайхи Абдулвоҳид Ҳомид, Шоҳзодамоҳ, Зиёдамоҳ, Зулайхо ва Хатичаро ёфт. Ҳоло ӯ аз набераю абераҳои зиёд дорад ва дар ноҳияи Ховалинг зиндагӣ мекунанд.

## Ӯ ҳимматбаланд буд

Солу моҳҳо мегузаштанд Қосим Туқсабо чун бародару бобоҳои худ саховатпешагиву хайрхоҳӣ ва раъиятпарвариро дар кору бораш пеша карда буд. Аз зиндагии мардум мудом бохабар шуда, ба ғарибу ғуррабо, бекасу бенаво, бечораву барҷомондагон аз ҳар ҷиҳат кӯмак мерасонд.

Кӯдакони камбағалро ба мадраса ҷалб менамуд. Хурдсолонро хатна мекунонд. Ҷавонони камбағали безанро хонадор мекард. Умуман ба зердастонаш аз ҳар ҷиҳат дасти мадад дароз мекард.

Агар ин ҷо боз ба чандин солҳои қаблӣ назар афканем, ҳаводису гуфтаҳои хеле зиёданд.

Мирак ном ҳамноми Мираки Лола буд. Ӯ дар деҳаи Дараи Сумина зиндагӣ мекард ва ба зироаткорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ шуғл меварзид. Сарҳади Лола ба ӯ чанд таноб замин тӯҳфа карда буд. Ба хотири ҳамноми амакаш будану меҳнатдӯстиаш ӯро аз ҳар ҷиҳат ёрӣ медод. Мираки кт-кт аз авлоди Сангаҳмадиҳои Мазор буд. Ба номи ӯ ва пас ба фарзанду набераву дигар ояндагонаш гузаштани ин номи «тахаллусмонанд», меросӣ

мебошад. Чун Сарҳад ба ӯ замине дода буд, Мирак дар он panҷоҳ дарахти чормағз шинонида, буд ва ҳосили зиндагиашро аз ин замин мегирифт. Чормағзҳо дар тӯли солҳо боровар шиданд. Мудом Миракро дар ин чормағзор бо табару теша медидӣ. Аз дур бошад, ҳар гоҳ садои «кт-кт»-и табари ӯ ба гӯш мерасид. Аз сабаби чунин амалиёт Миракро мардум Мираки «кт-кт» тахаллус дод.

Баъди сари Мирак Сафари писараш кори падарро давом дод. Мардум ӯро низ Сафари «кт-кт» ном мегирифтанд.

Сафар «кт-кт» сиву шаш сола буду безан, камбағал. Тиллокории ҳафтсолааш низ ба ӯ суде намебахшид. Рӯзе аз рӯзҳо Қосим Туқсабо назди ӯ рафта, зимнан сабаб пурсид:

- Чаро зан намегирӣ. Сафар?

- Солрафта гуфта, духтарҳо ба ман шавҳар намебароянд.

- Мехоҳӣ, ки зани душиза бигирӣ?

- Чиба не, мехоҳам.

- Киро мехоҳӣ.

- Агар айбе нашавад.

- Не, айб намешавад, бигӯ.

- Ҳокимаи хоҳари Мурод ба ман маъқул аст.

- О, балое. Ӯ кисту аз кадом деҳааст.

- Хоҳари Мурод, аз деҳаи Дии Тах.

- Хуб, фавран ӯро ба ту, ба занӣ медиҳам, майлаш.

- Ута кунӣ, ку.[1]

- Майлаш, ин тарафаш ба гардани ман.

Қосим Туқсабо ба хонаи Мурод ба хостгорӣ рафт. Ваъиятро ба Мурод фаҳмонд. Вале ӯ розӣ нашуд. Чун бидид, ки ба гапи хуб намешавад, ба зери истеҳзаву маҷбурӣ Ҳакимаро ба Сафари Мираки кт-кт ба зани доданӣ шуд.

- Иншоолоҳ Сафар аз Ҳакима барака меёбад. Солаш куҷо рафтааст?- гӯён Қосим Туқсабо ба Мурод аз ояндаи ҳарду ҳарф зада фаҳмонд, тамоми

[1] Ута-Ҳамин тавр.

каму костиҳои рӯзгор ва зиндагии ҳарду ба гардани ман. Агар ӯ хонадор шавад, савоб мегирӣ.

- Илоҷе нест, ҳазрати Туқсабо, вагарна ба Сафар кт-кт духтар намедиҳам.

- Савоб мегирӣ, кори амри хайрро нагардон.

- Ку як бинам.

- Чӣ мебинӣ. Авлоду аҷдоди ӯро нағз медонӣ. Агар надиҳӣ малол мешавам.

- Хайр ман розӣ, Туқсабо, хафа нашав.

- Ана ин гапи дигар.

- Локин ба дил нагир, раис.

- Хуб, гап нест, мо ҳам розиву Худои мо ҳам…

Ҳамин тариқ, туи хубе барпо гашт. Бо мадади Қосим Туқсабо Сафари Мираки кт-кт бо Ҳакима хонадор шуд. Аз онҳо Шариф, Сафаралӣ ва дигарон ба дунё омаданд. Акнун Сафар панҷову чор сол бо Ҳакима хонадор буд ва дар 90-солагиаш дунёи фониро соли 1956 падруд гуфт.

Аз Мираку Сафари кт-кт ворисони зиёде боқӣ мондааст…[1]

**Ӯ далер буд**

Қосим Туқсабо дар ҳудуди Ховалинг ва берун аз он дӯстони зиёде дошт. Аксари онҳо бо ӯ равуои доимӣ доштанд.

Рӯзе гурӯҳе аз ҷӯраҳояш аз Дарвоз ҳафтод адад чакман ва самоворе барои фурӯш ба бозори Ховалинг меоранд. Як чакмани хело зебодӯхте тӯҳфае барои Қосим Туқсабо буд. Чун меҳмонони дарвозӣ вориди бозор мешаванд, авбошу шӯрапуштҳо бо сарварии Ҷамоли Иноқбой онҳоро думболагирӣ мекунанд. Пас гапашон гурехта, ба ҷангуHархаша мепечад. Онҳо ба авбошҳо дӯстони Қосим Туқсабо буданашонро иброз медоранд, вале ин гуфтаҳо ба авбошҳо кора намекунад. Дар натиҷа авбошҳои Ҷамоли Иноқбой чизу чораи меҳмонони дарвозиро ба яғмо мебаранд.

Чанд соат пас хабар ба Қосим Туқсабо мерасад ва ӯ раҳи хонаи

---

[1] Аз нақли Сафаралӣ Сафаров, соли таваллудаш 1927, сокини шаҳраки Ховалинг, зодаи деҳаи Мазори Ҳазрати Султон.

Inoқboйro, ки дар гузари Сари Мазори шаҳр буд, пеш мегирад. Чун вориди дарвоза мешавад, ҳафт нафар авбошҳоро дар либоси сиёҳ-яъне чакманҳо дида, онҳо гирд нишаста, чилим дуд медоданд. Самовори меҳмонҳо пури об, оташ бар зер, дуд ба само мепечид.

Қосим Туқсабои паҳлавон дарвозаро маҳкам карда, ба онҳо ҳуҷум мекунад: Дар они воҳид онҳоро як-як зада меафтонад, беҳолу бемадор мекунаду самовори пури обро чаппа. Авбошҳои Ҷамоли Иноқбой ҳама тавба карда, аз меҳмонон узр мепурсанд ва авбоширо тамоман бас мекунанд.

Ин ҳодиса то имрӯз аз даҳон ба даҳон гузашта, мардум ёди Қосим Туқсабо мекунад.[2]

## Салим-тоҷир

Ховалинг, ба хусус мавзеъи Мазори Ҳазрати Султон тоҷирону савдогарони зиёде дошт. Якеи он Салим-тоҷир, бародари Охунди Мулло Сафари писари Усто Санг буд.

Усто Санг, ки аз Сарҳади Лола хубиву некиҳои зиёд дида буд, бисёр мехост бо ӯ ва фарзандонаш хешу таборӣ кунад. Ӯ рӯзе ба хонаи Алқатун Қаровулбегӣ, ба хостгорӣ омада иброз дошт:

- Додарам, Алқатун. Ман за падарат бисёр некиҳо дидам. Мехоҳам бо Шумо хешӣ барқарор кунам. Агар «ҳа» бигӯи Сарварбиро ба Салим ба занӣ медиҳем. Не бигӯи ҳам гапе нест, меравем бо роҳи худ.

- Бобои Усто ман аз Шумо дида хеши хуб намеёбам. Сад бор розиам. Марҳамат,-гуфта, розигӣ дод Алқатуни пиракӣ.

- Хуб, Худо яктаат ҳазор дона шаваду Ҳазрати Султон дар ду олам мададгорат бошад…

Чанде пас Сарварбӣ ба Салим ба занӣ дода шуд. Баъди тую тамошо арӯси Сарварбиро ба хонаи Усто Санг бурданд. Сарварбӣ бо Салими-тоҷир солҳои зиёд зиндагӣ кард.

---

[2] Аз нақли марҳум бобои Ғозикул. Ӯ ин нақлро аз модараш шунида аст. Муаллиф.

Аз Мазор ба деҳаи Калағрак-болотари он кӯчиданд ва он ҷо солҳои зиёд зиндагӣ карданд.

Аз онҳо фарзандони зиёде ба дунё омаданд. Якеи онҳо Ҷумъа ном дошт.

Салим чун тоҷир бо Самарқанду Бухоро, Қуқанд барин шаҳрҳои аморати Бухоро, Афғонистону Покистон ва соири давлатҳои хориҷа сафар карда, ба тоҷириву савдогарӣ машғул буд. Пашму пӯсти молу гов, тиллову дигар чизҳо бурда, молу матоъ ва дигар лавозимот меовард. Ҳар чӣ, ки оид ба давлату давлатдорӣ, раъиятпарвариву саховатмандӣ медид, дар бозгашт ба қиблагоҳащ Алқатун Қаровулбегӣ, баъдтар ба писари он кас Қосим Туқсабо нақл мекард. Одами дунёбохабари ҷахондидаи саховатманд буд чун қиблагоҳи худ ба камбағалу муздурон дасти ёрӣ дароз мекард. Дар бунёди масҷиду мадрасаҳо саҳми арзанда мегирифт. Толибилмонро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ мекард. Ва билохира саховатмандии ӯро писараш Ҷумъаи Салим идома дод.

Салим-тоҷир аз Сарварбӣ ва занҳои дигараш фарзандони зиёд ёфт. Соли 1917 олами фониро падруд гуфт…

**Айёми хазонрез**

Тирамоҳи соли 1920 Чилчанор аёми хазонрезро аз сар мегузаронд. Лаҳза ба лаҳза баргҳои зардшуда ба замин мерехтанд. Шамоли сабуксайр баргҳоро ба ҳарсу бурда мегузошт ва сару рӯи касро мелишт.

Мардуми гирду ҷониби шаҳр ҳосили ғаллазору боғот ва ангурзорҳои худро ҷамъоварӣ намуда, барои зимистонгузаронӣ сӯзишворӣ ва барои чорво коҳу хӯрокиҳои дигар захира карда буданд. Аз ҷо-ҷои гирду атроф ғарамҳои коҳи захиракардашуда ба чашм мерасиданд.

Чашмаҳо бошанд, морпечсон равон гашта, лабулунҷ ва соҳили онҳо ҳанузам бо сарсабзӣ аз дигар ҷойҳо фарқ мекарданд.

Дар қисми офтоббаро, дар миёни Чилдухтарони паси силсила-теппаҳо, аниқтараш сад-дусад газ аз Чилчанор шарқтар бозори калони

рукушода дар шафати он корвонсарой, дар чанд ҷои ҷанубтари бозор манораҳои баланди масҷидҳо намудор буданд. Дар қисми офтобнишин то соҳили Оби Мазор бинои қалъаи беку амлокдор доман паҳн мекард.

Мардуми муқими шаҳр ҳаёти сари қавсиро аз сар мегузарониду маҷрои зиндагӣ идома дошт.

Болотар аз қалъаи назди Чилчанор ва ин бозори номӣ маъракаи бузкашӣ идома дошт. Ихлосманду ҳаводорони ин навъи варзиши миллӣ дар ҷойҳои мувофиқ истода, бузкаширо тамошо менамуданд. Равуо ба назди Чилчанору гирду атрофи он ба чашм мерасид. Гурӯҳе давра нишаста, дар як гӯшаи чойхона чой менӯшиданд.

Ба сӯи чойхона омадани Қосим Туқсабо ва чанд нафари дигар диққати мардумро ба худ кашид.

- Биёед, биёед ҳазрати Туқсабо,-гӯён аҳли чойнӯшандагон аз ҷо бархестанд.

- Ассалому алайкум,-гуфт Қосим-туқсабо ва бо ҳамроҳиёнаш ба мардуми чойнӯш ба вохӯрӣ кардан пардохт. Аз ҳар сӯ суханон ба гӯш мерасиданд.

- Во алайкум ассалом.

- Марҳамат.

- Биёед.

- Хуш омадед.

Туқсабо баъди ба ҷо овардани одоби мулоқоту муошират, ки бо хоҳиши ҳозирин аз бари боло нишаста буд, овоз баровард:

- Дар тамошои бузкашӣ будем. Ин кас, дӯстам, усто Қурбон Пирзода таклиф намуд, то якҷоя «як пиёла» чой бинӯшем. Боз ана насиби дидани дидори шумо будааст,-гӯён бо имову ишора суханонашро ба охир расонд ӯ.

- Кори хуб кардӣ, бародар,-гуфт марде, ки дар паҳлӯяш дутор дошт. Одам ба одам ғанимат. Чархи фалак дар гардиш, имрӯз ҳастӣ, пагоҳ нестӣ. Замона ноором.

- Бале, ҳамин тавр аст, -суханони ҳамсӯҳбаташро тасдиқ карда, ҷилави гапро ба даст гирифт ҳамнишини дигаре. – Юнус, ту, ки бо ман дар

Тошканду Бухорову Қуқанд будӣ, авзои замонро медонӣ. Намедонам, ки оянда чӣ мешавад.[1]

- Дилат пур бошад, Муҳаммад Мирзо, ба хаёлам болшевикҳо одамон бад нестанд.

Аз қавми манғит дида, сад бор боинсофу хубанд.

Чун вожаи манғит шунида шуд, аз ҳар тараф имою сарҷунбонӣ ва тасдиқ кардани охирон сухан мушоҳида гашт. Ҳама лаҳзае хомӯш монд. Дар ин асно ҳама сӯи Қосим Туқсабо, ки имои суханронӣ дошт, чашм давонданд. Туқсабо бо ҳаяҷони изтиробомез ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда, гуфт:

- Аҳ нагӯед-е! Қавми манғит аз ҳад гузаронд. Зулм аз ҳад гузашт. Солҳои пеш дар Мазори мо, аз рӯи ҳуҷҷати вақфӣ ба андозгирӣ касе сару кор намегирифт. Вақтҳои охир бошад, бепурсиш омада андоз меғундоранд. Ба мо нигоҳ накарда, мардумро азоб медиҳанд. Ҳар чӣ хоҳанд мекунанд.

- Исёни комили Сарахон, шӯришҳои мардуми Мӯъминободу Сари-Пули Ёхсу ва шӯриши бузурги Восеъи мо аз қувваи ин аҳриманҳо шикаст хӯрданд. Сад ҳайфи он далерону мардони шуҷоъи диёр.

- Ҳа, додар. Мубориза бурдан авлотар аст,-гуфта, усто Қурбон Пирзода ҷилави суханро сӯи худ кашид.

- Аз ҳодисаи дар Мазори Шумо рухдода нафрати ҷавонону ҷавонмардони Ховалинг хест. Бин, чӣ беномусиеро ба ҷо оварданд гумоштагони манғитӣ. Магар дар Ховалингу Мазори Ҳазрати Султон ҳокиму дорғаву андозчин набуд, ки бо шӯру футурдозии кури Ямон Дунгузи роҳзан, сардори гурӯҳи сарбозони роҳзани беки мағитӣ Чилгарон чунин бедодгарӣ кард.

- Нафаҳмидем, акаи Усто, дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон воқеаи рухдодаро шунидем, вале чӣ сабабе будааст?-пурсид Мирзо Бароти Доробӣ.

- Додар,-ба ҷавоб додан сар кард Қосим Туқсабо, падару furбобоҳои банда ҳокими Мазори Ҳазрати Султон буданд.  Солҳои сол ба ин гӯшаи муқаддас касе сару кор намегирифт. Дар бисёр солҳои вазнинӣ мардуми

---

[1] Ҷ. Асрориён «Кишвари пешорӯи Хуршед», «Пайк», 1992

қаламрав аз ҳар гуна андозҳо озод карда мешуданд. Вақтҳои охир, ҳокимони манғитии мири Балҷувон ва сарбозони ин мир баҳудаву беҳуда ба мардуми оддии мазлум даст ба гиребон мешаванд. Ҳаргуна номаъқулиҳо мекунанд. Анна чанд рӯз пештар ба хонаи як сокини деҳа, ки Холбута ном дорад, сарбозони бек бо сарварии сардори гурӯҳ Чилгарон ҳуҷум карданд. Дар натиҷа писари хонадор Ниёзи Холбута, ки понздаҳсола буд ба ҳалокат расид, бо вуҷуди ин хунрезии ин сарвари роҳзанони мирӣ духтари ноболиғи Ниёзро бо худ бурданд. Сабаб, ҳамон андози лаънатӣ баҳона.

- Шумо он ҷо набудед, Туқсабо-сухани Қосим Туқсаборо бурида, ба гап ҳамроҳ шуд Юнуси косатарошӣ. Агар мебудед, шояд гап дигар мешуд.

- Бале, бародар набудам. Дар ҳамон рӯз бехабар аз омадани ин одамон, бо даъват, ба назди мир рафта будам, вагарна,... гӯён даст ба пешонӣ бурда ба фикр фурӯ рафт Косим Туқсабо.

- Пас, чӣ чора дида шуд,- пурсид яке аз ҳозирин.

- Аз ин ҳодиса мо, ҷавонони Ховалинг бохабар шуда,-гӯён бо гап ҳамроҳ шуд ҷавонмарде-бо сарварии Саидҷони паҳлавон аз паи сарбозони мирӣ думболагир шудаем. Худи ҳамон рӯз, шабона роҳзанҳоро дар хонаи муллое дар деҳаи Сари Ҷар дарёфтем.

Саидҷон, ки аз сафари Тошканту Бухоро нав баргашта, аз тайёриҳои болшевикон ва нақшаҳои онҳо бархӯрдор буд, аз ин ҳодисаи нанговар ба қаҳр омада, ҷавонони ба таври махфӣ тайёр кардаашро сафарбар намуд ва аз думболи Чилгарону кури Ямон Дунгузу дастаи ӯ шуд. Ӯ пурсида пурсида, аз ин дастаи хунхӯр маълумоти зиёде гирифт. Дар пастхамии назди деҳаи Сари Ҷар аспҳои худро монда, ду нафар қаловур гузошта, ба ҳуҷум гузашт.[1]

Аз рӯи нақша кор бояд пӯхта мегардид. Барои ҳамин, Саидҷон сохтакорона ба воситаи шахсе ба Чилгарон хабар дод, ки рӯзи дигар яке аз эшонҳои исмоилӣ барои гирифтани андози Оғохон ба Сари ҷар меояд. Дили Саидҷон аз ин, нақша пур буд ва ҳангоми ҳуҷум онро ба дуруст

[1] М. Тапилский «Малое в великом», « Нашрдавтоҷик», 1959. саҳ.96-106

дарёфт.

Чилгарон аз ин хабари шунида, ба ҳеҷ куҷое нарафта, дар хонаи муллои деҳа бо сарбозонаш маътал шуд. Шабонгоҳ чун аз хӯрду хӯрок ва Чилимкашӣ, фароғат, бо бовари аз мулло тамоми яроқҳояшонро дар кунҷи ганҷӯрхонаи ӯ гузошта, ба хоби роҳат гузаштанд. Ду нафар аз сарбозон бошанд, чун қоида супоришро ба ҷо оварда, дар таги айвон хобиданд.

Дастаи ҷавонони Саидҷон ба гирду пеши хонаи мулло айёрона назора карда, аз дохили ганҷурхона, аз кунҷи назди дар тамоми яроқҳои сарбозони Чилгаронро ёфта, бо худ гирифтанд. Пас аспу авзорҳои онҳоро низ бо худ бурданд…

Баъдтар озодона ҳарду навбатдори хобидаро гирифта, даҳану дандонҳояшонро баста, ба назди аспҳо бурданд. Маълум шуд, ки онҳо ду нафар аз ирқи қирғизҳои Фархоранд.[1]

Ҳамин тавр ба сарбозони бесилоҳ ҳуҷум карда даҳ нафари онҳоро ба ҷаҳанам фиристоданд. Боқимонда, ба кӯҳҳо «ҷони худоӣ» гуфта, гурехтанд.

Пас аз ин амалиёт, духтари ноболиғи Ниёзи Холбутаи Мазорӣ баргардонида оварда шуд…

- Қурбони Саидҷону Қурбон Пирзода шавам,- гӯён суханашро идома дод Мирзо Барот, - кори хуб кардааст. Бинед, қирғизҳои фархориро ба ин хоку об чӣ кор. Лаънатиҳои хоболудро аҷаб кори хубе кардаанд. Бимурам дар хоки пои чунин баномусони диёр. Бимурам дар пеши пои онҳо.

- Пас, чӣ оромие шуд, ин ҳодиса? – ба сӯи Қосим Туқсабо дида дӯхта, суол дод Юнуси Косатарошӣ.

- Эҳе, ака кор аз даст мегузашт бадбӯии зиёд мешуд,-гуфта суханро давом дод Қосим Туқсабо – фавран Ҳазрати Эшони Пири Зелолакӣ ва чанд тани дигар домуллоҳои бузургро гирифта, назди мир рафта, вазъро фаҳмондем ва айб ба гардани сарбозон гузошта шуд, вагарна кор безеб мешуд.

- «Бори каҷ ба манзил намерасад»-гуфтаанд. Иншоолоҳ рӯзе мерасад,

---

[1] Нигаред, асари зикршуда саҳ.96-106.

ки қавми ҳокимони манғит аз мулк дуру Ватан пурнӯр мешавад.

Сӯҳбати ҳозиринро садо ғалоғулаи мардуми бузтамошобин ва човандозҳое, ки «бузи танӣ» дар дасти якеи онҳо, ки сӯи Чилчанор дартоз буданд, бурид. Ҳамоно овози букавули бузкашӣ ба гӯш мерасид:

- Аспи сафеди Косим Туқсабо. Бори шашум бузро ҳалол кард. Ҳоло буз дар дасти Султон-човандоз, дар аспи Туқсабо…

- Аспи кӣ? – пурсид Қосим Туқсабо.

- Аспи сафеди тӯҳфаи амирӣ, аспи Шумо.

-Аспи мо, Худо раҳм бихӯраде, чашми чапам бисёр парида истодааст,- гуфта даст ба чашму лаб ҳафт бор бурда овард ва бӯсид Туқсабо.

Бузи таниро човандоз ба болои долони амлокдор бурда партофтанӣ буд. Ва дар назди Чилчанор ба ногоҳ Кимсан-човандоз пайдо шуд ва ба буз часпид. Ҳарду қуштаипо сӯи чанори азиме меомаданд. Султон бузро аз Кимсан-човандоз халос кард, вале аспро идора карда натавонист ва ҷонвар дар сари дав ба шаст ба кундаи чиноре бархӯрда, каладав рафта ҳарду пояш шикаст ва дар лаҳзае ҷон дод.

Сӯҳбат бо ҳамин ба поён расида, ҳама назди асп омаданд. Султони човандоз беосеб буд. Вале бо ҷонкании асп ҷон мекоҳонд. Кимсан бошад, хурсанд буд…

Косим Туқсабо ба аспи дӯстдоштааш-сафеди бухороӣ дурру дароз нигариста, гуфт:

- Чашми чапам мепараду маъюс мешавам. Ҳар гоҳ, ки ба паридан сар кунад, ҳодисае ба амал меояд. Сол ҳам нотинҷ аст. Худо раҳм кунад, дар оянда замона чӣ мешуда бошад? Ё Парвардигор…[1]

## АЗ РӮЗИ ВАФОТИ АЛҚАТУН ҚАРОВУЛБЕГӢ

Сари қавси соли 1920 буд. Маҳаллаи Замбӯраки Гузари Қозии шаҳр мотам дошт. Собиқ ҳокими Мазори Ҳазрати Султон-Алқатун Қаровулбегӣ

[1] Аз нақлҳои шоири халқ Сайидаҳмади Карим ва марҳум Умар Санг

аз дунё даргузашта буд.

Имрӯз маҷрои зиндагии мардуми маҳаллаи Замбӯрак ранги дигар дорад. Равуо бисёр. Одамон аз гирду ҷониби музофот ба маросими дафни марҳум меоянд. Дар чашмони иддае аз занону мардон ашк равон аст. Садои гиряи фарзандону наздикон ва хешу табори майит ба гӯш мерасад.

Шаҳрдор бо одамони худ мардуми омадаро дар хонаҳо ҷо ба ҷо карда, маъракаро ба низом меоранд.

Дар ҳуҷрае олимону донишмандони диёр Домулло Қурбони Тиҳиёнӣ, Домулло Хоҷаи Тиҳиёнӣ, Эшони Халифаи Кӯҳистонии Тиҳиёнӣ, Домулло Қозии Обиди Чаноракӣ, Домулло Халифа Сайид мутахаллус ба Эшони Аллааспаи домоди ҳамин бандаи марҳум, Домулло Маҳмуд, Домулло Латифи Зоғича, Домулло Сироҷи Қуллакӣ, Эшони Одинахуҷабои Суфӣ Маҳмуди Чукуракӣ, Эшони Халифа, Абдукодири Дараи Мухторӣ, Шайхи Мулло Раҳим, Охунди Мулло Садир, Охунди Мулло Сафар, Охунди Давлатманд нишаста сӯҳбат доранд.

- Бисёр одами хуб буд марҳум Алқатун Қаравулбегӣ гӯён риштаи суханро ба худ гирифт Домулло Қозӣ Обид. Чанд соле, ки дар мадрасаи деҳаи Мазори Ҳазрати Султон мударрис будам, аз он кас ба ман хубиҳои зиёде расидааст. Халқпарвар буд марҳум. Мудом бо ғарибу ғуррабо, бекасу бенаво, бечораву дармондагон мадад мерасонд. Мардуми қаламрави Мазорро аз андоз озод мекард. Ба масҷиду мадрасаҳо эътибор медод.

- Бале, одами поку накӯкор ҳам буд, - гуфт Эшони Халифаи Кӯҳистонӣ ва илова кард. Дар интихоби ҳамсар, тарбияи фарзанд, ки ганҷинааш модар аст, ҷавононро талқин мекард. «Фарзанди солими поку покдоман ва Олиму комил боигарии мулк аст», мегуфт ӯ.

- Ҳа, дуруст аст,- суханони эшонро тасдиқ карда, ба сухан баромад Домулло Қурбон,- аз умри худ нишонаҳову нақшаҳои зиёде монд. Фарзандони накӯву бузурге тарбият кард. Ҳокими Мазори Ҳазрати Султон буду аз ҳолиёти Бузургвор бохабар. Меросдори арзишҳои падар буду аз Бузургвор бохабар.

Як чиз аз Бузугвор ба ёдам омад. Аз Ҳазрати Султон пурсидаанд:- гӯён ба қироат сар кард Халифа Сайиди Алааспа:

Рост гӯ охир куҷо биштофтӣ?
Ин ҳама ганҷу саодат ёфтӣ?
Гуфт, аз як қатра ашки модарам,
Шоҳиди мақсуд омад бар барам.
Шомҳо чун роз гуфтӣ модарам,
Буд бар поёнии пош бистарам…

- Офарин, домулло, - аз ҳар тараф овоз баромад. Агар розӣ бошед, қироати қиссаро идома диҳам, -гуфт Домулло Халифа Саид ва каме хомӯш монд…

- Чиба не. Бихон, домуллоҷон овоз баровард Домулло Қурбони Тиҳиёнӣ.

Домулло Халифа Сайид хушҳол шуда, ба қироат сар кард:

То дили шаб дошт бо ман розҳо,
Гуфтугӯҳо қиссаҳову оҳу воҳ.
Қиссаҳо ширинтар аз шаҳду шакар
Нағмаҳо ҷонбахш аз боди саҳар
Ногаҳон ҷоми ҳаво бас тира шуд,
Хун ба таъна шиддати сармо фусурд…
Ними шаб шуд, модарам аз хоб хест,
Аз мани афсурда ҷоми об хост.
То гирифтам ларз-ларзон ҷоми об
Модарамро бори дигар бурд хоб…

Домулло Халифа Сайид як қулт чои нӯшида, пиёларо бар рӯи дастурхон гузошт ва оби чашмонашро пок карда, қироатро идома дод:

Ман ситодам хушк бар ҷо аз адаб,

Дида бар он ҷо бар каф ҷон ба лаб.
Обро аз фарди сардӣ баст ях,
Ҷомро бо дасти ман пайваст ях.
Субҳ шуд чун боргоҳи файзсоз,
Модарам бархост аз баҳри намоз,
Дида сӯи ман, ки ларзонам чу бед,
Гаштаам чун барф сар то по сафед,
Гуфт, эй фарзанд бар каф ҷом чист,
Ин сапедӣ бар ту дар андом чист?
Аз чӣ рӯи ин ҷомро нагзоштӣ,
Хешро дар ранҷу миннат доштӣ.
Гуфтам, эй модар хато буд, ин ки ман
Мениҳодам ҷом баҳри хештан,
Ту зи ман гар об мекардӣ талаб,
Хуфта медидӣ маро дур аз адаб.

Домуллое лаҳзае боз таваққуф карда, оби чашмонашро ба рӯймолча пок намуда, қиссаро қироат кардан гирифт:

Модар аз гуфтори ман бетоб шуд,
Дил даруни синаи ӯ об шуд.
Бас сазое аз дили ғам дидааш
Мебаромад қатраҳо аз дидааш…
Ашки модар ганҷи гавҳарбор шавад.
Ҳақтаолло бар писар ғамхор шавад.
Гиря бар ҳар дарди бедармон давост,
Чашми гирён маъдани файзи Худост.
Гиря кун чандон, ки то хандон шавӣ
Варна дар рӯзи ҷазо гирён шавӣ…

- Офарин, Домулло Халифа Сайид. Дар ҳақиқат ин марҳуми

қиблагоҳат шахси бузург буд,- гӯён Домулло Қозӣ Обид тоби суханро ба дигар тараф кашида, ба гап сар кард. Бузургонро бузургон зинда медоранд. Ку бигӯ дар бораи ҷои дафни қиблагоҳат чӣ маслиҳате ҳаст.

- Хуб ҳозир,- гуфта Домулло Халифа Қосим Туқсаборо ба назди Қозӣ даъват кард.

- Туқсабо бубахш, ки чизе мепурсам,- гуфт Қозӣ Обид.

- Марҳамат, бифармоед. Ҳазрат

- Мегӯям дар бораи мавзеъи дафн чӣ маслиҳате ҳаст?

- Оре, бобоям Сарҳад ва амаки падарам Мирак дар подомани Бузургвор Ҳазрати Султон мадфунанд. Васияти қиблагоҳ ҳам он ҷо хонаи охират гирифтан аст.

- Хеле хуб. Меарзаду месазад. Тайёрӣ чӣ тавр аст?

- Қабр канда шудааст. Маросимҳои дигар низ қисман ба ҷо воарда шудаанд. Давра мегардонему халос.

- Нағз, набошад аз паи кор мешавем. Омин варабъалоламин…[1]

Қосим Туқсабо бозори шаҳрро тамошо карда, мутаассир ба сӯи чойхонаи назди Чилчанор омад. Қурбон Пирзодаи қадрдонаш ӯро дида, дӯконашро маҳкам карда, тарҳи либос кард ва ӯ низ сӯи чойхона равон гашт.

Авзои мардум дигар мешуд. Дар бозор нақлу ҳикоят ва қиссаҳои муҳорибаҳои «болшевик» аз даҳон ба даҳону аз деҳа ба деҳа мегузашт.

Усто Қурбон Пирзода бо Қосим Туқсабо вохӯрӣ карда, дар гирди дастурхон нишастанд. Баъди ҳолу аҳволпурсӣ Қосим Туқсабо пиёлаи чои нӯшидаашро ба лаби дастурхон монда гуфт:

- Усто мегӯям дар бозор ким-чӣ миш-мишҳо аст. Аз тахти шоҳии сарнагуншуда гурехтани Амир Олимхон маълум мегӯянд болшевикҳо то ба наздикиҳо омада истодаанд. Ҳамаро қиру қатл мекунанд, месӯзонанд. Тухми куфру кофирӣ мекоранд?

- Туқсабо, дигар ҷои пинҳонӣ нест. Болшевикҳо дар ҳақиқат омада истодаанд. Аллакай қисме аз онҳо бо сарварии полковник Дмитрий

[1] Аз ровии ахбор нақлҳои пирони солор…

Иванович Рассадин дар Душанбе ва гирду атрофи он ҳарбу зарб доранд.

Мумкин рӯзҳои наздик ба Балҷувон ҳам биоянд.

Мардуми аз зулми манғит ба дод омада, ҳама тарафу дастгирии «Болшевик»-хо мебошанд. Аллакай бисёр ҷавонбухориҳо ва ҷавонони маҳаллӣ низ ба онҳо пайвастаанд.

- Чӣ бояд кард?

- Тинҷу ором бояд буд. Муқобилият нишон додан фоида надорад.

- Чаро?

- Чунки кишвари болшевикҳо як давлати бузург аст ва зӯри «исуну усун»-ҳо ба ӯ намерасад. Бигузор саркардагиҳои манғитӣ аз беху бун несту нобут карда шавад. «Такка бошаду шир диҳад»- гуфтаанд. Аз зулми ҳамин тоифа дида, ҷафои болшевикҳо хубтар аст.

- Саидҷон дар чӣ ҳол аст?

- Бародар, ман аз ту гапи пинҳонӣ надорам. Бояд гӯем, ки гурӯҳи ҷавонмардони ӯ омодагӣ мегирад, то қасоси золимони манғитро биситонанд.

- Агар мо ба як обу рӯи Муҳамадӣ ба Афғонистон фирор кунем, ту чӣ мегӯӣ?

- Ихтиёр ба дасти бахтиёр аст. Агар фирор намоиву пас дар тинҷӣ боз баргардӣ, ба фикрам хуб аст.

Дар ҳамин асно ду нафар ҷавоне ба назди ҳарду омада, баъди салому алейк назди Қосим Туқсабо нишастанд.

- Ана ин ҷавон Саид Баҳром, бисёр устои хуб, аслан аз Кангурт инаш Барфи Боло аз ҷавонони Дарвоз. Ҳарду шогирдони мананду дӯстони Саидҷон. Агар, барои ту бепарда гӯем, онҳоро ҳизби болшевикӣ пешакӣ равон карда, корҳои махфии инқиолбӣ мебаранд. Худо хоҳад корҳо хуб мешаванд, иброз дошт Усто Қурбон Пирзода.

Аз ин гуфтаҳо ва сӯҳбатҳо Қосим Туқсабо мутаҳаиру мутаассир шуд. Баъди чанде аз чойнӯшиву гуфтугӯҳо, аз асли воқеаҳо бохабар шудан ба ҳозирин хайру хуш карда гуфт.

- Усто, ба Саидҷон ва Раҳмату Мамлакати ҷавон саломи маро

бирасон.

- Хуб, дар паноҳи Худо бошед.

- Хуб…[1]

## ФИРОР

Қосим Туқсабо бо таассурот ба хона баргашт. Аз дидаву шунидҳо ба хулосае омад, ки барои аз гирдоби яъсу ноумедӣ, балоҳо, ҷангу ҷидолҳои рақибон дур шудан бояд фавран ба Афғонистон фирор намояд.

Маслиҳат ҳам пӯхт. Ӯ бо ҳамсару хоҳараш ва писари хурдсоли он кас Ғозиқул, Хол, Орзу ва чанд тани дигар роҳи Афғонистонро пеш гирифт.

Дар муддате Мазори Ҳазрати Султон, Дараи Сумиа, Дахти Ҳалим, Пуштаи Бедо, Дузахдара, Даҳани Дара ва Талбару Кӯҳи Зуғар паси сар шуданд. Қосим Туқсабо ва ҳамаи ҳамроҳонашон дар аспҳо бо лавозимоти зарурӣ пеш мерафтанд.

Нарангушти Хосамоҳи зеботалъат ба маризии «Хасмор»-и гирифтор буд. Дасти ӯ аз дард месӯхт. Бо вуҷуди он, аз корвони аспҳо аспаш қафо намемонд.

Ҳама ҷо барфу лой пеш омад. Роҳи душворгузар. Роҳ якто-нимто пай дорад. Ҳамин, ки аз роҳ асп берун шуд, пеш рафтан мушкил мешавад. Ҳама ҷо барф, сап-сафед…

Овози гиряи кӯдак дуртар буд. Чун Қосим Туқсабо ба рӯи зин нимдавра гашта, ба корвон нигарист, дар дасти Хосамоҳ кӯдакро надид. Бо вуҷуди он, овози кӯдак аз дуртари он ҷо ба гӯш мерасид.

- Биистед,- гуфта, фирориёни пасгаштаро маън кард, Қосим-туқсабо ва пурсид Хосамоҳ, кӯдак ку?

- Дар болои барф мондамаш – гӯён оби чашми хонуми зебо зиёдтар рехтан гирифт.

- Дастат дар чӣ ҳол аст?

---

[1] Аз маълумотҳои китоби М. Тагильский «Малое в великом» «Таджик-госиздат» 1962

2. Аз наклҳои мӯйсафедони солори Ховалинг.

- Месӯзад, ака, сӯзокаш то чанд зиёд мешавад.

- Гап не, қисмат ҳамин будааст, хоҳар. Орзу, бачам, тез кӯдакро ба худ бигир.

- Хуб, ана рафтам.

Ғозиқули «косаи шир»-ро Орзу бо худ гирифт ва корвон дар муддате ба нишеби кӯҳи Зуғарра, ағбаи Полизак ба деҳаи Талбар поин фуромад. Дар ин чанд рӯзу шаб, дар роҳи сафар, шабонгоҳ дар хонаҳои тангу хунуки чанде аз мардуми шиноси деҳаҳои сари роҳ шабрузкунӣ бисёр гаронӣ дошт…

Акнун рӯзи панҷуми сафар саҳарӣ барвақт ҳама ба деҳаи Мазори Ҳазрати Султон, баъдтар ба маҳаллаи Замбӯрак расиданд.

Ҳама ҷо қабои заррин ба бар карда бошанд, ҳам аз барф дар гирду ҷониб асар набуд. Офтоби оламоро бо нурҳои зарҳалин атрофро мунаввар мекард. Маҷрои зиндагӣ дар ин соли наҳс дигар буд.

Суфӣ Гавҳарбӣ аз бозгашти наздикону фарзандонаш хурсанд шуда, ашки хурсандӣ рехт…

Маҳаллаи Замбӯрак. Ситораҳо ва моҳи чун теғи абрӯи ҳилол аз само ба замин чашмак мезаданд. Оромии шабро садои ҷакидани сагҳо ва чир-чири чиракҳову шувости чашмаобҳои рӯдҳои гирду атроф халалдор мекарданд. Ҳама дар хоби ноз буданд. Касе аз бозгаштани сафари панҷшабонарӯза мадори бедорӣ надоштанд.

Овози сагҳо лаҳзае баланд ва пас хомӯш шуданд. Хонаро гурӯҳи номаълуме печонида гирифтанд. Хол, Орзу, Суфӣ Гавҳарбии модари Қосим Туқсабо, Хосамоҳ ва дигаронро як-як ба сутунҳо баста, тиллову танга ва тамоми боигарии хонаро ғадр карда гирифта берун бароварданд.

- Туқсабо куҷост- овоз баровард марде, ки Абдулқодир ном дошт. Ӯ хиёнат карда, ба Афғонистон фирор кардааст. Бояд бо мо ба ғазо мерафт. Кӯ, Суфӣ бигӯ Туқсабо куҷост?

- Қосим Туқсабо дар Мазори Ҳазрати Султон аст. Ӯ Афғонистон нарафта, пас баргашта аст.

- Ҳамин ҷо бошад, хонаашро оташ назанед – фармон дод Абдуқодир.

Бо худаш баъд гапзанон мекунем. Суфӣ, гап ҳамин, ба писарат бирасон, ки барои ба ғазо рафтан тайёр шавад, вагарна кор ранги дигар мегирад.

Инро гуфта, дастаи ғоратгарон шояд аз ҳарос бошад, ки зуд ба аспҳо савор шуда, баромада рафтанд.

Боди сарди сариқавс аёсро тела дода, лабу рӯи касро мелишт. Хунукӣ саҳра менамуд. Аспҳо шиҳа кашида, ба пеш мерафтанд. Сӯзоки дасти Хосамоҳ ҳанузам паст намефуромад. Ғозиқули ширмак як зарб гиря мекард. Ҳол бад буд. Кӯдак ба Хол ва ё Орзу хап намекард.

Корвони фирориён рӯзи саввум аз хоки Дарвоз убур карда, ба назди дарёи Панҷ расиданд.

Ба ногоҳ аз дур дастаи саворагоне намудор шуданд. Лаҳзае пас, онҳо бо ҳам вохӯрданд.

- Ассалому алайкум, Туқсабо- овоз баровард. Марди ҳузарби паҳлавонҷуссае, ки ришаш мошу биринҷ буд.

- Во алайкум ассалом. Эҳ, Шумо эшони Султон нестед, ака.

- Бале, сафаро бахайр?

- Ба Дарвози Бадахшон. Ба Файзобод ва ё ҷои дигар фирор карданиам. Вазъият ба худатон маълум мебошад.

- Эҳ, додар, фармудаи бузурге дуруст аст, ки гуфтааст:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,

Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар…

Ҳоло мо аз он Ватан омадем. Зиндагӣ душвор, оянда зиндаҷудоиву ғурбат аст. Бародар, агар мурем ҳам дар хоки Ватан мурем. Ватани бегона, бегона аст. Баргард ба Ватан меравем. Агар барнагарди ихтиёрат, мо ба роҳамон меравем…

Қосим Туқсабо лаҳзае хомӯш монд ва ба фикр фурӯ рафт. Аспҳо шиҳа кашида, ба по замин мекуфтанд. Ҳавр аз биниҳои ҷонварон дутарафа ба само паҳн мешуд.

Хосамоҳ ноҳинҷор буд. Дасташ аз дард сӯзи ҷонгудоз мекард. Ғозиқули ширмак бошад, беист мегирист. Хосамоҳ аз лаҳзаи гуфтугӯ дар

хиҷолат монда, пистон ба даҳони Ғозиқул монд ва он тарафтар дар рӯи зин маътал истод.

Як фикр карда бин, Туқсабо. Очиқи гапро гуфтам. Хайр паноҳатон ба Худо, мо рафтем…

- Ку фикр кунам – гуфта, пас аз хайру хушкунӣ бо Эшони Султон Туқсабо ба фикр фурӯ рафт…

Қосим-туқсабо лаҳзае пас ба худ омад ва овоз баровард:

Баргардонед аспҳоро. Эшони Султон дуруст мегӯяд. Мурем ҳам дар мулки худ. Таваккал ба Худо.

Ҳама лаҷомҳои аспҳоро тоб дода, пас гардониданд. Ғозиқул беист гиря мекард. Об аз чашмони чун солики занбӯр сиёҳи Хосамоҳи зеботалъат паси ҳам мечакид. Ҳангоми баргардонии лаҷоми асп дасти бемори «хасмор»-аш сахт лат хӯрд. Аз чашмонаш шарораи рӯшане рехт. Дилаш таҳ кашид. Ноилоҷ Ғозиқули лулакардашударо ба болои барф ором гузошту аспашро аз қафои саворагон давонду гиря гулӯгираш кард…

Саҳари барвақт Қосим Туқсабо ба маҳаллаи Замбӯрак омада аҳли хонаводаро дар сутунҳо баста дид. Чун онҳоро аз бандҳо кушод, талаву торочро зеҳн монда гуфт:

- Оҳ, замона. Сад ҳайф, ки чигинаи зиндагии мо чапа шуд. Аз рӯзе, ки аспи (қизили) сафед мурд, мурдатолону бо уқубат гирифтор шудем.

- Қисмат ҳамин бачам- гирякунон ба гап даромад Суфӣ Гавҳарбӣ, бачаҳалоки Абдуқодир қатъӣ ба ғазо рафтанатро талаб дорад. Давлатмандро як медидӣ, ку чӣ мегуфт.

- Майлаш, ӯро ҳатман мебинам.

- Агар ӯро дидӣ, бедиёнативу ғоратгарии Абдуқодирро ба ӯ бигӯ.

- Хуб, мегӯям, очаҷон, - гӯён суханашро идома дод Қосим Туқсабо. – Дар бало мондем, модар. Як сӯ зулму бераҳмии манғит, маккориву риёкории кури Ямон Дунгузу сардори сарбозони мирӣ Чилгарон, тарафи дигар авбошони худӣ, ба мисли Абдукодир, тарафи саввум бошад, ҳуҷуми Болшевик. Чӣ кор карданро намедонам…

- Гап нест, бачам, сари мардбача бояд дар фикру дард бошад. Худо

худаш почо аст. Парвардигор чизе, ки дар лавҳи пешониамон кашида бошад. Дилатро ба худ бигир, ҷони оча. Мардбача, мардбача аст.

Гуфтугӯ идома дошт. Садои тақ-тақи дарвоза аз берун шунида шуд. Орзу дарав сӯи дарвоза давида, онро кушод. Давлатмандбии бо ду савори дигар омада буданд.

Баъди салому алейк Давлатмандбий бо хушдоманаш Суфӣ Гавҳарбӣ лаҳзае сӯҳбат кард. Аз амали Абдуқодир ба ғазаб омада, гуфт, ки ӯро ҳатман ҷазо хоҳад дод.

Баъди хӯрдани хӯрок ба Қосим Туқсабо рӯ оварда, Давлатмандбий гуфт:

- Ватан дар хатар аст. Болшевикҳо то ба Душанбе омадаанд. Эҳтимол рӯзҳои наздик ба ин хоку об зада дароянд. Қисмати Ватан занону кӯдакон ва пирон чӣ мешавад? Ба ғазо бархестан лозим. Медонам, ту тирзани амирӣ ҳастӣ. Бо мо рафтанат ҳатмист. Фаҳмидӣ?

- Фаҳмидам. Ҳимояи Ватан кори хуб қарз аст. Вале муштро ба задании дурафш чӣ ҳоҷат. Дар бораи Болшевику иқтидори ӯ худат медонӣ, ба фикрам…

- Чӣ хеле набошад. Хона хонаи мову шумост. Ба хонаи мову шумо беҳаёна зада даромадани аҷнабии ғосиб магар ҳоҷат аст. Мову шумо баринҳо ба ҳимояи марзу буми худ набароем, магар айбу шарм нест? Ватан моро мебахшад, магар? Арвоҳи гузаштагонамон розӣ ҳастанд?...

- Оре, ҳамин тавр аст. Ба ростӣ, барои зулми манғит ин қавмро дидан намехоҳам. Кофар ба ҷои онҳо бошад, ба хаёлам беҳтар аст. Аммо ҳимояи Ватан аз душман ва ё аҷнабӣ шарт аст. Шумо дуруст мегӯед.

- Набошад, тайёр шав. Дастаи мо аллакай тайёр аст…

- Майлаш…

Баъди лаҳзаҳои дамгириву хӯрокхӯрӣ ва хайру хуш бо Суфӣ Гавҳарбиву аҳли хонадон Қосим Туқсабо, домодаш Давлатмандбий ва чанд нафари дигар роҳи Балҷувон, пас Душанберо пеш гирифтанд. Онҳо шаби дуюм ба Душанбе расиданд…[1]

---

[1] Аз нақли набераи Қосим Туқсабо – Амиралӣ Абдушаидов ва мусафедони Ховалинг

## БА ШАҲОДАТ РАСИДАНИ ҚОСИМ ТУҚСАБО

Охири соли 1920 шаҳри начандон калони Душанбе бо чинорҳои азим, боғоту ангурзорҳо ва дигар анбӯҳи дарахтон дар соҳили дарёи Душанбе доман густурда буд. Дар гӯшае аз шаҳр қумандони баталони сарҳадии махсус Дмитрии Иванович Рассадин ва сарбозонаш ҷо гирифта буданд.

Сарфармондеҳи қушунҳои округи ҳарбии Туркистон Курапаткин бошад, баъди қабул намудани қасами ҳарбӣ як қатор аскару афсарҳоро ба Бухорои Шарқӣ фиристода буд.

Дастаи Давлатмандбий торикии шаб ба шаҳр даромада, роҳи хонаи Мулло Шарофиддинро пеш гирифт. Чун даста ба хонаи имоми масҷиди шаҳр расид ва Мулло аз омадани онҳо хабар ёфт, хурсанд шуд. Дар ин ҷо ҷавонони маҳаллӣ ба ҳимояи Ватани худ тайёрӣ медиданд. Давлатманбий бо дастааш бо онҳо пайваст шуд…

Шаб, акнун вақти амалиёт ҳам фаро расид. Ҳамаи ҷавонони ҳимоятгари Ватан ба гарнизони Рассадин ҳуҷум намуданд. Муҳориба хеле тӯл кашид. Аз ду тараф талафоти зиёде ба амал омад. Зану ду фарзанди Рассадин ва чанд тани беяроққардашуда ба гаравгон гирифта шуданд.[2]

Қосим Туқсабо низ корнамоиҳои бемисол нишон дод. Вале дар Маҳаллаи Яккачинори шаҳр аз тарафи муқобил тир хӯрд.

Тири ҷонгудоз. Тоқат кард. Чанд нафаре бо роҳбарии Теша-паҳлавони паранакӣ тани хунолуди ӯро ба намад печонида, дар хонае пинҳон карда, шабонгоҳ роҳи диёрашонро пеш гирфтанд. Шаб дар ҳудуди Тутқавул ҷояшро ба рӯз иваз кард. Баъди лаҳзаи дамгириву ношто сафар идома ёфт. Саҳари рӯзи дуввум Қосим Туқсабо, дар роҳ ҷон ба Ҳақ таслим намуда, ӯро ба деҳаи Чукураки Суфӣ Маҳмуд расониданд. Қосим Туқсабои дар намад печонидашуда ғарқи хун абадан мехобид.

- Чӣ ҳодиса шуд? Баъди таҳтул кардани меҳмонон аз Теша-паҳлавон пурсид Эшони Одинахӯҷабой.

---

[2] М. Тапильский «Малое в великом» саҳ. 54-70

- Дар муҳориба бо «болшевик» дар маҳаллаи Яккачинори Душанбе тир хӯрд, Туқсабо- ҷавоб дод Теша-паҳлавон, маъюсона.

- Оҳ, дунё, дунёи бевафо. Одами хуб буд, Туқсабо. Хуни ӯ дар зери суфаи ин чинори мо ҳам чакида, лаъл баст. Ин ҷо низ нишонаи шаҳиди олоҳ шуд – гӯён ба фикр фурӯ рафт, Эшони Одинахӯҷабой...[1]

- Хайр, қисмат ҳамин буда аст. Бо розигии Шумо, эшон мехезем-розигӣ пурсид Теша-паҳлавон.

- Майлатон, хуш омадед.

- Пагоҳ ҷаноза, ҷанозаи Қосим Туқсабо. Марҳамат.

- Хуб.

Қарибии чошт ҷасади ғарқи хуни Қосим Туқсабо ба хонааш бурда шуд. Акнун хонаи Туқсабо мотам гирифт. Гиряи аҳли хонадон ба фалак мепечид. Суфӣ Гавҳарбии модари Туқсабо, хоҳараш Хосамоҳи дар ҷавонӣ ҳимоятгару ёвари ӯ, ҳамсараш Шаъмигул ва бисёр дигарон руканону мӯканон беист нола мекарданд, нолаи чонкоҳ.

Мардуми зиёде ба ҷаноза омаданд. Гӯё арш аз одам меҷунбид. Тамоми Ховалинг мотам дошт. Кули уламоҳои номии музофот, дӯстону наздикон ва хешу таборони марҳум ба маросими ҷаноза омаданд.

Мирзоширинбий аз амлокдории Сари Пул, Давлатманбий аз Балҷувон бо ҳамроҳии бисёриҳо ба ҷаноза омаданд.

Қозӣ Обиди Чаноракӣ, Домулло Қурбони Тиҳиёнӣ, Эшони Халифаи Кӯҳистонии Тиҳиёнӣ, Эшони Одианхӯҷабойи Чукуракӣ, Халифа Саиди Паранакии Эшони Алааспа, Эшони Халифа-Абдуқодири Дараи Мухторӣ, Домулло Сироҷи Қуллакӣ, Домуллои Ҳавзако, Домулло Исмони Бадарагӣ, Шайхи Мулло Раҳим, Охунди Мулло Сафар, Охунди Давлатманд, Охунди Мулло Садир, Домулло Маҳмуди Айлонигӣ, Домулло Латифи Зоғичагӣ, Домулло Қосими Қурбоқаҳогӣ ва бисёр дигар уламову удабоҳои диёр ба ҷаноза омада буданд.

Диёр меҷунбид ҳама маъюсу гирёну нолон. Рӯзи ҷаноза якумин касе, ки дар ҳимояи Ватан ба аҷнабиён шаҳид шуда буд. Шаҳиди ҳифзи хоку оби

[1] Аз нақли мӯйсафедони маҳаллӣ.

Ватан, Қосим Туқсабои паҳлавони ҷавонмард.

Мирзоширинбий вақте, ки бо мӯйсафедону одамони зиёд аз Ёхсу ба маросими ҷаноза омад, Давлатмандбий ӯро дида, ба оғӯш кашид, баланд-баланд овоз бароварда, гиря кард. Ашки чашмонаш паси ҳам рехта, бурутони бузурги сип-сиёҳи зебояшро тар мекард. Давлатмандбий мегиристу мегуфт:

- Афсӯс, ҳазор афсус, миёнам шикаст, шикаст хӯрдам. Қосим Туқсабои ҷавонмард бароям қанат буд. Бе қанот мондам. Ҳайфи паҳлавони ҷавонмард.

Об аз дидагони Мирзоширинбий ва дигарон мечакид. Гиря ба само печида, овози Хосамоҳ чунин ба гӯш мерасид:

Акаи мара ғарқи хун овардан,
Тирхӯрдаву беҷону забун оварданд,
Мардумо меган Туқсабо гашт шаҳид,
Ӯро ба дӯкони Алқатун овардан.
Акамой, Акам…!
Ситораи умри Туқсабо канда шудай,
Оғӯштаи хун ба пеши марг банда шудай,
Дӯстони азиз ба гиряву нолаи зор,
Душманои аҷнабиш дар ханда шудай.
Акамой, Акам…!

- Вало, ки рӯзи ҷанозаи Қосим Туқсабо ҳама мегирист…

- Қисса кӯтоҳ, Қосим Туқсабо ҷанозаи хуб ёфт. Тобуташ аз маҳаллаи Замбӯраки Гузари Қозӣ ба Мазор бурда шуд. Замину замон одам буд. Ӯро дар шафати падару бобоҳояш, дар подомани Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ ба хок супориданд.

- Соли вафоти Қосим Туқсабо 1920 буд ва ӯро чилуяксола давра гардониданд…[1]

**ЗАМОНА ДИГАР ШУД…**

[1] Аз рӯи нақли мӯйсафедони Ховалинг.

Соли 1921. Моҳи март лашкари Руссияи Шӯравӣ ба вилоятҳои Кӯлобу Балҷувон ва амлокдории Ховалинг омаданд. Дар Ховалинг полки 76-уми савораи кишвари Олтой бо сарварии қумандони полк Штрал бо 400 сарбоз худи ҳамин моҳ дохил гардид.

Акнун симо ва авзои замон тарҳу ҷилои дигар ба бар кард. Мубориза барои ин хоку об сар шуд. Шахсони зиёде баҳри ҳимояи марзу буми худ бархестанд. Иддае бошанд, роҳбаладу ҳамроҳҳони сарбозони сурх шуданд. Баъдтар ҳимоятгарони диёри худ «Босмачӣ»-ҳо ном гирифтанд ва душманон ҳисоб ёфтанд. Тарафдорони Ҳукумати Шӯроӣ «дӯстони халқ» шуданд.

Аз вазъият истифода карда, бисёр шахсони бадахлоқу бетарбияи маҳаллӣ ва саркардаҳои хориҷӣ ба хусус Инглистон, Туркия ва дигар давлатҳо бо баҳонаи ҳимояи Ислом, ба ин диёр омада, ба «босмачӣ»-ҳо пайвастанд. Анварпошои генерали турк аз он қабил буд.

Давлатмандбий, ки баъди фирор намудани мири Балҷувон вазифаи ӯро адо мекард ва баъдтар раиси кумитаи Инқилобии ин музофот буд, муддате вилояташро ҳимоя кард. Вале, бар асари бо ҳарбиёни ӯ пайвастани генерали турк Анварпошшо ҳарду 4-сентябри соли 1922,дар рӯзи Иди Қурбон аз тарафи аскарони артиши рус дар наздикии Тути Қозӣ ба шаҳодат расонида шудаанд.[2]

Ҷасадҳои онҳоро ба тасври махфӣ бурда, дар мавзеъи Чагани наздикии деҳаи Зувайр ба хок супоридаанд. Фарзандону хешу табор ва наздикони Давлатмандбий ҳар куҷо пароканда, дур аз ҳамдигар ба ҳаёти нав қадам монданд…

Акнун дар маҳаллаи Замбӯрак сарпарасти зану фарзандони Қосим Туқсабо ва Давлатмандбийи шаҳид, кампири Суфӣ Гавҳарбӣ монд. Аз Хосамоҳи духтари Суфӣ Гавҳарбӣ, зани Давлатмандбий як фарзанд-Ғозиқул, аз писараш Қосим Туқсабо чор фарзанд: Давлаталӣ, Аслинисо, Мушкинисо ва Абдушаҳид дар тарбияи ин кампири порсо боқӣ мондаанд.

---

[2] Ҷ. Асрориён. «Кишвари пешорӯи Хуршед» АТИЖТ - 1992

Амакҳои Қосим Туқсабо Ашӯр парвоначӣ ва Туқсабо Сайиди парвоначӣ маслиҳат карда, барои бегона нашудани фарзандон ва завҷаи Туқсабо зани ӯ Шаъмигулро ба хизматгорашон- писари амаки Бойаҳмад- Орзу ба занӣ никоҳ кард доданд. Акнун Орзу сарпарасти фарзандони писарамакаш Қосим Туқсабо гашт. Шаъмигул аз Орзу Аҳмаду Маҳмадуллоро ёфт.

## ХОСАМОҲ

Зикри ӯ дар саҳифаҳои қаблӣ оварда шудааст. Вай дар деҳаи Мазор, дар оилаи Алқатун Қаровулбегӣ ба дунё омада буд. Дар муҳити хосае камол ёфт. Бо саводу бомаърифат шуда, ба Давлатмандбийи сарлашкари мири Балҷувон, соли 1919 хонадор гардид.

Баъди ба шаҳодат расидани Давлатмандбий (с.1922) ба Хосамоҳи зебо талъат бисёр ҷавонон хонадор шуданӣ буданд, вале ӯ аз байни онҳо ба Достии Сомеъонӣ хонадор шуд. Зеро ӯ Достиро чун ҷавони зебову меҳнатдӯсти боғайрат аз хурдиаш нағз медонист…

Достӣ дар тарбияи Ғозиқул-писари Хосамоҳу Давлатмандбий саҳми бузург дорад. Марҳум-бобои Ғозиқул ҳамеша аз падарандараш Достӣ минатдор буд ва дар ҳакаш суханони нек мегуфт.

Хосамоҳ солҳои 1952-1953 фавтида аст…

Писари дуюми Хосамоҳ Ҳайдарқул (баъд аз Ғозиқул) ба камол расид, солҳои дароз корманди амнияти бехатарии Ҷумҳурии Туркманистон буд ва он ҷо соли 2001 аз дунё даргузашт. Аз Ҳайдарқул Алиқул, Валиқул ва Таня ба дунё омаданд. Ҳамаи онҳо бо фарзандонашон дар шаҳри Ашқобод зиндагӣ мекунанд. Алиқул поковники хизмати ҳарбист.

Духтари Хосамоҳ Гулсунбӣ ба писари шайхи Мулло Абдулвайс-Пираҳмад хонадор буда, дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ мекунанд. Ӯ қаҳрамонмодар буда, фарзанду набераву аберaҳои зиёд дорад. Писараш Бозоралӣ корманди соҳаи гумруки вилояти Ленинобод аст.

Духтари дигари ӯ Қумрӣ ном дошта, қаҳрамонмодар аст ва

фарзандону набераву аберахояш дар ноҳияи Вахш ҳаёт ба сар мебаранд.

## БОБИ 5
## ДАР ДАВРОНИ ШӮРОҲО
## ДАВЛАТАЛИИ ҚОСИМ
## (1916-1988)

Тавре дар саҳифаҳои қаблӣ ишора намудем, моҳи марти соли 1921 лашкари давлати Шӯроҳо ба Ховалинг омад. Барои барқароркунии сохти Шӯроҳо мубориза байни «босмачӣ»-ҳо, калтакдорони маҳаллии сурх ва аскарони сурх бо шиддат то солҳои сиюми қарни XX идома ёфт. Барои мустаҳкам кардани мавқеъи давлатии Шӯроҳо лозим буд, ки мардум ба ду гурӯҳ тақсим карда шавад. Синфи коргару деҳқон-соҳибдавлат, муллову соҳибмаълумот – «унсурҳои бегона» ва «душмани халқ.

Акнун ба фарзандони Қосим Туқсабо барин амалдорони гузашт низ солҳои гарон омад.

Давлаталӣ Қосим соли 1916 дар деҳаи Гузари Қозии музофоти Ховалинг ба дунё омадааст. Чун соли 1925 нахустин шуда дар Ховалинг мактаби нави Шӯравӣ ташкил ёфт, ӯ 9-сола буд ва ба он дохил шуда, хонд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки то аз он рӯзҳои таърихӣ ёде кунем. Авзои диёр дигар шуда буд. Аз тарафи тумани Ховалинг, ки соли 1921 ташкил ёфта буд, муовини раиси кумиҷроия Хоҷӣ Муқимов раиси кумитаи ташкилкунандаи мактаби нави Шӯравӣ таъин шуда буд…

Давлаталии ҷавон дар қатори 17-нафар бачаҳои деҳа бо даъвати Ҳоҷӣ Муқимов ба назди байрақе ҷамъ шуданд. Дар байрақ «Ба мактаби нави Шӯроӣ дохил шавед» навишта шуда буд. Ҳоҷӣ Муқимов пеш-пеш ва ин бачаҳо дар ду саф ба маркази Ховалинг рафта, дар хонаи Мирзомуддин ном деҳқон даромаданд. Он ҷо ду хонаи ба ҳам пайвасте буд, ки ба сифати синфхона хизмат мекарданд.

Муаллим Шариф Ҳабиб, ки курси аввалини муалимтайёркунии

шаҳри Душанберо хатм карда буд, омӯзгории онҳоро ба ӯҳда гирифт. Шариф Ҳабиб аввалин омӯзгор дар ноҳияи Ховалинг аст ва хидматҳояш бузург буд. Чун шоир ду китоб низ таълиф карда буд, вале чун тақдираш онҳо номаълуму аз дасти замона гумнонанд.[1]

Соли 1927 бо шиори «Моҳи маориф» сокинони шаҳраки Ховлинг дар назди Чилчанор иборат аз ду синфхона мактаб сохтанд. Ҳамин сол дуввумин омӯзгор Умар Шарифзода баъди хатми курси яксолаи муаллимӣ ба хонандагон суруди «Мо ранҷбарзодагонем»-и Абдулқосим Лоҳутиро ёд медод ва бачаҳо онро ба оҳанг месароиданд.[2]

Соли 1928 дар шаҳри Кӯлоб курси нимсолаи муаллимтайёркунӣ кушода шуд ва Умар Шарифзодаро нахустин омӯзгори ин курс таъин карданд.[3]

Давлаталӣ Қосим истеъдоди баланди фардӣ дошт. Аз рӯи одоб, дониш ва ҳусни хати бисёр зебояш ӯро омӯзгорон дӯст медоштанд.

Бо ҳидояти Умар Шарифзода Давлаталӣ ба хонаи бачагони шаҳри Кӯлоб, баъдтар ба курси муаллимтайёркунӣ дохил шуда хонд.

Дар ин курс Колпаков ном шахс мудир буду Салоҳиддини Маҷидӣ ва Сафар Аминзодаи Хуҷандӣ аввалин омӯзгорон. Мудирии шӯъбаи маорифро С. Дадабоев ва ҷонишинии он касро Маҷидӣ ба ӯҳда дошт.

Бо ташаббуси С. Давлатов аввалин китобхона дар шаҳри Кӯлоб ташкил карда шуд ва бинобар сабаби бо баҳои аъло ва интизоми намунавӣ хондани Давлаталӣ Қосим ӯро нахустин шуда ба кори ин китобхона қабул карданд ва вай фаъолияти кориашро аз он ҷо сар кард.[4]

Давлаталӣ Қосим 2-декабри соли 1932 бо фармони №98 ба омӯзгорӣ пардохта, аз 1-августи соли 1936 омӯзгори хонаи бачагони ноҳияи Ховалинг буд. Солҳои минбаъда низ то ба нафақа баромаданаш соли 1978 ба тарбияи насли наврас шуғл меварзид. Дар мактаби деҳаи Хосиён директор ва дар мактаби номии шаҳраки Ховалинг, мактаби миёнаи ба

[1] Шарифи Ҳабиб соли 1937 «душмани халқ» гуфта, парронда шудааст.
[2] Умар Шарифзода пас аз САГУ – Донишгоҳи осиёи миёнаро хатм кард…
[3] «Мактаби советӣ», №10, 1974. саҳ. 51-52.
[4] Ҳамон маҷалла. С. 51-52.

номи Сталин омӯзгор буд.

Ӯ чун омӯзгори асил шогирдони зиёдеро ба воя расонд. Донишу маҳорат ва ҳусни хати беҳамто дошт. Пири чандин донишманду бузургони соҳаи адабиёту фарҳанг аст. Шогирдон аз ӯ мудом бо некӣ ёд мекунанд. Масалан, солҳое, ки ӯ омӯзгори хонаи бачагонаи Ховалинг буд, садҳо ҷавононро ба шоҳроҳи ҳаёт ва адабиёт ҳидоят карда буд. Якеи он Шоири Халқии Тоҷикистон, муаллифи бештар аз 50 китобҳо Устод Ғаффор Мирзо ба шумор меравад.

Барои тасдиқи ин фикр ёде аз Устод Ғаффор Мирзоро овардан воҷиб аст:

«Ман мехостам, ки Лоҳутӣ ба ман ҳамчун бузургон дастрас ва қариб ғайри реалӣ, қариб ҳамчун афсона бимонад. Охир дар айёми бачагиам, вақте ки муаллими  ҳусни хати мо Давлаталӣ Қосимови Ховалингӣ дар синф шеърҳои Лоҳутиро мехонду мегирист, мо ҳам гиря мекардем, дар қаъри эҳсосоти бемулоҳизаам, эҳсосоти беғаш ва софу содаи бачагонаам, ҳамин ҳақиқат ва боварии комил ва ягона қатори ҷойгир гардида буд, ки ин оҳанг, ин суханони дар банд-банди дилу ҷигари одам кора мекардагӣ масули дасти фарзанди одам нестанд. Лоҳутӣ он вақт барои мо ба кӯлӣ монанди худованд яккаву ягона буд…»

Шогирдони ин пири хирад, инсони комил, устоди мушфиқ ва шахси бузург ҳамеша аз ӯ ва ҳаёту фаъолияташ бо некӣ ёд мекунанд.

- Давлаталӣ Қосим меҳри касби омӯзгориро аз хурдӣ дар дили ман андохта буд,- мегӯяд собиқадори маориф, аълочии маорифи Тоҷикистон, омӯзгор аз ноҳияи Восеъ Саидҳомид Наимов. Ӯ солҳои дароз директории мактаби деҳаи мо Хосиён буд. Дар ин мактаб аз Тиён ва дигар деҳаҳои гирду атроф хонандагон ба хондан меомаданд.

Ин солҳои 40-50-уми қарни қаблӣ буд. Мо, ки дар синфҳои болоӣ мехондем, мудом интизори дарсдиҳии ин омӯзгори бузург будем. Ӯ ба мо аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс мегуфт.

Ҳамин, ки дар дарси адабиёт аз ин ва ё он шоири классики форсу тоҷик ва ё ҳамин замона мавзӯи дарсӣ мегузашт, шеъру ғазали он шоирро

як бор қироат мекард ва бори дигар ғижжак гирифта, менавохту пуртаъсир онро мехонд. Он чунон мехонд, ки ҳеҷ гоҳ он дарс аз хаёли кас намеравад. Дар утоқи кориаш мудом ғижжак дошт. Дар вақтҳои фориғ аз кор низ онро менавохт.

Аз Хотирии Хосиёнӣ, Мирзохизмат барин шоирони номӣ, ки дар деҳаи мо ба дунё омада буданд, ёд мекард. Дар ҳақи Эшони Халифаи Тиҳиёнӣ мутахаллис ба Кӯҳистонӣ, Домулло Қурбони Тиҳиёнӣ, Домуллои Тиҳиёнии Лавовагӣ ва бисёр дигар донишмандону олимони замон ёдоварӣ менамуд. Нақлу хотироти мардумро навишта мегирифт.

Умуман, собиқаи 50 солаи корӣ ва қариб ҳамаи комёбиҳои ба дастомадаи ман ба меҳру заҳматҳои устодам зиндаёд Давлаталӣ Қосим алоқаманд мебошад…

Давлаталӣ Қосим яке аз бузургтарину маҳбубтарин омӯзгорони замонаш буд.

Ӯ мудом гули сари сабати аҳли маориф буд ва номашро ҳамеша дар ҳама ҷо ба некӣ ба забон мегиранд.[1]

Ӯ тавассути меҳнати босуботаш ба ду медали собиқ СССР, Барои меҳнати шоён (1949) 100 солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин ва бисёр мукофотҳои пулию молӣ ва хотиравӣ қадр карда шуда буд.

Солҳо мегузаштанд. Давлаталӣ Қосим, ки аз гузашта бархурдор ва худшиносу худогоҳ буд, дидаву шунидаашро дар ду китоб навишта, омодаи чоп намуд. Аз ин амали Давлаталӣ ҳасудону риёкорони замон дарак ёфта, «ҳушёрии синфӣ»-ро аз даст надода, ба ҷойҳои даркорӣ хабар доданд. Ин буд, ки гӯё Давлаталӣ Қосим аз «синфи бегона», «душмани халқ» ба дунё омада, дар давоми 14-15 соли омӯзгориаш бар зидди давлат тарғиботи контр-револютсионӣ бурда бошад. Рӯзе ӯро аз хонааш дастгир карда, дастонашро паси пушт баста бурданд.

Ҳамин тавр, Суди Олии РСС Тоҷикистон аз моҳи январи соли 1952 барои 25-сол аз озодӣ маҳрум кардани Давлаталӣ Қосим ҳукм баровард.

Суди Олии СССР бошад, қарори ин судро дида баромада, ноодилона

[1] Рӯзномаи «Маориф ва маданият» 1 январи соли 1976

ҳисоб кард ва Давлаталиро 10-сол аз озодӣ маҳрум намуд.

Давлаталии чун шери жаён даст ба пушт бастаро гирифта бурдан замон, хоҳаронаш Мушкинисо, Аслинисо ва Гадобегим тамоми навиштаҳову дастхатҳои китобҳои қадимӣ ва дигар чизу чораи ӯро аз тарсу ҳарос дар қопчаҳо пур карда, дар ҷое таги хок намуданд.

Дар куҷо будани китобҳои навиштаашро то ҳанӯз, касе намедонад. Ӯ аз таърихи гузаштагонаш ва адибони гузаштаи давр дар китобҳо навишта буд…

Ин ҷавонмарди соҳибистеъдоди бегуноҳ, муддати 5-сол дар маҳкамаву лагерҳоиислоҳотии сарду бадбӯйи шаҳрҳои Печора ва Перми Федератсияи Руссия шаҳди ғарибиву азобу уқубат чашид.

Муаллим Давлаталӣ Қосим аз 15-январи соли 1952 то 31-июни соли 1956 дар ҳабс буд ва дар асоси УказИ Президиуми Совети Олии СССР аз 24 марти соли 1956 ӯ тамоман бегуноҳ дониста, бо «хати сафед» аз ҳабс озод карда шуд.

Ӯ баъди тӯҳмату бӯҳтонҳо ва азоби рӯҳӣ дар ҳабсхонаҳои тангу тор ва лагерҳои ислоҳотӣ боз ба тарбияи насли наврас пардохт.

Акнун сири дилашро ба куртаи танааш намегуфт. Ба форсӣ дигар наменавишт. Ҳамин, ки дар маъракаҳо ва ё ҷамъомадҳо аз гузаштагону худшиносиву худогоҳӣ ва ё ифтихори миллӣ сухан мерафт, гиря гулӯгираш мекард ва ё хомӯшона хеста берун мебаромад. Вақте хати сафедшавии худро хонд, дуру дароз гиря кард…

Давлаталӣ Қосим дар ҳақиқат шахси бузургу бузургзода буд. Ӯ соли 1978 ба нафақа баромада, корро бас кард, хонашин буд ва 1-май, рӯзи Иди Қурбони соли 1988 дунёи фониро падруд гуфт ва пешнамози Иди Қурбон шуд…

Вақте 7-январи соли 1989 дар матбуот қарори кумитаи марказии КПСС «Дар бораи тадбирҳои иловагии барқарор намудани адалат дар ҳаққи қурбониёни таъқиботӣ дар давраҳои солҳои 30- 40-ум ва аввали 50-ум-и қарни қаблӣ аз чоп баромад ва мардум сатрҳои қарор: «Ҳоло барқарор намудани адолати таърихию юридикӣ амнияти бузурги сиёсӣ

дорад. Пешравии мо бо роҳи сохтани давлати ҳуқуқии сосиалистӣ ва ривоҷи афкори ҷамъиятӣ аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он аст. Аҳли ҷамъият хешу таборон ва ақрабои зарардидагон пурра сафед кардани ҳамаи одамони бегуноҳи таъкибшуда ва абадӣ гардонидани хотираи онҳоро интизоранд»-ро хонда аз таъқиботи беасосу беадолатонаи Давлаталӣ Қосим огоҳӣ ёфтанд, аллакай аз вафоти ин бузургмарди донишманд як сол сипарӣ мешуд…

Аз Давлаталӣ Қосим 6-фарзанд ва бисёр набераву аберахо боқӣ мондааст, як писараш аз зани аввалааш лётчик буда, дар Ҷумҳурии Украина зиндагӣ мекунад. Аз зани дигараш Бахтинисо писараш дар ноҳияи Фархор сардухтур мебошад. Духтараш Нигораи Қосим табъи шоирӣ дорад. Маҳсули қаламаш дар маҷмӯаи дастҷамъии «Чашмасори Ховалинг», «Ирфон»-2001 ва бисёр рӯзномаҳои маҳаллӣ ба табъ расидааст.

Писараш Рашид соҳибкор Абдулфайзу Алӣ омӯзгор мебошанд.

Нигора дар васфи падараш бисёр чизҳо медонад ва аз тарси замонаи гузашта ногуфтаанд. Ӯ ба шеъру шоирӣ ҳавас дорад.

Инак, намунаҳоеро аз ашъори Нигораи Қосим меорем:

Шодам, ки дар ин замон мудом озодам,
Дар ишқи Ватан булбули хушфарёдам.
Донед, маро, ки духтари озода,
Аз зодаи тоҷики бузургавлодам.

х х х

Бо сад ҳавасу умед ба ту ёр шудам,
Бо нархи дилу ба ҷон харидор шудам,
Афсус рамидӣ оқибат аз бари ман,
Аз карда пушаймон ба сад бор шудам.

х х х

Рухат чун лолаи тар лолагун аст,
Дилам аз дуриат зайли ҷунун аст.
Баҳоре гар, ки рафта боз омад,
Дареғо, ҳоли ҳам дил мушти хун аст.

## АСЛИНИСО
## (1918-1988)

Аслинисо духтари калонии Қосим Туқсабо буд. Ӯ монанди момааш Суфӣ Гавҳарбӣ қаду қомати баланд, қиёфаи зебо ва хислатҳои накӯ дошт. Ҳаёташ ба солҳои даврони Шӯроӣ рост омад.

Қосим-туқсабо, ки Хол ном хидматгорашро, аз рӯи одобу хидматҳояш дӯст медошт, ба Аслинисо хонадор карданро васият карда буд. Аслинисои нозанини гулрӯх ба Холи ҷавонмарди меҳнатдӯст солҳои дароз мунису ҳамсар буд. Аз онҳо 6 фарзанд ба дунё омад. Ибодулло, Саймаҳмуд, Неъматулло, Султонмурод, Оламбӣ ва Оишамо. Аз ин фарзандони Аслинисо ва Хол бисёр набераву аберахо дар шаҳраки Ховалинг ва ҷойҳои дигар зиндагониву кор мекунанд.

Хол Назаров бинобар марди меҳнатдӯсту аспарвар буданаш солҳои зиёд аспбонии (конихии) кумитаи ҳизбии ноҳияи Ховалингро ба ӯҳда дошт. Ӯ бисёр ҳалиму хоксор ва инсондӯст буд. Дар ҳақаш имрӯзиён суханони нек мегӯянд.[1]

Вобаста ба талаботи авзои замони соли 1950 оилаи Хол Назаров ва Аслинисо низ бо баҳонаи хидматгор ва фарзанди амалдори гузашта буданашон ба колхози ба номи Будёнийи, ноҳияи Алиқболиқи вилояти Кокчитови Қазоқистон гӯё барои ислоҳ бадарға карда шуданд. Онҳо бо аҳли оилаашон шаҳди ғурбат ва азоб чашида, аз соли 1950 то 1955 дар лагери ислоҳотӣ азобу заҳмат кашиданд.

Чун маълум гашт, ки ин оила гуноҳе надорад ва ҳукмномаи

[1] Хол Назаров Холи Бераҳме, ки дар саҳифаҳои қаблӣ ишора кардем, нест. Ӯ дигар кас аст…

бадарғакунӣ асоси эътимоднокеро доро нест, онҳоро дар асоси қарори сафедкардашуда, ба Ватан ҷавоб доданд. Албатта азоби ғурбати бадарға аз деҳу диёр ва каниши риштаи рӯзгор осон набуд…

Кампири Аслинисо ва бобои Хол солҳои зиёд умр дида, яке моҳи сентябри соли 1988 ва дигаре соли 1978 аз дунё даргузаштанд. Фарзандонашон умри онҳоро давом доданд…

Маълум, ки истеъдоди фитрӣ аз авлод ба авлод, аз хун ба хун мегузарад. Чун соли 1978 дар музофоти Ховалинг, ки нахустин комплекси чорводории таҷрибавӣ дар собиқ СССР буд, ташкил ёфта, то соли 1992 умр дид, барои ин муассиса шикорчие лозим дониста шуд.

Ибодуллои писари Хол ва Аслинисо, набераи Қосим-туқсабо шофир буд ва ӯро чун мергани моҳир ҳама мешинохтанд. Аз ин рӯ, директории генералии иттиҳодияи мазкур Владимир Николаевич Петров ӯро назди худ хонд, зимнан имтиҳон гирифт ва вайро баҳои баланд дода, чун шикорчӣ қабул кард.

Тири акаи Ибодулло хато намехӯрад. Ба ҳадаф ҳатман мерасад ва инро дар мисоли гуфтаҳои боло тасдиқ кардан мумкин аст. Ӯ ронандаи мошин ва дар вақтҳои лозимӣ мерган ва чун шикорчии номӣ шӯҳратманд аст…

Ибодулло Холов соли 1939 дар деҳаи Ховалинг ба дунё омадааст. Аз соли 1958 то соли 1991 ронанда буд. Дар рушду нумӯъи диёр саҳми арзанда дорад. Ронандаи пешқадам ҳисоб ёфта, борҳо ба гирифтани мукофотҳои молию пулӣ ва хотиравӣ қадр карда шудааст.

Ҳоло дар шаҳраки Ховлинг ҳаёт ба сар бурда, дар нафақа, давлати пирӣ меронад. Ҳамаи фарзандонаш Муҳаммадюсуф Холов-духтур, Шодибек-корманди милиса, Азиз-ронанда, Фозил-корманди кумитаи ҳифзи сарҳади Ҷумҳурӣ, Зоир-корманди ҳарбӣ, Диловар-милиса, Зевар-донишҷӯи мактаби милисагӣ аст. Дигарҳо бо касбу корҳои гуногун дар хидмати халқу Ватананд:

Духтари калонии Аслинисо Ойҷонби ном дошта, ба Маҳмадқул Салимов хонадор аст. Маҳмадқул Салимов солҳои зиёд аграному

сараграном, ба хусус сараграноми хоҷагии ба номи Восеъ буд ва ҳоло дар нафақа аст.

Духтари дигараш Оишамо ном дошта, ба Муҳаббат Одинаев хонадор шудааст.

Духтари дигари Аслинисо Оламбӣ ном дорад ва бо Кенҷа Раҳмонови Урметанӣ хонадор мебошад.

Кенҷа Раҳмонов солҳои зиёд сарзоотехник, аз ҷумла сарзоотехники Иттиҳодияи агросаноатии Ховалинг буд.

Ҳоло ҳарсе занону шавҳарҳо дар шаҳраки Ховалинг умр ба сар мебаранд ва фарзандону набера ва аберахои зиёд доранд.

## МУШКИНИСО
## (1919-1994)

Мушкинисо чун момааш Суфӣ Гавҳарбӣ зебову хушқаду қомат буд. Ӯ чун аммааш Хосамоҳ баробари аҷибии ҳусну ҷамол ба корҳои ба ҷавонон хос шуғл меварзид. Бо ғайрату ҷасӯр буд. Духтараш Муслимамоҳ ном дошт. Фарзандони Мушкинисо Муслимамоҳ, Гулшанбӣ ва Файзор мебошанд.

Духтари калонии Мушкинисо Муслимамоҳ соли 1957 ба Қодир Абдураҳимов хонадор шуда аз ноҳияи Ховалинг (баъди барҳам хурдани ноҳия) мухоҷир шуда, ба деҳаи Қайнар рафтаанд ва онҳо дар он ҷо умр ба сар бурда, аз онҳо фарзандони хубу меҳнатдӯст таваллуд шудаанд. Ҳоло духтараш Моҳрӯ муаллимаи Донишкадаи олӣ буда, писараш Равшан духтури калон дар ноҳияи Қумсангир мебошад. Писараш Шодӣ бошад, корманди соҳаи тиҷорат дар шаҳри Хуҷанд аст. Дигар фарзандонаш дар хизмати халқу Ватананд. Аз Гулшанбӣ Файзор, Барот ва Абдулло ба дунё омада айни ҳол дар касбу корҳои гуногун, дар ноҳияҳои Ховалингу Восеъ ва шаҳри Душанбе кору зиндагӣ мекунанд.

Писаронаш Файзор-духтур (врач) дар бемористони Қарияи Болои шаҳри  Душанбе кор мекунад. Барот-тоҷир ва фарзандони дигараш дар

касбу корҳои гуногун машғули меҳнатанд.

## АБДУШАИД
## (1920-1963)

Ин марди зиндаёд симо, овоз, қаду қомат, меҳрубониҳои падарро надидааст. Чун падари бузургвораш Қосим Туқсабо дар корзор баҳри химояи Ватан хун рехта, ба шаҳодат расид, ӯ дар батни модар буд ва ду моҳ баъди шаҳодати қиблагоҳаш, соли 1920 дар маҳаллаи Замбӯраки Гузари Қозӣ ба дунё омад.

Тавре шоири ҷавонмарги ҳамдиёраш марҳум Ғоиб Сафарзода оиди баъди аз байн бурдани падараш ба дунё омада, фармудааст:

Гаҳвораи ман тапид баъд аз падарам,
Модар биниҳод ном Ғоибназарам.
Шукронаи давр, ки нагаштам ғоиб,
Номи падарам кард соҳибназарам…

Абдушаҳид ҳам баъди ба шаҳодат расидани падараш Абдушаҳид ном гирифт ва умри қиблагоҳашро идома бахшид. Ӯ дар муҳити хеле вазнин зиндагӣ кард. Хонд, касби ҳисобчигиро ба худ гирифт. Дар идораҳои хоҷагии ҷангали «Ховалинг», идораи маҳсулоттайёркунӣ, шӯъбаи фарҳанг, шӯъбаи маорифи ноҳияи Ховалинг ва то охири умраш соли 1963 дар интернати ба номи Шаталови шаҳри Кӯлоб сармуҳосиб шуда кор кард.

Марди қоматбаланди кулчарӯй ва дидадарое буд. Чун шахси бо саводу бо фарҳанг, гузаштаро хеле хуб медонист ва дурандеширо ба худ раво медид.

Медонист, ки дар он мӯҳити вазнин ва замони авзояш беҷо номаш барояш шоҳид аст.[1] Барои ба ҷавобгарӣ кашидан чун фарзанди амалдор-Туқсабо, «унсури бегона» ягон ҳоҷати гап набуд.

[1] Зеро Абдушаҳид ном дошт…

Абдушаиди ҷавон замонаро замонасозӣ кард. Худро фарзанди асили давру сохт гирифт. Сохтакорӣ карда гоҳо худро ба ҷунунӣ мезад.Чун баъзе ҷавонони донишманди мадрасахатмкарда, ки дар вақтҳои зарӯрӣ барои аз дасти замона несту нобуд нашуданашон, гоҳҳо худро ба ҷунунӣ зада, дар назди идораҳои Ҳукумат, милиса ҷойҳову шахсони марбута сохтакорона сигор дуд медоданд ва ё худро ба мастӣ зада, чун дӯстони ҳукумат ҷон ба саломат мебурданд, амал менамуд. Ин ва дигар хислатҳои ӯ буд, ки солҳои дароз ба халқу давлат хидмат кард ва чун фарзанди Туқсабо «унсури бегона» ҳадафи ҷазо ва ё сазо нагардид. Вале, писари Туқсабо гуфта, ӯро ба сафи аскарӣ нагирифтанд, ба аъзогии КПСС қабул накарданд…

Абдушаид соли 1944 ба Хирмонисо ном духтаре аз деҳаи Сумбулҳо, аниқтараш духтари акаи Гадо хонадор шуд.

Аз Абдушаиду Хирмонисо Амиралӣ ба дунё омад… Баъд ӯ бо Эркамо ном духтаре хонадор шуда, Гулчонбӣ, Давлатбӣ, Савринисо, Баҳринисо ва Наврӯзби ба дунё омаданд. Зиндагиашон нағз буд. Ӯ 27-апрели соли 1963 вафот кардааст.

Хирмонисо соли 1972 дар сини 41-солагӣ аз дунё даргузашт. Эркамоҳ бошад, соли 1951 оламро падруд гуфт.

Амиралӣ ба набераи Карим- Қаҳрамон, духтари Саидмӯъмини Мулло Ғаффор хонадор шуда, соҳиби 7-фарзанд аст ва дар зодгоҳи падарӣ зиндагӣ дошта, соли 2010 аз дунё даргузашт.  Ӯ пайрави касби падар буда, вазифаи сармуҳосибии шӯъбаи фарҳангро, ки солҳои ҶБВ падараш Абдушаҳид дар ҳамин ҷо ифои вазифа мекард, кор мекард. Писари ӯ Шакарбек хатмкунандаи Донишгоҳи Тиҷоратии Тоҷикистон аст ва ӯ низ сармуҳосиби идораи ба обтаъминкунии шаҳраки Ховалинг ва бахши фарҳанг буд, айни замон дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсия Русия аст…

Духтараш Бахтинисо ба абераи Хосамоҳу Давлатмандбий, яъне набераи Ғозиқули зиндаёд Амирулло хонадор ва соҳиби чанд фарзанд аст. Фарзандони дигари Амиралӣ мактабхонанд: Биҳиштӣ, Моҳрӯхсор, Гулрухсор ва дигарон. Эрондухт дар китобхонаи марказии ноҳияи

Ховалинг кор мекунанд.

Давлатбӣ Абдушаидова бо Маҳмадшариф дар деҳаи Ҷонбахт зиндагӣ мекунанд. Маҳмадшариф Қараев корманди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз онҳо фарзандонашон: Дилшод-афсар, корманди БДА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамшед-иқтисодчӣ, Фарҳод-тоҷир, Фаромарз ва Фаридун ҳарду донишҷӯ буда духтаронаш дар деҳаи ишорашуда ҳаёт ба сар мебаранд.

Наврӯзбӣ Абдушаидова ба Кабир Сатторов хонадор буда, аз онҳо Марҳабо, Таманно, Осимҷон, Гулина ва дигарон дар деҳаи Шехмизон зиндагӣ мекунанд.

Падари Кабир-Абдусаттор мутахаллис ба Суфича хидматгору тоҷири Алқатун Қаровулбегӣ ва писараш Қосим Туқсабо буд.

Гулчонбӣ Абдушаидова бо Гурез Мадалиев хонадор буда, дар ноҳияи Мӯъминобод зиндагӣ мекунад. Фарзандонаш Шодӣ-шофир, Шокир-корманди ШКД, Шовалӣ-омӯзгор, Шоир-ронанда, Давлат-электрик-техник, Сафар-тоҷир, Гулистон-духтур, Фотима, Фарзона ва Моҳистон дар касбу корҳои гуногун кор мекунанд.

Баҳринисо Абдушаидова бо Иброҳим Саидов дар ноҳияи (Совет) Темурмалик ҳаёт ба сар мебаранд. Фарзандонашон: Хуршед-ронанда, Илҳом-ронанда, Умед-мудири анбори заводи пивобарории шаҳри Душанбе, Олим- мудири анбори заводи сири шаҳри Душанбе, Мавлуда, Зулфия ва Махрамбӣ дар касбҳои гуногун кор мекунанд.

Савринисо Абдушаидова дар шаҳри Қурғонтеппа бо Ҳусайн Музаффаров хонадор аст. Фарзандонашон: Убайдулло-деҳқон, Маҳмадамин – корманди ШКД-и шаҳр, Умеда ва дигарон дар касбҳои мухталиф кор мекунанд.

**Ғозиқул**
**(1922-2002)**

Ғозиқул писари Хосамоҳ ва Давлатмандбий буда, 80-сол умр дид. Дар шаҳраки Ховалинг зиндагӣ кард. Устои номии чубтарош, табиби халқӣ ҳалиму хоксор ва боҷасорату меҳнатдӯст буд. Аз модар ба ӯ зебогӣ ва аз падар ғурӯру шӯҷоат боқӣ монда буд. Фарзанду наберагони зиёде ёфт.

Фарзандонаш: Чинигул, Тӯрақул, Ҷӯрақул (Ҷӯрахон), Рӯзигул ва Чинигул 9-фарзанд, аз ҷумла 2-писар, Тӯрақул 8-фарзанд, аз ҷумла 7-писар, Ҷӯрақул 7-фарзанд, аз ҷумла 1 писар доранд ва онҳо дар шаҳракҳои Ховалинг ва Восеъ зиндагӣ мекунанд.

Ғозиқул, ки соли 1922 ҳангоми ба шаҳодат расидани падараш ба дунё омада буд, ин номро гирифта аст ва 29 июли соли 2002 дар шаҳраки Ховалинг фавтида, оромгоҳаш дар Мазори Хоҷа Аюби Ансорӣ, дар шафати турбатҳои авлодони Қосим Туқсабост.

Писараш Тӯрақул, соли таваллудаш 1950, хатмкардаи Донишгоҳи техники Тоҷикистон буда, бунёдкори хубест. Ӯ дар бунёди як сил-сила бунёдкориҳо, аз ҷумла масҷидҳои Доробӣ, Лоҳутӣ ва дигар деҳаҳо саҳми арзанда дорад.

Ҷӯрақул бошад, санъаткор буда, роҳбари мусиқии ансамбли тарона ва рақси «Чилчанор»-и хонаи фарҳанги ноҳияи Ховалинг мебошад. Ӯ навозандаи беҳтарин буда, оҳангҳои зиёде эҷод карда аст.

Чинигул ба омӯзгори номӣ, Аълочии маорифи халқ, дорандаи орденҳои «Дӯстии халқҳо» ва «Байрақи Сурхи Меҳнат» Хайрулло Раҷабов хонадор буд.

Рӯзигул бошад, ба корманди ҳифзи ҳуқуқ, собиқ раиси суди ноҳияи Восеъ Сироҷ Кабутов хонадор мебошад.

Набераашш Иброҳим Раҷабов ҷонишини сардухтури бемористони марказии ноҳияи Ховалинг аст.

Холо набераву абераҳои зиёди Ғозиқул дар Ховалингу Восеъ, шаҳри

Душанбе ва шаҳру навоиҳои дигар ҳаёт ба сар мебаранд.

Ҷиҳатҳои фарқкунандаи мондаҳои (тухмаш) Хосамоҳу Давлатмандбий аз дигарон дар он аст, ки онҳо хушқаду қомат, баъзе пахлавонҷӯса ҳунарманд ва соҳибистеъдоданд. Писар ё духтар, мард ё зани он дар байни 3-4 нафари ҳамсину солашон бо сифатҳои болоӣ фарқ мекунанд.

Барои ҳамин, дар аксар чорабиниҳои хеле пурмуҳтаво: «Сайри Гули Лола» ва ҷашни ҳазораи «Шоҳнома»-и Абдулқосими Фирдавсӣ, ки солҳои 1989-1990 дар маркази ноҳияи Ховалинг баргузор гардида буданд, нақшҳои асосиро фарзандони ин авлод бозиданд.

Аз ҷумла дар саҳнаи «Достони Рустам ва Суҳроб» нақши асосии Рустамро Тӯрақул ва нақши Сӯҳробро писари ӯ Нусратулло (мутахалис бо номи Хол) бо маҳорати баланди касбӣ бозиданд.

Дар ҷашнгирии 100 солагии Шӯриши халқ бо роҳбарии фарзанди ҷасӯри халқи тоҷик-Восеъи диловар набераву абераҳои Хосамоҳу Давлатмандбий, ба хусус набераи онҳо роҳбари мусиқии ансамбли тарона ва рақси «Чилчанор» Ҷӯрақул Зоиров (Ҷӯрахони Ғозиқул) саҳми арзанда доштанд.[1]

## Сарварбӣ
## (1860-1956)

Тавре пештар ишора шуд, Сарварбӣ хоҳари Қосим Туқсабо аст ва ба хотири некиҳои Сарҳади Лола ба писари Усто Санг Салим-тоҷир хонадор шудааст. Аз онҳо Эмом, Навгонӣ ва аз зани дигари ӯ Шоҳид, Раҳим Мулло, Мурод ва дигарон ба дунё омадаанд.

Сарварбӣ 76 сол умр дида, соли 1956 вафот кардааст. Салим-тоҷир бошад, тақрибан соли 1977 аз олам даргузаштааст. Шоҳид солҳои инқилоб аз дунё даргузаштааст. Мурод бошад, баъди Инқилоб ба Афғонистон фирор менамояд. Ҳоло духтари ӯ дар Покистон ҳаёт ба сар мебарад.

Духтари Мулло Мурод соли 2003 аз Покистон ба зиёрати

[1] 100 солагии Шӯриши Восеъ соли 1988 ҷашн гирифта шуда буд. Муаллиф.

гузаштаҳояш Ховалинг, пас Мазори Ҳазрати Султон омада буд. Ӯро бобои Шариф Мирзоев роҳбалад будааст.

Миралӣ безурёт буд. Аз Раҳим киҳо боқӣ мондаанд, ба мо маълум нашуд.

**Ҷумъа Салим**
**(1917-2001)**

Набераи Алқатун Қаровулбегӣ, писари Сарварбӣ – Ҷумъа Салим омӯзгор, иштирокчии ҶБВ буд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ «хати сиёҳ»-аш омад. Занаш бо Абдувоҳид ном шахс ба шавҳар баромада буд. Пас зани дигар гирифт. Фарзанддор шуд. Солҳои муҳоҷиркунӣ ба ноҳияи Москва кӯчида, он ҷо солҳои зиёд зиндагӣ кард.

Ҷумъа Салим дар ноҳияҳои Ховалинг, Кӯлоб, Фархор ва Москва солҳои зиёд методист, мудири шӯъбаи маориф ва мудири раишолк (идораи пиллақабулкунӣ) буд.

Ин марди наҷиб далеру шӯҷоъ, шердил, инсондӯсту саховатпеша буд. Шогирдони зиёдеро ба воя расонида хононд.

Ба сағиру кабир, ғарибу ғураббо, бекасу бенаво аз сидқ мадад мерасонд. Чун бобоҳояш Алқатуну Сарҳад соҳибистеъдодҳоро дастгирӣ мекард. Сайъ мекард, ки соҳибистеъдодҳо ба камол расида, аз худ нақше ба ёдгор гузоранд, яке аз шогирдонаш шоири ҷавонмарг Ҳабибулло Файзулло (1945-1980) буд.

Ҷумъаи Салим донишу ғайрати Ҳабибуллои сағирароро ба дил гирифта, ӯро ҳамаҷониба чун падар ёрии моддӣ мерасонд, ки ин дар шеъри «Кулчаи ширмол»-и шоир баръало зикр ёфтааст.

**Ҳабибулло Файзулло**

**Кулчаи ширмол**

**(Ба Ҷумъа Салимзода)**

Бачагӣ буду бепадар будам,
Марди соҳибдиле падар гардид.
Чорасози умеду ормонам,
Ҳардам аз ҳолам бохабар гардид.
Субҳидам мебаромад аз хонааш
Кулчаи ширмоле буд дар даст,
Паҳн карда ба назди ман хонаш,
Сила карда сарам ҳаме биншаст
Баъди ҳар як наҳор хӯрданҳо,
Сӯҳбати мо баҳори хондан буд.
Дафтару рӯзномаҳо сармашқ,
Ҳуҷҷати неку ҳам бади ман буд.
Гуфт бар ман: агар диҳӣ қавле,
Ки ҳамеша ту нағз мехонӣ,
Дафтару ҳам китоб аз тани ман.
Як сару пои хуб, медонӣ.
Ростӣ доимо ба аҳди хеш,
Чун расад соаташ, вафо мекард.
Ҳар таманно, ки доштам аз ӯ,
Шарти ман панҷ буд, адо мекард.
Чанд соле,  ки гузашт бо ин ранг,
Фикру ёдам китобу дафтар буд.
Чун вафодори аҳду номусу нанг,
Сину ҳамсоли мо баробар буд.
Ногаҳон сарнавишти беандеш,
Байни ҳарду ҷудоӣ афканд.
Сӯхта ҳамчун ахтаре дар хеш,

Ӯ кучову маро кучо афканд.
Бисту як соли умри тӯлонӣ,
Бо хаёлоти диданаш бигзашт,
Бисту як соли умри тӯлонӣ,
Дар сурғоти масканаш бигзашт.
Дидамаш ногаҳон ба маҳфиле,
Байни он пирони нуронӣ,
Гашта мошу биринҷ риши ӯ,
Чорбайтест чини пешонӣ,
Чун нигоҳаш ба чашми ман афтод,
Дар гумоне, ки ӯ хато кардаст.
Охир умре чандине чун ман,
Ошногиву некиҳо кардаст.
Бачагиам ба пеши рӯ омад,
Рӯи гарму дили зулоли ӯ.
Боз дидам ба рӯи дастархон,
Кулчаи сурхи ширмоли ӯ.

Аз Ҷумъа Салим ду фарзанд боқӣ мондааст. Хол бемори рӯҳист. Оламбӣ бошад, дар шаҳри Душанбе ҳаёт ба сар мебарад. Ӯ қаҳрамонмодар буда, ҳамсари собиқ Вазири хоҷагии оби Тоҷикистон Воҳид Шафоев (аз деҳаи Себи Сурх) мебошад. Фарзандони Оламбӣ дар касбҳои гуногун кор карда, дар хидмати халқу Ватананд.

Ҷумъа Салим соли 1917 дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон таввалуд ёфта, 3 январи соли 2001 дар ноҳияи Москва фавтидааст. Ҳоло хонаи охираташ дар гуристони он ҷост…

**Шариф Салим**
**(1013-1986)**

Шариф писари калонии Сарварбӣ буд. Ӯ соли 1913 дар деҳаи Мазор таваллуд ёфтааст. Ҳаёташро сарфи деҳқониву зироаткорӣ ва қаловурии

идораҳои давлатӣ намудааст. Аз ӯ 6-писар ва набераву аберахои зиёде дар қайди ҳаётанд. Фарзандон: Раҳим-сармуҳосиб, Карим-омӯзгор, саввумин духтур ва дигарҳо дар дигар касбҳо ифои вазифа мекунанд.

Писари бобои Шариф Миралӣ бо шеъру шоирӣ дилбохтагии зиёд дорад. Маҷмӯъаи ашъори ӯ чанд соли инҷониб омодаи чоп аст. Инак, намунае аз табъи Миралӣ (Ҳақҷӯ):

**Ба муаллим:**

Кони гуҳар муаллим, ҳам кони зар муаллим,
Аз ҷумла ҷамъи ёрон, арзандатар муаллим,
Шому саҳар нахуфтӣ, дарси ҳунар бигуфтӣ,
Марди ҳунар муаллим, файзи саҳар муаллим.
Бар худ нооромидӣ, ранҷи гарон кашидӣ,
Дар роҳи қисмати мо беш аз падар муаллим.
Шогирд агар хато кард, ё кори нораво кард,
Донам, ки мешави ту хуни ҷигар муаллим.
Ҳар панду гуфтаҳоят, лафзи хушу садоят,
Ҳамвора аз бароям ширу шакар муаллим.
Қурбони гуфтаҳоят, хоҳам, ки пеши поят,
Дурру гуҳар бипошам, эй номвар муаллим
Дар роҳи зиндагонӣ, дар олами маонӣ,
Мо чун ситорагонем, шамсу қамар муаллим.
Ду дида хира кардӣ, то дида во намоем,
З-ин рӯ туро бихонам нури ба сар муаллим.
Пайваста аз  Худованд хоҳад хамеша Ҳақҷӯ,
Аз боғи зиндагонӣ ёбад самар муаллим.

## Ғазал

Сари ман хоки раҳи соҳиби майхонаи ишқ,
Дили ман маскани ишқ асту танам хонаи ишқ.
Эй, ки хони бари ман қиссаву ахбори фузун,
Ту нагӯям ба ҷуз қиссаву афсонаи ишқ,
Ту чӣ донӣ зи ману сӯзи ману оини ман,
Даме нокарда гузар аз раҳи кошонаи ишқ.
Манигар сурати зишту бинигар ботини ман,
Дили ман ҷилвагаҳи орази ҷононаи ишқ,
Ту мазан таъна ману ҳолати маҷнунии ман,
Лаззати ишқ чӣ донад, каси бегонаи ишқ.
Ба ту бахшам самари току маю шарбати ӯ,
Ки манам масти зи худ рафтаи девонаи ишқ.
Ҳақҷӯ, мастаму мастона сухан мегӯям,
Бода менӯшам ман аз соғару паймонаи ишқ.

х х х

Бобои Шариф соли 1986 дар шаҳраки Ховалинг аз дунё даргузашта аст. Турбаташ дар мазори Хоҷа Аюби Ансорист.

## Навгонӣ
## (1917-1957)

Навгонӣ зани бисёр зебо, хушқаду қомат ва ҳалиму порсо буд. Аёми ҷавониву қадрасии ӯ ба солҳои 30-юм ва ҶБВ рост омад.

Рӯзе Авлиёқул Ҳамроқулов гуфтанӣ ҷавони Самарқандӣ, ки дар ноҳияи Ховалинг раисии райпоро ба ӯҳда дошт, аз ҳусну ҷамоли Навгонӣ даракдор шуда, мубталои ишқи ӯ мегардад. Авлиёқул то ҳаде тадбир ҷӯста, барои хонадор шудан ба Навгонӣ кӯшиш мекунад. Билохира, яке аз дӯстонаш Сафар-Фасон, ки бародари Умар Шарифзодаи домоди Сарварбӣ

буд, хостгорӣ карда, Навгониро ба Авлиёқул ба занӣ медиҳанд.

Авлиёқул Ҳамроқулов баъди Калачков дуввумин раиси райпои Ховалинг буд.

Навгонӣ бо Авлиёқул чанд соле зиндагӣ карда аз онҳо Омина ва Сарахон ба дунё меоянд.

Соли 1947 Авлиёқул Ҳамроқулови Самарқандӣ аз олам даргузашт. Пас соли 1948 Навгонӣ ба муаллими Саид Ислом, ки чанд сол пештар аз ҶБВ омада буд, хонадор мешавад ва аз онҳо Шаъмигул (1949) Баргигул (1951) ва Субҳон (1955) ба дунё меоянд.

Навгонӣ дар айни камолот, дар 40-солагиаш, соли 1957 модари 5 фарзанд оламро падруд гуфтааст. Оромгоҳаш дар гӯшаи аҷдодиашон, дар Мазори Хоҷа Аюби Ансорист.

Аз навгонии Сарварбии Алқатун Қаровулбегӣ имрӯз фарзанд набераву аберахои зиёде дар қайди ҳаёт буда, дар ноҳияҳои Ховалинг, Восеъ ва Ҷумҳурии Қазоқистон зиндагӣ мекунанд.

**Омина**
**(1936-1967)**

Омина фарзанди нахустини навгонӣ аст. Ӯ соли 1936 дар Мазори Ҳазрати Султон таваллуд шудааст. Бинобар сабаби устои заргару оҳангари Қосим-туқсабо будани Хӯҷаи Калон Омина ба Андалеби писари Хӯҷаи Калон хонадор карда мешавад. Аз Омина 3-фарзанд ва набераву абераҳои зиёд боқӣ мондааст.

Омина соли 1967 аз дунё даргузаштааст. Писари Омина Абдулваҳҳоб ба тиҷорат машғул мебошад. Духтараш Озода келини зиндаёд Давлаталии Қосим-ҳамсари Рашид аст.

Яке аз духтарони Абдулваҳҳоб-набераи Омина келини Сарахон аст ва бо ӯву аҳли оилаашон  дар Ҷумҳурии Қазоқистон зиндагӣ мекунанд.

**Субҳон**

Субҳон Саидов писари охирини Навгонӣ буда, 28-июли соли 1955 дар шаҳраки Ховалинг таваллуд ёфтааст. Ӯ баъди хатми мактаби миёна ва Донишкадаи санъати Тоҷикистон солҳои зиёдест, ки дар ин ҷода кор мекунад. Ӯ роҳбари хонаи эҷодиёти халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ҳоло сарметодисти шӯъбаи фарҳанг ва роҳбари театри лухтаки ноҳияи Ховалинг буда, ба унвони Аълочии Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мушараф гаштааст.

Субҳон Саидов лауреати чандин фестивал-озмунҳои умумииттифоқист, оиладор ва соҳиби 6-фарзанд аст. Ҳамсараш Раъно Қодирова хонашин мебошад.

**Сарахон**

Сарахон дуввумин фарзанди Навгонӣ буда, аз номи ҳокими охирини Хатлон Сарахон - атолиқи дӯст, ҳамзамон ва қадрдони Сарҳади Лолапарвоначӣ ва писараш Алқатун Қаровулбегӣ номгузорӣ шудааст.

Навгонӣ, ки аз модараш Сарварбии духтари Алқатун Қаровулбегӣ дар бораи Мизробихону Сарахон ва дигар ҳокимони ин сулола бисёр шунида буд. Исёни Сарахон ва далериву шӯҷоати онро медонист, писарашро ба ҳамин хотир Сарахон ном монд.

Сарахон соли 1945 дар шаҳраки Ховалинг ба дунё омада, то соли 1957, соли фавти модараш Навгонӣ дар Ховалинг хонд, пас ба хонаи тағояш Ҷумъа Салим, ба ноҳияи Москва рафта, зиндагӣ кард ва соли 1963 синфи 8-и мактаби маркази ноҳияро хатм намуд. Пас аз он дар Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳри Қурғонтеппа хонд.

Соли 1964 ба хизмати аскарӣ рафта, дар нимҷазираи Манқишлоқи Қазоқистон хизмат кард. Дар он ҷо ба Алма ном духтари қазоқ хонадор шуд. Инак, бештар аз 40 сол инҷониб ӯ дар он мулки дур ҳаёт ба сар мебарад ва аз Алма соҳиби 5-фарзанд аст. Лола аз номи бобокалонаш ном гирифтааст. (1969) Рустам(1970), Каримхон (1974), Салим (аз номи бобояш, 1977) ва Мазгудах (1983).

Лола Донишгоҳи техники шаҳри Ленинградро хатм карда, дар шаҳри

Оқтав техник-мошинчӣ аст.

Рустам хатмкардаи Академияи ҳарбӣ, афсари қисми низомӣ. Салим омӯзишгоҳи ҳарбии шаҳри Алмаатоpo хатм карда қумандони рота мебошад. Мазгудах хатмкунандаи Академия аст.

Ду келини Сарахон аз авлодҳои худаш аз Ховалинг мебошанд. Ӯ соҳиби 10-набера буда, аз авлоди модариаш ифтихор дорад.

Ба акаи Сарахон 10-сентябри соли 2003 дар таги Чилчанор тасодуфан вохӯрдам. Ӯ бо келину набераҳояш аз Қазоқистон ба Ховалинг, ба хабаргирӣ омада будааст. Банда барои иштироку назорат дар кандани пойдевори мақбараи Ҳазрати Султон, ки чандин рӯз он ҷо будам, мерафтам. Дар назди осорхона будам, ки раиси хоҷагии Доробӣ Ҷангихон Одинаев дар мошине ба бозор бодиринг овард. Ӯ хоҳиш намуд, ки бодиринге бихӯрам. Як дона бодиринг гирифта, бо ӯ хайру хуш кардам ва хостам, ки бодирингро дар чашмаи зери Чилчанор шуста бихӯрам. Ҳамон т авр ҳам кардам. Чун ба назди Чилчанор рафтам, Субҳон Саидов бо марде менишаст. Маро ӯ даъват кард ва ба ӯ шиносонд. Маълум шуд, ки он кас Сарахон, бародари Субҳон-писари Навгонии Сарварбии Алқатун-қаровулбегии Ҳокими Мазори Ҳазрати Султон буда аст.

Ҳамин тавр, бо як сабаби бодиринг қисмат маро бо он кас ошно намуд, вагарна зимнан тасаввурот надоштам.

Пас, чанд бори дигар бо Сарахон дар Мазори Ҳазрати Султон ва Ховалинг вохӯрдем.

Сарахон, марди тануманди хушсимо, хушсарулибос, хушчақчақ буда, дар бештар аз 40 соли дур аз Ватан буданаш ба забони модарӣ бе нуқсон тозаву ширин ҳарф мезанад…

**Давлатбӣ**

**(1920-1989)**

Яке аз аввалин омӯзгорони ноҳияи Ховалинг ва пас, курси муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб Умар Шарифзода, ки зикраш пештар рафта буд, домоди Сарварбӣ буд. Духтари Сарварбӣ Давлатбӣ ном дошт

ва солҳои зиёд бо Умар Шарифзода зиндагӣ кард. Ҳоло аз Давлатбӣ 6-фарзанд: 2-писар, 4-духтар, набераву абераҳои зиёд дар шаҳраки Ховалинг ҳаёт ба сар мебаранд. Писараш Салом Шарифзода сардори хадамоти муҳоҷирати ноҳияи Ховалинг мебошад. Сафар бошад, коргар аст.

Баъди вафоти Салим-тоҷир (1917) Сарварбии ҳамсари ӯ ба Назар-додхоҳ хонадор шуда, аз онҳо Давлатбӣ ба дунё омадааст.

Тавре пештар ишора кардем Шариф, Ҷумъа, Эмом ва Навгонӣ фарзандони Сарварбӣ аз шавҳараш Салим-тоҷир мебошанд. Давлатбӣ духтари Назар-додхоҳ аст. Назар-додхоҳ бошад, охири солҳои 20-уми қарни XX ҳангоми тафтишот дар шаҳри Душанбе (дар маҳкама) фавтида аст.

Давлатбӣ 22 июни соли 1989 вафот карда, оромгоҳаш дар гӯристони Мазори Хоҷа Аюби Ансорист.

Фарзандони Салом: Нурулло-коркуни хоҷагии ҷангал, Баҳрулло баъди хатми Донишкадаи кишоварзӣ кишоварз буда, дигарҳояшон коргар ва мактабхон мебошанд.

## ОРЗУ
## (1900-1992)

Орзу писари Бойаҳмади Ашӯр-парвоначӣ аст. Ашӯр-парвоначӣ ва Сафар-парвоначӣ фарзандони Сарҳади Лола, бародарони Алқатун Қаравулбегӣ мебошанд.

Аз Ашӯр-парвоначӣ Бойаҳмад, Чағатой ва дигарон ба дунё омаданд. Бойаҳмад ба Ҳалимамоҳ ном духтари паранакӣ хонадор буд. Аз Ҳалимамоҳ Орзу ба дунё омад. Чун Бойаҳмад аз дунё даргузашт, Ҳалимамоҳ ҳамроҳи Орзу дар маҳаллаи Замбӯраки Гузари Қозӣ мезист. Нимаи дуюми солҳои 20-уми қарни XX Ҳалимамоҳ ба Халифа Сайиди паранакӣ мутахаллис Ба Эшони Алааспа издивоҷ мекунад.

Вақте, ки модари Орзу Ҳалимамоҳ ба Халифа Сайид ба шавҳар баромада, деҳаи Паранак рафт, Орзу дар хонаи Қосим Туқсабо монд.

Боиси зикр аст, ки қисме аз мардуми деҳаи Паранак бо авлоди Сарҳади Лола равобити хешутаборӣ доштанд. Суфӣ Гавҳарбии зани Алқатун Қаравулбегӣ аз Паранак, аз авлоди Теша-паҳлавон ва Зоир-қаравулбегӣ буд. Духтари Зоир-қаравулбегӣ хоҳари Теша-паҳлавон Анварбӣ ба Сафар-Фасон, духтари Сарварбӣ-набераи Алқатун ба бародари Сафар-Фасон Шарифзода хонадор буданд. Аз Анварби 3 фарзанд буд. Ҳоло духтараш Ойҷонбӣ дар шаҳри Кӯлоб ҳаёт ба сар мебарад. Ӯ завҷаи зиндаёд Абдулло Рӯзӣ аст.

Теша-паҳлавон ҷасади дар хун оғуштаи Қосим Туқсаборо аз якка-чинори шаҳри Душанбе бо чанд нафари дигар ба Ховалинг оварда буд. Ӯ баъди ба шаҳодат расидани Қосим Туқсабо ба Афғонистон ҳиҷрат кард: баъди чандин соли зиндагӣ, соли 1960 бегоҳии Иди Қурбон фавтида, мурдаи ӯро пешнамоз кардаанд. Ҳоло писараш дар Покистон зиндагӣ мекунад...

Тавре дар гуфтаҳои қаблӣ ишора буд. Орзу писарамаки Қосим Туқсабо аст. Ӯ баъди сари падар хидматгории Алқатун ва писари ӯ Қосим Туқсаборо ба ҷо меовард. Ҷавони хушқаду қомати ба дасту панҷа ва хушфеъл буд. Худо ба ростӣ, ҳалимӣ, меҳнатдӯстӣ ва хислатҳои накӯяш ӯро маҳбуби хонадон гардонида буд.

Алқатун-қаровулбегӣ ба ӯ чун падар муносибат менамуд, ӯро дӯст медошт.

Модари Орзу, ки ба Эшони Алааспа хонадор шуда буд, аз он кас як духтару як писар ёфт. Писараш Абдулмаҷид ва духтараш Шарифамоҳ. Аз Абдулмаҷид Нурулло, Ҳикматулло, Хайрулло ва Ойтилло дар деҳаи Ғелот зиндагӣ мекунанд. Аз онҳо набераву абераҳои зиёд аст. Хайрулло бунёдкунандаи меҳмонхонаи Мазор мебошад.

Чун дар набарди соли 1920, дар маҳаллаи Яккачинори шаҳри Душанбе Қосим Туқсабо шаҳид шуд, зани ӯ Шаъмигул Давлатова (1881-1979) бо фарзандонаш муҷаррад монд.

Бо маслиҳати Суфӣ Гавҳарбӣ, бо мақсади он, ки фарзандони Қосим Туқсабо сағираи дари хонаи мардум нашаванд, Шаъмигулро никоҳ карда,

ба Орзу ба занӣ доданд.

Соли 1932 дар оилаи Шаъмигул ва Орзу писаре ба дунё омад; ки ӯро аз номи бобояш Бойаҳмад ном монданд. Пас новобаста ба авзои ҷомеъа Аҳмад ном гирифт, баъди Аҳмад Маҳмадулло таваллуд ёфт.

Орзу соли 1957 бо розигии Шаъмигул ба Марворӣ ном духтар хонадор шуд. Аз Орзу ва Марворӣ Зумратбӣ, Гавҳарбӣ, Сарварбӣ, Раҳматулло, Убайдулло, Ҳикматулло ба дунё омаданд. Раҳматулло соли 1961 таваллуд ёфт. Мактаби миёна ва техникуми кооперативиро хатм кард. Солҳои 1979-1981 дар Олмон хизмат кард. Пас, аз соли 1981 ба кор пардохт. Ӯ ҳоло сармуҳосиби (сарбухгалтери) шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ховалинг аст. Убайдуллову Ҳикматулло бошанд, дар корҳои гуногун кор мекунанд.[1]

Гавҳарбӣ аз номи Суфӣ Гавҳарбӣ номгузорӣ карда шуда, ҳоло дар деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ зиндагӣ мекунад.

Маҳмадулло ва бобои Аҳмад нафақагир буда, дар зодгоҳи падарӣ ҳаёт ба сар мебаранд.

Аз шахсони мазкур фарзанд, набера ва аберaҳои зиёде дар зодгоҳи падарию бобоӣ ва ноҳияҳои дигар дар хидмати мардуми диёранд. Чун сухан аз Орзуи писари Бойаҳмади Ашӯр-парвоначӣ меравад, фишурдаи саргузашту ҳаводисеро ёдоварӣ намудан айни мудаост.

Соли 1950 буд. Вобаста ба талаботу авзои замона лозим омад, ки бори дигар боқимондаҳои «унсурҳои бегона», «муштзӯр», «кӯлак», «бой», яъне боқимондаҳои амалдорони гузашта шаҳди нозукиҳои сиёсати замонаро бичашанд ва ёде аз гузаштагони худ накунанд. Ин буд, ки аҳли оилаи Аҳмади Орзу дар он рӯйхати замон афтид. «Орзу фарзанди амалдори гузашта ва хидматгори Қосим-туқсабо аст»,- гуфта, ӯро маҷбуран бо аҳли оилааш 19-июни соли 1950 ба колхози ба номи Будёний, ноҳияи Арикболики вилояти Кокчитови Қазоқистон ба лагери ислоҳотӣ бадарға карданд.

Ин дуюмбора ҷазодиҳии Орзу буд. Ҷазои якумаш як сол - солҳои

[1] Марворӣ духтари Аюби шикорчӣ буд

бистум бо Эшони Алааспаи падарандараш дар маҳбаси шаҳри Кӯлоб маҳбус буданаш аст.

Душманони бадху тухматеро дар ҳақи Орзу печонида буданд, ки гӯё Орзуи «душмани халқ» 500 аскар ба муқобили ҳукумат тайёр карда бошад. Чун дар ҳуҷҷатҳояш соли таваллуди онро 1910, яъне даҳ сол хурд навишта, пешниҳод намуданд, пас ӯро ҷавон гуфта, аз маҳбас озод карданд…

Акнун бадарғакунии дувумбора, гирифтори азобу уқубат гардидани ӯ ва аҳли оилааш буд…

Азоби бадарғашавӣ ба мулки дурдасти ҷаҳаннамсифатро касоне медонанд, ки шаҳди зулмату ғурбат чашидаанд. Аҳамди Орзу низ дар қатори дигарон бо аҳли оилаи худ ин рӯзҳои «сиёҳ»-у бадбахтиро дидаанду аз сар гузаронидаанд. Албатта дар тасвири он мушкилоту девори пешорӯи байни ҳақиқату тӯҳмат қалам оҷизӣ мекунад…

Кофист ишора намоем, ки чун аҳли оилаи Аҳмади Орзу, оилаҳои зерин низ аз ҷабри замона таллаву тороҷ шуда, он ҷо буданд:

1. Андалеби Хоҷа, акаи Муҳаммадраҳими Хоҷаи Калони устои заргару оҳангари Алқатун Қаровулбегӣ.
2. Зарифи Одинабой.
3. Холи Назар-хидматгору домоди Қосим Туқсабо.
4. Ҷалол Шариф
5. Усто Табар ( аз деҳаи Каримбой)
6. Боқӣ, аз Хонакоҳ
7. Каҷмилиса, аз шаҳраки Ховалинг
8. Зани Расул Бобошо (раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Ховалинг) бо ду фарзандаш.
9. Акаи Бозор Қайроқ, аз деҳаи Охтерак
10. Раиси Хоним, собиқ раиси Ҷамоат ва колхоз, аз деҳаи Сари Пул.
11. Сафол, аз деҳаи Талбар
12. Бозоргул, Сафаргул, ҳарду бешавҳар аз Ёкунҷи Сари Пул

Ин рӯйхат хеле дароз аст. Аксари онҳо аз як ҷо, аз ноҳияи Ховалинг

мебошанд.

Ба мисли онҳо аз тамоми ҷумҳурӣ 5 ҳазор оилаҳо аз дигар шаҳру навоҳиҳои Ватан ва ҳазорҳо нафари дигарон берун аз он дар «ислоҳ»-шавӣ буданд.

Чун аён гашт, ки ин тадбири сиёсатмадорони давр чандон бар талаботи ҳуқуқу вазифаҳои инсонӣ рост намеояд, баъди вафоти Сталин (1953) Маленков ба сари ҳокимият омад ва бо амри марказ ҳама «сафед»-у бегуноҳ донista, аз ғурбати бадарға ҷавоб дода шуданд. Вале, аллакай бисёр талафоти рӯҳиву ҷонӣ шуда буд. Ҷалол барин садҳо одамон аз таъсири камера, ҳабсхонаҳои тангу тори бадбӯй ва азоби бадарға ҳалок шуданд.

Чун Орзу бо аҳли оилааш аз барға озод шуд, ба зодгоҳаш Ховалинг омда, зиндагӣ ихтиёр намуд. Бо вуҷуди меҳнати ҳалол ва поктинативу ватандӯстиаш зиндагии ӯ ранги хубе намегирифт. Аз ин рӯ ва дигар паҳлӯи ҳаёт ӯ соли 1958 ба колхози ба номи Карл Маркси ноҳияи Восеъ, ба деҳаи Раҳмонбердӣ кӯчид. Он ҷо бо деҳқонӣ машғул шуд, кор кард ва чанде пас, соли 1977 боз ба зодгоҳи худ баргашт.

Бобои Орзу ба нафақа баромда, чанде давлати пирӣ ронд ва дар 92 солагӣ, соли 1992 вафот кард. Ҳоло оромгоҳаш дар гӯшаи авлодӣ, дар гуристони Мазори Хоҷа Аюби Ансорист.

Ишораи дигаре низ лозим аст. Аҳмади ҷавон истеъдоди баланди фитрӣ дошт. Ӯ дар мактаби миёнаи ба номи Сталини ноҳияи Ховалинг мехонд. Чун истеъдодаш хеле баланд буд, зарур дониста, вайро ба мактаби миёнаи ба номи Ворошилови шаҳри Кӯлоб ба таҳсил равон карданд. Аҳмад, ки бо баҳои хубу аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил мекард, дар як муддати начандон кӯтоҳ соҳиби обрӯ шуд. Ӯ ҳамсину сол, ҳамсинф ва дӯсти Шоири халқии Тоҷикистон, зиндаёд  Ашӯр Сафар буд. Аҳмади Орзу ва устод Ашӯр Сафар аз як гиребони дӯстиву бародарӣ ва донишомӯзӣ сар бароварда буданд. Мудом намунагӣ зоҳир карданд, ояндаи нек пеши ҳарду буд.[1]

[1] Имрӯз писари Устод Ашӯр Сафар – адиби соҳибистеъдод Гурез Сафар дар чопи ин китоб саҳм дорад.

Чун абри сиёҳи шохнами осмони тирагуни замон бо тундбоди туҳмату бӯҳтон дар гузар шуд. Аҳмадро бо аҳли оилааш зери хавфу хатари бадарғагӣ гузошт. Акнун хондани Аҳмад «калакан» шуда, дар ибтидои роҳ монд.

Устоди зиндаёд Ашӯр Сафар хонд, шахси шинохта, адиби машҳур шуда, унвони мардумии «Мавлавӣ» ва Шоири Халқии Тоҷикистонро сазовор гашт. Чун хушачини собиқи хирмани сухан, шогирди вафодори ҳамдиёри Аҳмади Орзу шоир ва Ҳофизи халқии Ҷумҳурӣ, Артисти хизматнишондодаи ҷумҳурии Тоҷикистон устод Саидалӣ Ализода буд.

Саидалӣ Ализодае, ки бо тӯҳмат солҳои сиюм чун Аҳмади Орзу барин одамони бегуноҳ ба Оқмуллои Қазоқистон бадарға карда шуда буду духтараш Майдагул ва додараш Аҳрорро он ҷо аз даст дода буд…

Саидалӣ Ализодае, ки соли 1936 баъди бадарға сарварии маҳфили ҳаваскорони санъати хонаи бачагонаи ноҳияи Ховалингро ба ӯҳда дошт ва ҳамкору ҳамдами муаллим Давлаталӣ Қосим ҳисоб меёфт.

Шоири халқии Тоҷикистон устод Ғаффор Мирзо аз илму донишу маҳорати Давлаталӣ Қосим, ки дар саҳифаҳои қаблӣ ёдовар шудем, аз маҳорати Саидалӣ Ализода низ бисёр чизҳо омӯхтаю бархӯрдор буд. Зимнан устод Ғаффор Мирзо даврони бачагиашро ба ёд оварда бахшида ба 70-солагии Саидалӣ Ализода, аз ҷумла менависад: «Ализода ҳамчун санъатвари ҳақиқи хуҷайраҳои дили мардуми кӯҳистонро якта ба якта медонист. Барои ҳамин ба хандонидан ё гирёнидани шунавандаи худ қудрати комил дошт.» (Нигаред. «Тоҷикистони Советӣ» 15-маи соли 1970)

Бадарғаи Сталинӣ ба истеъдоди Устод Саидалӣ Ализода таъсир накард, вале сад ҳайф, ки миёни маҳорату ҷасорати Давлаталии Қосим ва писарамаки ӯ Аҳмади Орзуро шикаст, вагарна

---

Муаллиф.

кӣ медонад ояндаи онҳо чӣ маҷро ва роҳу равиш мегирифт?!...[1]

Ҳайфо, ки тири истеъдоду ғайрати Аҳмади Орзуи Бойаҳмади Ашӯр-парвоначии Сарҳади Лола бар хоки бадарғагӣ афтид. Бадарғашавӣ ҳамаи орзуҳои Аҳмади Орзуро шикаст. Аҳмад баъди бадарға солҳои 1955 56 курси тракторчигиро хонда, бо ин касб то охири умр дар Ховалинг кор кард. Ҳамаи ғайрату салобаташро сарфи меҳнату ободии диёр намуд. Ин буд, ки ӯ бо медалҳои «Садсолагии В. И. Ленин», барои меҳнати шоён, собиқадори меҳнат ва бисёр мукофотҳои пулӣ қадр карда шуд.

Ҳоло дар нафақа буда, ёде аз он рӯзҳои тираю тор мекунад ва фарзандонро дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳнатдӯстӣ ва инсонпарварӣ тарбия менамояд.

Имрӯз Аҳмади Орзу дар зодгоҳи падарӣ умр ба сар мебарад.

## Охунди Мулло Садир
## (1870-1955)

Охунди Мулло Садир писари Ашӯрбой, додари Алқатун Қаровулбегӣ мебошад. Ӯ соли 1870 дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон таваллуд ёфта, чанд соле дар деҳаи Навободи Мазор, пас дар шаҳраки Ховалинг зиндагӣ мекард. Дар мадрасаҳои Мазорва шаҳраки Ховалинг хонда буд. Соҳибистеъдоду донишманд буд, ки ӯ унвони «охунд»-иро сазовор гашт. Соҳибэҳтироми мардум буд.

Аз Охунд Кабир, Абдулло, Маҳтовбӣ, Рӯзигул ва дигарон ба дунё омаданд.

Кабир дар ҷанги Бузурги Ватанӣ, соли 1944, дар корзори Смоленск шаҳид шуд. Маҳтовбӣ ва Раҷабгул солҳои 1945-1946 аз олам даргузаштанд.

Охунд, ки баъди инқилоб ба деҳқонӣ шуғл меварзид, бо ҳимояи

[1] Дар бораи Орзу ва модари ӯ Ҳалима, Эшони Алааспа – Халифа Сайиди Паранакӣ дар китоби С. Ҳасанзода. «Дарёи нур», «Нодир», 2007. саҳ 35-41, 124, 329 маводҳои мавҷуда саҳв мебошанд. Ҳалимаи зани Бойаҳмади писари амаки Қосим Туқсабо, аслан аз деҳаи Паранак буд. Муаллиф.

Ҷаббор Ғаффоров (падари муаллим Ҳасан Ҷаббор) ва ҷиянаш аз бадарғаву ҷазоҳои замон раҳида, соли 1955 вафот кард. Оромгоҳаш дар мазори Дашти Кавақ аст.

Ҷиянаш Ҳалими Лоҷвард аъзои дастаи ихтиёронаи Шариф командир буд ва соли 1932 дар муҳорибае дар Ёкунҷ аз дасти «босмачиён» паронида шуда буд, оромгоҳаш дар назди идораи собиқи милисаи Ховалинг мебошад.

Писари Охунди Мулло Садир Абдулло Садир ҳоло дар шаҳраки Ховалинг зиндагӣ мекунад. Ӯ иштирокчии ҶБВ аст. Ҳаёташро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст. Омӯзгори фанни таърих буд, ҳоло давлати пирӣ меронад.

Аз Абдулло Садир 8-нафар фарзанд буд. Писараш зиндаёд Хоркаш соли 1994 дар ҷанги шаҳрвандӣ шаҳид шуд. Ӯ меъмору бунёдкори асил буд. Дар ноҳияи Ховалинг бунёдкориҳои зиёде кардааст.

Ҳоло 7-нафар фарзандонаш дар қайди ҳаётанд. Нусратулло аз соли 1980 дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ кор мекунад. Ҳоло раиси суди ноҳияи Ёвон аст. Дигараш бошад, полковник, омӯзгори Академияи милисаи шаҳри Душанбе мебошад. Моҳпора духтур буда, дигар фарзандонаш дар касбу корҳои гуногун ифои вазифа менамоянд.

## Чағатой
## (1890-1979)

Чағатой духтари Ашӯр-парвоначии додари Алқатун Қаровулбегӣ мебошад. Ӯ зани далеру шӯҷоъ, аспсавори хуби мардинасурат ва кадбонуи беҳтарини Ховалинг буд. Ӯ, яъне духтари Ашӯр-парвоначии писари Сарҳади Лола мебошад.

Дар соли 1890 дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон ба дунё омада, камол ёфтааast. Баъдтар ӯ ба Рашид ном шахс дар деҳаи Мазор хонадор мешавад.

Писараш Ғаффор (1915-1991) иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маҷрӯҳи гурӯҳи дуюм буд. Ҷаббор фарзанди калонӣ, пас Ғаффор, Шаҳидулло, Сафару Сафия ва Чағатой ба дунё омадаанд. Аз онҳо имрӯз фарзанд, набера ва абераҳои зиёд дар қайди ҳаётанд.

Пирони солор сифати ҷасӯрӣ, аспсаворӣ ва ҳунармандиву кадбонугии Чағатой, хушқаду қомативу зебогию сабзинагии ӯро низ васф мекарданд.

Аз ин рӯ, зимни пажӯҳиш боре ба набераи он кас Ҳусайни «электрик»-сокини шаҳраки Ховалинг вохӯрда, дар қатори сифати боло аз зебоии Чағатой нақл кардам. Ҳусайн хушҳол шуда, табассум дар лабонаш гул кард. Аз ин шакарханда сабаб пурсидам:

- Чӣ, ба ёдат омад – Ҳусайн, бигӯ то чизе бинависам?

Аз суоли ман боз хушнудтар шуда, хандид ва овоз баровард.

- Бачаҳалок, бисёр занаки хушқаду қомату зебо будааст, вале сабзина. Анна ҳамин суп-сиёҳии мо ва бародарону раҳматии падарам ба фикрам аз ӯ мондааст.

- Не,- гуфта, бо шӯхӣ илова намудам. – Сабзинагии шумо аз бобоятон мондааст на аз бибиатон…

Набераи Чағатой Нури Рашид-раиси хоҷагии шолипарварии ноҳияи Қумсангир буд. Набераву абераҳои дигараш дар касбу корҳои гуногун дар хизматанд. Дар бораи сифатҳои дар боло ишора кардаи мо оиди Чағатой дар байни пирони солори Ховалинг нақлу ҳикояҳои ибратбахш аз даҳон ба даҳон мегузаранд.

Бобои Абдулло Охунди Мулло Садир нақл мекунад, ки Чағатой ҳатто дар дами кампириаш аспсавора омада падарам Охундро хабар мегирифт.

Имрӯз аз Чағатой набераву абераҳои зиёд дар Ховалинг, Фархор, Қумсангир ва ноҳияҳои дигар зиндагӣ мекунанд.

## Охунди Мулло Сафар
## (1855-1971)

Охунди Мулло Сафар писари Усто Санг, ки дар саҳифаҳои қаблӣ дар бораи зикр намудем, соли 1855 дар деҳаи Мазор ба дунё омад. Муҳити оилаи онҳо вазнин буд. Оилаи аёлманд. Бо вуҷуди он, бо мадади бародараш Салим-тоҷири домоди Алқатун-қаровулбегӣ дар мадрасаҳои Мазор, шаҳраки Ховалинг, Тебалай ва дар назди пири рӯхонии Ҳазрати Зелолак ва Ҳазрати Авлиёи Марҳумӣ таҳсил намудааст.

Охунд, аз ҷумла даҳ сол дар мадрасаи Тебалай таҳсил кард. Апаи ӯ Заҳро низ дар Тебалай хондааст. Писари Заҳро Ҳалими Сурнайчӣ буд. Боиси зикр аст, ки Охунди Мулло Сафар баъди мадрасаҳои ишорашуда даҳ сол дар мадрасаи Тебалай, 5 сол дар назди Ҳазрати Авлиёи Марҳумӣ пири Ҳазрати Чақон, дар Яхакпасти Қаротегин таҳсил кард. Аз ин рӯ, дар 45-солагиаш зан гирифта, хонадор шуд. Ва солҳое, ки муриди Ҳазрати Зелолак буд, аллакай солаш ба ҷое мерасид ва кӯдакони хурдсол дошт. Барои ҳамин вақте, ки ӯ ба Мазор-хонаашон равон мешуд, Ҳазрати Зелолак мегуфт:

- Бибиҳо, бибии Азамат ҳар чиз биёр Охунд хонааш ба кӯдакоша бибарад.[1]

Азамати духтари Ҳазрати Зелолак ва ё ҳамсари ӯ савғотӣ оварда ба Охунд медод…

Зикри Охунди Мулло Сафар ва Охунди Мулло Далатманди Мазориро дар китоби «Ҳазрати Султон», Душанбе, 2001 овардаам.

Охунди Давлатманд хатмкардаи мадрасаҳои Бухоро буд. Ӯ соли 1871 дар мазор таваллуд шуда, соли 1936 дар шаҳри Душанбе дар маҳбас (аз касалии шикамдард) аз дунё даргузаштааст.

Охунди Мулло Сафар дар мадрасаҳои дар боло ишоракарда ва уламаҳои номбурда таҳсил карда буд. Чанд боре Домулло Бӯрҳон

[1] Аз нақлҳои Махдуми Абдулфайзи писари Охунди Мулло Сафар. Муаллиф.

Сафарро барои хондан дар мадрасаҳои Бухоро ҳидоят карда буд, вале аз сабаби паси ҳам фавтидани падару модараш ва дигар паҳлӯҳои зиндагӣ ӯ таҳсилро дар Бухоро идома дода натавонист. Мувофиқи гуфтаи Махдуми Абдулфайзи писари Охунд, Домулло-Бурҳон- муфтии Бухоро – писар-холаи Охунди Мулло Сафар будааст. Мо кадом Домулло Бурҳон будани ӯро аниқ карда натавонистем.

Ӯ 116-сол умр дид. Аз вай фарзандони хубе ба дунё омаданд. Соли 1917 аз дунё даргузашт. Оромгоҳаш дар масоҳати 3 ба 4 метр, гирдаш сафил дар қисми офтоббарои гуристони деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ воқеъ аст.

Авлодонаш аз ҳисоби падарӣ, аз падараш Усто Санг, Усто Назар, Домулло Хобӣ, Домулло Азиз, Ҳазрати Эшони Ясавӣ то ба Шоҳимарди Амир Оли Ҳасан мерасад…[1]

**Махдуми Абулфайз**

Соли 1916 дар оилаи Охунди Мулло Сафар таваллуд ёфт. Дар мадраса, дар назди Абдохолиқ гуфтанӣ кас хонд. Дар давраи Шӯроӣ бошад, синфи 7-ро дар мактаби Мазор хатм кард. Дар колхози ба номи Микоян(баъдтар «Батраки Сурх» ва ба номи Сталин ном гирифт) кор кард. Баъди соли 1958 ба деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ муҳоҷир шуданашон он ҷо низ дар колхози ба номи Ленин колхозчӣ шуда, кор кард. Соли 1971 ба нафақа баромада, дар он ҷо зиндагӣ мекард…

**Абдусамад**

Соли 1919 дар Мазор дар оилаи Охунди Мулло Сафар ба дунё омад. Баъди хатми синфи 7 дар Дараи Сомиа омӯзгор буд. 16 марти соли 1939 ба хизмати аскарӣ рафта, дар ҶБВ (1941-1945) иштирок

[1] Аз нақлҳои Махдуми Абдулфайз.

карда, ҷонбозҳои зиёду даҳшатҳои гуногунро аз сар гузаронид. Пас аз тамом шудани ҷанг ба хона баргашт, боз ба тарбияи насли наврас пардохт. Ба нафақа баромада, ҳоло дар деҳаи Гулистон зиндагӣ мекунад.

Ӯ шоҳиди бисёр ҳодисаву воқеаҳост.

Сайиднуриддини Абдулфайзи Охунди Мулло Сафари Мазорӣ, муаллими калони забони англисии ДМТ, донишманди хуби соҳаи исломшиносӣ, забонҳои арабӣ, русӣ, англисӣ ва тоҷикист. Писари он кас қоҳрии Қуръон, хатмкардаи ДМТ мебошад. Бародари он кас, Ҳадятуллои Сафарзода рӯзноманигори варзида аст.

Аз Охунди Мулло Сафар фарзанд, набераву аберaҳои зиёде дар ноҳияҳои Восеъ, Ховалинг ва шаҳри Душанбе ҳаёт ба сар мебаранд.

**Шайхи Домулло Увайс**

Шайхи Домулло Увайс дар деҳаи Мазори Ҳазрати Султон таваллуд шуда буд. Ӯ таълими ибтидоиро дар мадрасаи Мазор гирифта, пас дар мадрасаҳои шаҳрҳои Ховалинг ва Бухоро хонда буд.

Ба хотири Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ номгузорӣ карда шуда аст. Шайхи Домулло Увайс то инқилоби Бухоро (1920) мудариси мадрасаи Мазори Ҳазрати Султон буд. Ӯ шогирдони зиёдеро таълим дода, ба шоҳроҳи ҳаёт ҳидоят кардааст…

Аз Домулло Увайс Пираҳмад ном писар дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ мекунад. Ӯ домоди Хосамоҳ аст, ки зикраш дар саҳифаҳои каблӣ рафта буд.

**Адо**

Аз Адо Одил ном писаре дар ноҳияи Вахш зиндагӣ карда, фарзанду набераву аберадор аст.

Одил Эмом-хатиби яке аз масҷидҳои ноҳияи Вахш мебошад.

**Ворис**

Соли 1920 буд. Баъди ба шаҳодат расидани Қосим Туқсабо Ҳокимии Мазори Ҳазрати Султон ба души Ворис, писари охирини Алқатун вогузор гашт.

Ворис писари аз ҳама хурдии Алқатун Қаровулбегӣ буд. Ӯ дар деҳаи Мазор ба дунё омадааст. Аз номи Домулло Вориси Ёхсучӣ, ки яке аз домуллоҳои донишманду забардасти қадоваи Ёхсу буд, ном монда шудааст.

Ворис марди хушқаду қомати кулчарӯй буд. Хату саводи хуб дошт. Аммо як пояш мелангид. Ӯ хатмкунандаи мадрасаҳои Мазор ва шаҳраки Ховалинг буд. Ворис аз тирамоҳи соли 1920 то моҳи марти соли 1921 Ҳокимии Мазори Ҳазрати Султонро ба ӯҳда дошт. Дар 4-5моҳи ҳокимии Ворис тамоми қаламрави Мазор барфпӯшу хунуку яхбандӣ буд.

Тавре дар саҳифаҳои қаблӣ ишора намудем, чун тахти амир вожгун шуд, ӯ ба Афғонистон фирор намуд. Моҳи марти соли 1921 Артиши Шӯравӣ то ба Балҷувону Ховалинг омада расид. Пас Ворис бо аҳли оилааш ба Афғонистон фирор намуд. Аз ӯ то ба имрӯз, кӣ мондаю дар куҷо будани онҳо маълум нест.

Хулоса, Ворис охирин ҳокими сулолаи ҳокимони Мазори Ҳазрати Султон мебошад, ки ин сулола бештар аз сад сол ин гӯшаи муқаддаси таърихиро ворис буданд. Гуфтан кофист, ки охирин ворисии Мазори Ҳазрати Султон Ворис буд ва ҳокимони Мазор «Аз Лола то Ворис»-ро дар бар мегирифтанд.

## Охирсухан

Хонандаи гиромӣ! Дар ҳақиқат таърих ва зиндагиномаи ҳар як гӯшаи куҳистони тоҷик ва мардуми он бо сабабҳои маълуму номаълум ҳанузам мавҳуми зери чанги гумномист.

Мо кӯшиш кардем, ки дар тули солҳои зиёд ин гӯшаи фирдавсмонанди ишорашударо омӯзем ва сарчашмаву мадракоти зиёдеро мутолиа карда, дар бораи силсилаи сулолаи ҳокимони он ва боқимондаҳои онҳо маълумотҳо пайдо кунем.

Хушо, дар давоми чор-панҷ соли охир зимнан ҷиддӣ машғул шуда қариб ба ҳамаи бозмондагони ин сулола вохӯрда, аз онҳо ёддошту маводҳои зиёд ҷамъоварӣ намудам. Ба ғайр аз ин, тавассути ҷустуҷӯҳои зиёд ба бисёр мӯйсафедони солору куҳансол, донишмандон, мударисон, эътиқодмандони таъриху тамаддуни гузашта сӯхбат намуда, нақлу ривоят, ёддошт ва гуфтаҳоеро аз забони онҳо навишта гирифтам.

Маълум аст, ки оиди ин давраҳои сарпечидаи ҳаёти мардуми тоҷик адабиёти хаттӣ кам дастрас аст. Бо вуҷуди он, дар давоми бисёр рӯзҳои дар рухсатиҳои меҳнатӣ буданам дар китобхонаи Ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи Миллии Тоҷикистон) будам ва зимнан маводҳо омӯхтаву навиштам.

Як чизи дигар диққатҷалбкунанда аст. Бо вуҷуди ҷангу ҷидолҳо, мунокишаву муборизаҳо, хунрезиву ғасбу ғоратгариҳои байни вилоятҳои хурд-хурди Бухорои Шарқӣ, борҳо дигаргуну ивазшавии ҳукуматдорӣ ва ҳукм рондани хокимони сулолаву қавмҳои гуногун, сулолаи ҳокимони ин гӯшаҳаки Хатлонзамин-мавзеи Мазори Ҳазрати Султон таъғир наёфт. Аз афташ ва шояд аз хотири Бузургвор – Мазори Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ бошад, ки ин сулола бештар аз сад сол Ҳокимии ин гӯшаро давом доданд. Ҳол он, ки сулолаи Ҳокимони Хатлонзамин аз ибтидои асри XIX то соли 1870-ро дар бар мегирифт…

Дар ин давраҳо Тавилхон, Каттахон, Қамчинхон (ду сол ҳангоми дар Бухоро будани Сарахон), Сарахон- атолиқи додхоҳ дар Хатлон ҳукмронӣ кардаанд.

Соли 1870 аз сабаби пахши исёни Сарахон аз тарафи Аморати Бухоро, ӯ ба Афғонистон фирор намуд ва ҳукмронии ин сулола ба охир расид. Аз соли 1870 то моҳи марти соли 1921 Хатлон ба қисмҳо тақсим карда шуда буд ва ҳокимони вилоятҳои хурд-хурди дар заминаи ин вилояти бостонӣ ташкилёфта, қавму қабилаҳои манғит буданд.

Бо вуҷуди он, ҳанӯзам таърихи пурраи мавҳуму сарпеч ва зери гарду ҷанги нобудшавии ин гӯшаи зебоманзари қадима ва сулолаи ҳокимони он рӯи коғаз наомадааст, ки сабабҳояш маълум мебошанд.

Дар ҷустуҷӯи ҷамъоварии маводҳо ва ба табъ расидани ин китоб ба мо мондаҳои ин хонадон зиндаёд Амиралӣ Абдушаидов ва писари ӯ Шакарбек, Субҳон Саидов, Ҷӯрахони Ғозиқул (Зоиров), пирони солор Шариф Мирзоев, Махдуми Абдулфайз, Домулло Абдусамад, Сафаралӣ Сафаров адиб Гурез Сафар ва бисёр дигарон ёрии беғаразона худро дареғ надоштанд.

Дар охир ба ҳамаи онҳое, ки дар чопи ин китоб саҳм доранд, сидқан сипосгузорам.

**Муаллиф.**

**Мундарича**

Сарсухан………………………………………………………………

Боби 1. Лола

Аз ҳокимият то шаҳодат………………………………………………

Боби 2. Сарҳади Лола

«Асои пир ба ҷои пир»………………………………………………..

Нахустҷамъомад………………………………………………………

Ҳашар……………………………………………………………….

Дар қалъа……………………………………………………………..

Ҳавзи Гармобарӯд ва ё Ҳавзи Сарҳад…………………………….

Боби 3. Даврони ҳокимияти Алқатун

Ёде аз гузаштагон……………………………………………………

Аз масири таърих ва авзои замон…………………………………

Аз қиссаи ба Гавҳарбӣ хонадоршавии Алқатун…………………

Шикоргаҳи нав дар Чашмаи Замбӯрак……………………………

Дарвозии ғайратманд…………………………………………………

Косаи сабр лабрез шуд……………………………………………….

Ғазои Восеъ…………………………………………………………

Боби 4. Қосим Туқсабо

«Заринқабоҳ»…………………………………………………………

Ҷамъомади шодбошӣ………………………………………………

Дар роҳ ва ёде аз Хосамоҳ……………………………………..

Пас аз бозгашт………………………………………………………

Меҳмон меояд……………………………………………………….

Ӯ ҳимматбаланд буд………………………………………………

Ӯ далер буд…………………………………………………..

Салим-тоҷир…………………………………………………..

Аз рӯзи вафоти Алқатун Қаровулбегӣ…………………..

Фирор…………………………………………………………

Ба шаҳодат расидани ҚосимТуқсабо…………………..

Хосамоҳ………………………………………………….
Боби 5. Дар даврони Шӯроҳо
Давлаталӣ Қосим……………………………………..
Аслинисо…………………………………………….
Мушкинисо………………………………………….
Абдушаҳид…………………………………………..
Ғозиқул…………………………………………......
Сарварбӣ……………………………………………
Ҷумъа Салим………………………………………
Шариф Салим……………………………………….
Навгонӣ ва фарзандони ӯ……………………………..
Давлатбӣ……………………………………………
Орзу…………………………………………………..
Охунди Мулло Садир…………………………………
Чағатой……………………………………………
Охунди Мулло Сафар ва фарзандони ӯ……………
Шайхи Домулло Увайс ва Адо……………………
Ворис………………………………………………
Охирсухан…………………………………………